**Саидамир Аминов**

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

**Китоби дарсӣ барои синфи 10**

Ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илмии
Ҷумҳурии Қазоқистон ба чоп тавсия кардааст

**Алматы**
**«Жазушы»**
**2014**

УДК 373.167.1 (075.3)
ББК 81.2 Тәж - 922
А 52

**Аминов С.**

А 52 **Забони тоҷикӣ**: *(оқу кітабы)*. Жалпы білім беретін мектептің 10-сыныбына арналған тәжік тіліндегі оқулық.– Алматы: Жазушы, 2014.– 184 с.

ISBN 978-601-200-402-1

УДК 373.167.1 (075.3)
ББК 83.3 (5Тәж) я 72

© Аминов С., 2014
© «Жазушы» баспасы, 2014

ISBN 978-601-200-402-1

## Хонандагони гиромӣ

Вақте ки китобро ба даст мегиреду онро варақ мезанед, ҳайрон нашавед, ки дар он таърифҳои грамматикӣ вуҷуд надоранд. Шумо дар синфҳои V–IX доир ба овошиносӣ, луғат, калимасозӣ ва имло, ҳиссаҳои нутқ, ибора, ҷумлаҳои содаю мураккаб, аломатҳои китобат, услубҳои нутқ маълумоти назарии лозимаро фаро гирифтаед.

Аз ин хотир, мо барои пешгирӣ аз такрори бемаврид аз овардани масъалаҳои назарӣ худдорӣ кардем. Ҳадафи дарсҳои забони тоҷикии синфҳои X ва XI комилан дигар аст. Акнун Шумо ҳар як супориши машқҳоро иҷро карда, ба саволҳо ҷавоб медиҳед ва бо такя ба супоришҳо дар мавзӯъҳои гуногун нақлу иншо ва матнҳо меофаред. Маводи назарии омӯхтаатонро мустақилона дар амал татбиқ мекунед, яъне корҳои анҷомдодаатонро ҷамъбаст карда, хулосаҳои илмию амалии хешро баён месозед. Вазифаи омӯзиши забон дар синфҳои X–XI инҳоанд:

Фаъолгардонии маълумоти забонӣ ва тақвияти самтҳои амалии омӯзиш;

1. омӯзиши забон чун нахустунсури адабиёт ва имкониятҳои тасвиру ифоданокии он дар тамоми сатҳҳо (фонетикӣ, лексикӣ, грамматикӣ);
2. амалан фаро гирифтани навъҳои нутқ (ҳикоягӣ, тасвирӣ ва муҳокимавӣ);
3. такмили саводи имлоӣ ва аломатҳои китобат фарогирии салоҳиятҳои забонӣ амиқгардонии дониш оид ба услубҳои нутқ муносибати оқилона ба калима ва дарки хушоҳангию ифоданокии забони тоҷикӣ;
4. фаро гирифтани ҳусни баёну муошират; васеъ гардонидани маҳорату малакаи дарку таҳлил ва таълифи матнҳо дар мавзӯъҳои гуногун.

Савол ва супоришҳо тавре пешниҳод шудаанд, ки барои дарки маънои матн ва сарфаҳм рафтан ба ҳадафи асоси он мусоидат мекунанд. Ҳамзамон шуморо бештар ба мустақилона фикр кардану дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ дуруст изҳори андеша во медоранд. Матнҳо ҳам аз услубҳои гуногуни забон интихоб ва пешниҳод шуданд, то ки бо онҳо кор карданро ёд гиред ва дар ниҳояти кор нутқи шифоҳию хаттии шумо дар сатҳи лозима рушд намояд, то ки минбаъд дар ҳар мавзӯъ матн офаред.

**1.** Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Пас аз хондани матн ба чӣ хулоса омадед? Дар бораи суду зиёни сухан аз мушоҳидаатон мухтасар нақле нависед.

### Хон ва Жиренше

*(Афсонаи қазоқӣ)*

Боре хон ба соҳили кӯли дӯстдоштаи худ ба шикор рафт. Дар он вай аз тақрибан мавҷуд набудани най (қамиш) мутаассир шуда, сабаби ин ҳодисаро аз Жиренше пурсид.

Жиренше ҷавоб дод, ки дар ин ҷо борон хеле кам меборад ва ба ин сабаб най намерӯяд.

– Борон чӣ рабте ба ин амр дорад, – гуфт хон. – Оё най аз боло об менӯшад? Вай аз реша об мегирад, то миёнаш даруни об аст.

– Борон, ки аз осмон меояд, – гуфт Жиренше,– ба сари най меафтад ва аз баданаш шорида мефурояд ва ба ин сабаб най баргҳои анбӯҳ бароварда, ғафс мешавад.

Хон бо ҷавоби Жиренше розӣ нашуд. Онҳо дуртар рафтанд. Дар роҳ ҳама дар назди об таваққуф карданд ва аспонашонро об доданд. Жиренше даруни об даромада, аспи худро маҳкам аз лаҷом дошт ва нагузошт, ки вай ба серӣ об хӯрад. Хон дид, ки аспи Жиренше мехоҳад об хӯрад ва фармуд, ки онро бигузоранд, об хӯрад.

– Тақсир! – гуфт Жиренше. – Шумо чанде пеш ба ман гуфтед, ки аз сар об нахӯрдан мешавад, он чи аз реша мехӯранд, кофист. Барои ҳамин ман аспро то шикамаш ба об даровардам. Магар бо ин ташнагии асп намешиканад?

Хон баланд хандид...

## ИМЛОИ ҲАРФИ Ӣ

**2.** Порчаро ифоданок хонед. Фаҳмидаи худро нақл намоед. Калимаҳои ҳарфи **«ӣ»** – дорро ёбед ва имлояшонро шарҳ диҳед.

Сухан сардафтари девони ишқ аст,
Сухан ганҷинаи султони ишқ аст.
Зи дил файзе, ки ҷӯйӣ, ҷуз баён нест,

Забони теғ чун теғи забон нест.
Сухан зоҳир кунад сӯзи ниҳонро,
Зи шамъи дил барафрӯзад ҷаҳонро.
Сухан сарчашмаи дарёи ишқ аст,
Сухан сармояи савдои ишқ аст.
Ки гар бар сафҳаи олам набудӣ,
Нишон аз одаму олам набудӣ.
Кӣ ҳоли рафтаву оянда гуфтӣ,
Кӣ чандин маънии поянда гуфтӣ...
Кӣ мутрибро нишотангез кардӣ,
Ҳазор оташ ба як дам тез кардӣ.
Сухан ваҳӣ аст, мо арши баринем,
Сухан сеҳр аст, мо сеҳрофаринем.
Чӣ ҷойи сеҳру эъҷози Масеҳ аст?
Ҳаёти мо зи гуфтори фасеҳ аст.
Ба як дам оламеро зинда созем
В-аз он пас то абад поянда созем.
Касе худ бесухан чун зинда монад,
Дар иқлими бақо поянда монад.

***Бадриддини Ҳилолӣ***

**Луғат**

**сармоя** – асос, сабаб
**савдо** – ҳавову ҳавас, девонагӣ, шайдоӣ
**сафҳа** – саҳифа, сатҳ, рӯйи чизе
**мутриб** – навозанда ва сароянда
**ваҳӣ** – паём ва илҳоме, ки Худо ба пайғамбарон мефиристодааст.
**арши барин** – осмон, тахти баланд
**эъҷози Масеҳ** – мӯъҷиза (кори ҳайратовар) – и Исо, ки бо дамидани нафас мурдаро зинда мекардааст
**фасеҳ** – равшан ва бурро, бофасоҳат

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. **Забони теғ чун теғи забон нест** чӣ маъно дорад?
2. Сухан ба **нишони оламу одам** чӣ муносибат дорад?
3. Ҳаёти инсон ба гуфтор магар вобаста аст?
4. Дар хусуси аҳамияти забон кадом зарбулмасал ва мақолҳоро медонед?

Нависед ва шарҳ диҳед.

**3.** Матнро хонед ва гӯед, ки ҳарфи «ӣ» дар калимаҳои ишорашуда ба кадом вазифа омадааст? Тақлидан ба матн нақле тартиб диҳед ва калимаҳои ҳарфи **«ӣ»** – дорро маънидод карда, имлояшонро дар хотир нигоҳ доред.

Шарифҷонмахдум одами баландқомат, сафедрӯй, мешчашм буда, дар вақте ки ман ба хидмати ӯ даромадам, бисту ҳафт сол умр дошт.

Шарифҷонмахдум дар **хушхатӣ, хушсаводӣ, шеърфаҳмӣ** ва **маорифдӯстӣ** дар байни муллозодагони Бухоро қариб ягона буд. Одатан фарзандони муллоҳои калони Бухоро ба давлат ва шӯҳрати падар мағрур шуда, дар хурдсолӣ бетарбия мемонданд ва ё ин ки тарбияи бад мегирифтанд ва дар **калонсолӣ** аз ҳеҷ гуна корҳои... **бадахлоқӣ** худдорӣ намекарданд ва, бо вуҷуди ин, ба воситаи номи падар ба мансабҳои калон мерасиданд ва бештаринашон мансаби худро сӯйиистеъмол мекарданд. Сабаб ҳамин буд, ки мардуми Бухоро дар ҳаққи махдумон латифаҳои ғалатӣ бофтаанд ва шеърҳо гуфтаанд...

Дар байни ин гуна махдумони калон донишмандон кам ёфт мешудаанд, ки яке аз ҳамон камёбҳо Шарифҷонмахдум буд.

***Садриддин Айнӣ***

**4.** Шеърро ифоданок хонед ва ҳини қироат ба задаи калимаҳое, ки «ӣ» доранд, тавaҷҷӯҳ кунед. Гӯед, ки дар шеър сухан дар бораи чӣ меравад.

Чу беҳ гаштӣ, табиб аз худ маёзор,
Ки беморӣ тавон будан дигар бор.
Чу борон рафт, боронӣ маяфкан,
Чу мева сер хӯрдӣ, шох машкан.
Чу хирман баргирифтӣ, гов мафрӯш,
Ки дунҳиммат кунад неъмат фаромӯш.
Манеҳ бар рӯшноӣ дил ба як бор,
Чароғ аз баҳри торикӣ нигаҳ дор.
Нашояд, к-одамӣ чун курраи хар,
Чу сер ояд, нагардад гирди модар.

Вафодорӣ куну миннатшиносӣ,
Ки бадфарҷомӣ орад носипосӣ...

*Саъдии Шерозӣ*

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Шумо ба гуфтаҳои шоир ҳамфикред ё не? Чаро?
2. **Курра** аз **кура** чӣ фарқ дорад?
3. Муродифи дигари «аз баҳри»-ро ёбед ва кадом ҳиссаи нутқ буданашро шарҳ диҳед.
4. **«Манеҳ»** дуруст ё «нанеҳ»? Чаро?
5. Калимаҳои **«ӣ»** – дори безадаро ёбед ва шарҳ диҳед.

**5.** Матнро хонед ва гӯед, ки аз он чӣ натиҷа бардоштед?

### Ватани мо – Қазоқистон

– Шумо дар куҷо ба дунё омадаед?– пурсид маро боре нависандаи фаронсавӣ .

– Дар Ҷумҳурии Қазоқистон.

– О , чӣ кишвари бузурги зебост! Дар он панҷ Фаронса метавонад ҷой бигирад!

– Бале!– ҷавоб додам ман бо ифтихор. – Замини Қазоқистон аз кӯҳҳои Олтой то соҳилҳои сарсабзи Урал, аз кӯҳҳои Қаратау то шаҳри Петропавловск тӯл кашидааст...

Замини мо бо тилло, оҳан, нефту газ бой аст.

Дар кишвари мо гандуму шолӣ, ҷаву ҷавдор мерӯяд. Киштзорҳои сап-сафеди пахтазор дорем. Боғҳои беканораш себу нок, зардолуву шафтолу, ангур медиҳанд.

Дар ин замини барӯманд ботирҳову оқинҳои бузург, устодони ҳунарманд зиндагӣ кардаанд. Ҳамаи ҷаҳон номҳои Абаю Ҷамбул, Олим Чокан Валихонов, нависанда Мухтор Авезов, академик Каниш Сатпаевро хуб медонад.

Дар ҷумҳурии мо намояндагони яксаду бист миллату халқҳо зиндагӣ мекунанд.

Мо ҳамхун нестем, вале аз як оилаем!

Ҷумҳурии Қазоқистон ватани маҳбуб ва ягонаи ҳамаи мост!

**Луғат:**

**ҳилм** – нармдилӣ, мулоимат
**мардумӣ** – инсонпарварӣ, мурувват кардан
**совидан** – соидан, молидан

**Ба саволҳо ҷавоб диҳед:**

1. **Мабош**-ро боз чӣ хел гуфтан мумкин?
2. Дар **бихӯранд** барин калимаҳо **би**-чӣ нақш дорад?
3. **Бадӣ кардан, дувуми бадӣ кардан** – ро шарҳ диҳед.
4. **Мардумӣ** дар сарсатри охир ба чӣ маъно омадааст?

**6.** Ҳикояро ифоданок хонед ва гӯед, ки ҳикмати он дар чист. Дар калимаҳои ин ҳикоят **ӣ** ба кадом вазифаҳо омадааст? Ҷумлаҳои ишорашударо шарҳ диҳед. Ҳикояро аз ёд кунед.

Ду бародар, **яке хидмати султон кардӣ ва дигаре бо зӯри бозу** нон хӯрдӣ. Боре тавонгар гуфт дарвешро, ки «чаро хидмат накунӣ, то аз машаққати кор кардан бираҳӣ».

Гуфт:

– Ту чаро кор накунӣ, то аз мазаллати хидмат раҳоӣ ёбӣ, ки хирадмандон гуфтаанд: **«Нони худ хӯрдану нишастан беҳ, ки камари заррин ба хидмат бастан».**

Ба даст оҳани тафта кардан хамир
Беҳ аз даст бар сина пеши амир.

***Саъдии Шерозӣ***

**Луғат:**

**мазаллат** – хорию залилӣ
**тафта** – гудохташуда, сӯзон

**Ба саволҳо ҷавоб диҳед:**

1. **Хидмати султон кардӣ**-ро боз чӣ тавр ифода кардан мумкин?
2. Нутқи айнан нақлшуда чаро дар ҳикоя ду хел навишта шудааст?
3. Ҷумлаи охирро маънидод кунед.
4. Андешаи шумо дар мавриди ҷумлаи охир. Розиед ё не? Чаро?

**7.** Хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Дар сарсатри дувум чӣ фикр талқин шуда ва онро нависед ва ба имлои **ӣ** диққат диҳед. Дар мавзӯи нақши шахсони бузург дар муваффақияту пешравӣ иншое таълиф кунед.

Подшоҳ гуфт:

– Ҳар якеро аз шумо кӯшиш ва ҷонсупории махсус аст, ки дигареро нест. Агар роҳбар набудӣ, ҳеҷ офарида ба хонаи ифрит нарасидӣ ва бар ватану маскани ӯ вуқуф ва хабар наёфтӣ. Ва агар шуҷоъ набудӣ, ҳеҷ кас бо сипоҳи деву парӣ муқовамат напайвастӣ. Ва агар бебок набудӣ, ин иллат ба сиҳҳат наянҷомидӣ ва саъйи ҷумла боқиҳо зоеъ будӣ.

– Ҳоли банда ҳамин мизоҷ дорад: агар тухмаи падар набудӣ, замини модар бекору бесамар мондӣ ва агар замин набудӣ, тухм зоеъ шудӣ ва агар устоди насиҳатгар набудӣ, илму ҳикмат дар доираи таълим наёмадӣ ва агар ҳиммати ман бар омӯхтани илмҳо ҷамъ набудӣ, таълиму талқини устодро асаре зоҳир нагаштӣ.

***аз «Ҳаким Синдбод»***

**Луғат:**

**ифрит** – дев
**муқовамат** – истодагарӣ кардан, зиддият кардан
**шуҷоъ** – далеру баҳодур
**сипоҳ** – лашкар, қӯшун
**зоеъ** – беҳуда, бефоида, бесамар
**бесамар** – бенатиҷа
**саъй** – кӯшиш, ҷидду ҷаҳд

**8.** Шеърро ифоданок хонед ва гӯед, ки сухан дар бораи чи меравад. Калимаҳои **ӣ** -дорро навишта, аз ҷиҳати сохт таҳлил кунед.

Ҷафокоро, вафодорӣ биёмӯз,
Зи ёрон шеваи ёрӣ биёмӯз.
Ба ҳар кас рӯзи неъмат аҳд бастӣ,
Фаромӯшаш макун дар тангдастӣ.

Чу нон бардоштӣ, хонро маяндоз,
Намак хӯрдӣ, намакдонро маяндоз.
Набояд рӯзи аввал аҳд бастан,
Пас аз бастан намебояд шикастан.
Зи мо сарриштаи аҳд аст зинҳор,
Ки ин сарриштаро аз даст магзор.
Тарикe хуштар аз аҳду вафо нест,
Вале афсӯс, к-он дар аҳди мо нест.

*Бадриддини Ҳилолӣ*

**Луғат:**

**неъмат** – сериву пурӣ, фаровонӣ
**хон** – дастурхон
**тангдастӣ** – кашшоқӣ
**аҳд** – замон, вақт

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. **Хурдӣ** аз **хӯрдӣ** чӣ фарқ дорад?
2. **Латифагӯ** аз **латифагӯӣ** чӣ фарқ дорад?
3. **Нон бардоштан**-ро шарҳ диҳед.

**9.** Аз рӯйи нақша калимаҳо созед ва вазифаи **ӣ**-ро дар ҳар як калима шарҳ диҳед. Ҳини хондан ба задаи калимаҳо эътибор дода, имлои онҳоро дар хотир нигоҳ доред.




**10.** Матнро аввал хонеду маънояшро нақл кунед, баъдан онро навишта, ба зери калимаҳое, ки **ӣ** доранд, хат кашед. Гӯед, ки вазифаи **ӣ** дар калимаҳо аз чӣ иборат аст? Калимаи **басар** чӣ маъно дорад ва чаро якҷоя навишта шудааст?

Дар бораи гиёҳи медонистагиатон нақл нависед.

Тӯтиё аз гуна-гуна аст ва беҳтаринаш табоширист, пас зангорӣ, пас хуросонӣ, пас кирмонӣ. Ва ин ҳама маъданӣ аст ва ҳама сард ва хушк аст. Решаҳои саратонро суд кунад ва ҳар реше зиштро низ. Ва хушк гардонад бесӯзандагӣ ва реши чашмро манфиат кунад ва реши мақъадро... Чашмро қавӣ гардонад ва басар тез кунад ва офатҳо аз ӯ дур кунад ва торикӣ аз чашм бирабояд

***аз «Гиёҳнома» -и А. Муваффақ***

**Луғат:**

**сард**-хунук
**саратон** – омос, мараз
**реш** – захм, ҷароҳат
**мақъад** – пушт, дубур
**басар** – биноӣ, қувваи босира
**суд** – фоида, манфиат, нафъ

**11.** Матнро хонед. Гӯед, ки дар бораи кадом Юсуф сухан меравад? Дар бораи Юсуф кадом шоир достон офаридааст? Чаро дар ин матн асосан **ӣ** ба як вазифа омадааст?

...Чун Юсуф дида боз намуд, сари худро дар канори падар дид, аз ҷо бархост, ҳар ду дасти худро ба гардани руҳуламин даровард ва фарёд кашид, ки:

– Эй падари меҳрубон, куҷо будӣ, ки бубинӣ бародарҳо бо ман чиҳо карданд ва маро пойи бараҳна давониданд ва захмҳои бисёре ба бадани ман заданд ва мегуфт: – Эй падари меҳрубон:

Куҷо будӣ, ки аз ғам сӯхтӣ озурда ҷонеро,
Ба қадри рӯзи маҳшар тӯл додӣ ҳар замонеро.
Ниҳолеро, ки медодӣ зи ҷӯйи дида обашро,
Ки рӯзе аз барои хештан гирӣ гулобашро.
Кунун аз тешаи бедод афкананд аз пояш,
Зи мавҷи моҳ қаъри чоҳ охир гашта маъвояш.

***аз «Саргузашти ҳазрати Юсуф»***

**Луғат:**

**маҳшар** – майдони қисмат, қиёмат
**тӯл додан** – дароз кардан, давом додани вакт
**қаър** – таг, чуқурӣ, умқ
**маъво** – ҷой, макон

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Дида** дар матн ба кадом маъно омадааст?
2. Чаро дар **бубин** пешванди ***би-ба бу-*** табдил шудааст?
3. **Аз ғам сӯхтан**-ро шарҳ диҳед ва дар ҷумлае истифода баред.
4. Бо истифода аз калимаи **зебоӣ** ҷумла тартиб диҳед.

**12.** Ҳикояро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Калимаҳои **ҳинд, сахттарин, тангдастӣ** ва **андӯҳ**-ро бори дигар талаффуз кунед ва имлои онҳоро дар хотир нигоҳ доред. Калимаҳоеро, ки **ӣ** доранд, ёбед ва тарзи сохта шудани онҳоро шарҳ диҳед.

Дар маҷлиси Кисро се тан аз ҳукамо ҷамъ омаданд: файласуфи рум, ҳакими ҳинд ва Бузургмеҳр. Сухан ба он ҷо расид, ки сахттарин чизҳо чист? Румӣ гуфт: «Пирию сустӣ ба нодорию тангдастӣ». Ҳиндӣ гуфт: «Тани бемор ва андӯҳи бисёр». Бузургмеҳр гуфт: «Наздики аҷал бо дурӣ аз ҳусни амал». Ҳама ба қавли Бузургмеҳр бозомаданд.

## ҚИТЪА

Пеши Кисро зи хирадманд ҳакимон мерафт,
Сухан аз сахттарин мавҷ дар ин луҷҷаи ғам.
Он яке гуфт, ки беморию андӯҳи дароз
В-он дигар гуфт, ки нодорию пирист ба ҳам.
Саввумин гуфт, ки қурби аҷалу сӯи амал,
Оқибат рафт ба тарҷеҳи савум ҳукми ҳикам.

***Абдурраҳмони Ҷомӣ***

**Луғат:**

**Кисро** – лақаби Хусрави Анӯшервон
**ҳукамо** – ҳакимон
**луҷҷа** – ҷойи амиқи ғам
**тарҷеҳ** – бартарӣ, афзалӣ

**13.** Дар мавзӯи **«Ба пирӣ хидмати модар-падар кун»** иншо нависед. Калимаҳои **«ӣ»** – дорро аз иншои навиштаатон ёбед ва шарҳ диҳед.

**14.** Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Тақлидан ба матн муколамае тартиб диҳед, ки дар калимаҳои он ҳарфи **ӣ** ҳарчи бештар истифода шавад. Имлои калимаҳои **мутафаккир, музояқа**-ро дар хотир нигоҳ дошта, бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Чун офтоб ба мағриб рафт ва моҳ аз машриқ баромад, Хуҷаста ба талаби иҷозат бари тӯтӣ рафт ва дид, ки тӯтӣ мутафаккир нишаста. Пурсид, ки: Эй соҳибақл, чаро муттафакир нишастаӣ?

Тӯтӣ гуфт:

– Ту олихонадон ҳастӣ, намедонам, ки маъшуқи ту низ аз олихонадон аст ё камина. Агар ҳамчу ту бузургқавм аст, бо ӯ дӯстӣ кардан музояқа надорад, балки беҳтар аст вагарна маслиҳат нест.

Хуҷаста гуфт:

– Эй маҳрами рози ман, ту рост мегӯйӣ! Пас, чӣ гуна аҳволи ӯ маълум кунам?

Тӯтӣ гуфт:

– Айбу ҳунари одамӣ аз забони ӯ маълум мешавад. Магар ҳикояти он шағол нашунидаӣ?

Хуҷаста пурсид:

– Он чӣ гуна аст?

*аз «Тӯтинома»*

**15.** Ба оҳанги хониши ҷумлаҳо диққат дода, муколамаро ифоданок хонед. Гӯед, ки ин матн ба кадом услуб дохил мешавад ва чаро дар калимаҳои он бештар ӣ истеъмол шудааст? Имлои он калимаҳоро дар ёд нигоҳ доред ва дар гуфтугӯю навишт аз шакли дурусти онҳо кор гиред.

Ёдгор барои дилҷӯӣ, ҳам барои сабук кардани дасти танҳоии худ ба сари шахс рафта:

– Ака, ака, – гуфта монанди оне, ки хобидаеро бо нармӣ бедор кунад, он шахсро аз хоб ё мадҳушӣ бедор ё ҳушёр карданӣ шуд.

– Чӣ мегӯйӣ-гуфт он шахс.
– Ҳеҷ чиз не, аҳволатон чӣ тавр аст? – гуфт Ёдгор.
– Шукр.
– Барои чӣ бандӣ шудӣ?
– Барои мурдан.
– Сабаби бандӣ шуданат чист мегӯям?
– Худи ту кистӣ ва сабаби бандӣ шудани худат чист?

Ёдгор нақл кардани саргузашти худро сар кард, то вақте ки Ёдгор саргузашти худро ба поён расонид, бандии нав ҳам ба қувват омада, ба ҷойи худ нишаста буд. Шунидани саргузашти Ёдгор ба ин шахс таъсири аҷибе бахшид.

***Садриддин Айнӣ***

**Ба савол ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Ин порча аз кадом асари Садриддин Айнӣ аст?
2. Симоҳои дигари асарро номбар кунед.
3. Бо иштироки чанд симои асар муколамае тартиб диҳед.

**16.** Хонед ва хулосаатонро нақл кунед.Чаро дар муколама бештар калимаҳое, ки **ӣ** доранд, истифода шудаанд? Калимаи **афв**-ро бори дигар талаффуз кунед ва ба имлояш диққат диҳед. Ба ин монанд муколамае тартиб диҳед.

Абӯзарҷмеҳр забон бикушод ва гуфт:
– Аз устоди худ (Бузарҷмеҳр) истифода менамудам ва ӯ ҷавоб мегуфт.
... Гуфтам:
– Аз ҷавонон чӣ беҳтар ва аз пирон чӣ некӯтар?
Гуфт:
– Аз ҷавонон шарм ва далерӣ ва аз пирон дониш ва оҳистагӣ.
Гуфтам:
– Чӣ чиз аст, ки донишро бияфзояд?
Гуфт:
– Ростӣ.
Гуфтам:

– Чӣ чиз аст, ки мардум ҷӯянд ва касе тамом дарнаёфт?
Гуфт:
– Се чиз: тандурустӣ ва шодӣ ва дӯсти мухлис.
Гуфтам:
– Чӣ чиз аст, ки бар далерӣ нишон аст?
Гуфт:
– Афв кардан, чун қодир шавӣ...

*Сотим Улуғзода*

**17.** Матнро хонед ва задаи калимаҳоро риоя кунед. Ҳамаи калимаҳои **ӣ**-дорро навишта, таркиби онҳоро шарҳ диҳед ва бо ифодаҳои ишорашуда ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Чанд рӯзи охир, ҳар гоҳ духтарак бо куртаи чити сурхи гулдораш дар гандумпоя пайдо мегардад, ҷавон **дасту по гум мекунад.** Восеъ ин дафъа **қарору оромро аз даст дода,** говронаашро партофту ба наздики духтар рафт, хушҳолонаву шӯхона салом дод.

Духтар нигоҳе карду дар ҷавоби саломи ӯ:

– Аз корат намонӣ, бача, – гуфт ва хӯша чидан гирифт.

– Ту духтари кӣ мешӣ? – боз бо овози ҳарчи нармтар пурсид Восеъ.

– Духтари **отаму очам.**

– Номат чист?

– Ба номам чӣ кор дорӣ?

– Хӯша мечинӣ?

Духтар ба ин савол чавоб надод. «Аҷаб саволи аҳмақонае додам», – мулзам шуда ба дил гузаронд Восеъ. Аммо, азбаски ӯ, ба ҳар навъе ки бошад, духтаракро ба гап даровардани буд, боз пурсид:

– Гап задан намехоҳӣ?

– Бирав, бо говонат гап бизан.

Духтараки сипоҳ бо ин ҷавоби тунди худ қасди аввалини ҷавонро пуч карда бошад ҳам, **дилашро сард карда натавонист.** Фақат ин ки духтар ба тараддуди рафтан афтоду риштаи гуфтугузори дуяшон чору ночор бурида шуд.

*Сотим Улуғзода*

## ҲАРФИ «Ӯ» ВА ИМЛОИ ОН

**18.** Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. **Калимаҳои** «ӯ»– дорро бори дигар талаффуз кунед. Имлои калимаҳои ишорашударо дар ёд нигоҳ доред.

Ба истиснои гелос, меваҳои дигар нав акнун **ғӯра** шуда, **хӯшаҳои** ангур ҳам ҳоло сабзу хом буданд. Шоху навдаҳои пурбор ҳамчун шаҳидони майдони ҷанг ба хок сарнагун гаштанд, танаҳои дарахтони каллакшуда ба мисоли падару модарони мусибатзадае, ки фарзандони дилбандашонро талаф дода бошанд, дастҳои худро боло намуда, **гӯё** ба фалаки каҷрафтор лаънатҳо мефиристоданд.

Ин ҳама харобкории чингизона дар пеши Саидалии бахтбаргашта ба амал пайваст ва анҷом ёфт. Фиғон аз зери ҷигари ӯ бархост. Бечора ба Давлат зорӣ мекард, ки:

– **Бикуш** маро! Ба ҳаққи Худо ва ҳурмати намаки дар ҳамин боғ **хӯрдагиат,** аввал маро бикуш ва баъд дарахтонамро бибур.

– Не, ман туро намекушам, аммо аз куштан **бадтар** мекунам! Ту **ҳанӯз** маро нашинохта будаӣ, акнун бишинос! – қоҳ-қоҳ хандида тамасхур мекард саркардаи сарбози амир.

***Сотим Улуғзода***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Ҷумлаи дуюмро маънидод кунеду ташбеҳро шарҳ диҳед.
2. **Бикуш** аз **бикӯш** магар фарқ дорад?
3. Чаро феъли шинохта будаӣ бо – **«ӣ»** – навишта шудааст?
4. Дар бораи заҳмати боғбон нақли мухтасаре нависед.

**19.** Матнро хонед ва мазмуни онро мухтасар нақл кунед. Ба имлои калимаҳое, ки «у» ва «ӯ» доранд, диққат кунед. Тақлидан ба ин матн дар бораи ҳодиса ва ё воқеаи шунидаатон нақле нависед. Гӯед, ки кадом ифодаю ҷумлаҳо таъсирбахш буданд.

Темурмалик рухсат дод. Пешхидмати пештарааш рони чапи ӯро кушода чашм андохт ва фарёд кашида гуфт:

– Валло, ки Шумо Темурмалик мебошед! – ва ба дигарон нигоҳ карда илова намуд. – Ин кас дар ҷанги Қарахониён аз рони чапи худ тир хӯрда захмдор шуда буданд, ки ман он захмро намад сӯхта пахш карда, то беҳ шуданаш нигоҳубин карда будам ва ҷойи он захм сиёҳча шуда монда буд. Он доғ ҳоло ҳам дар ҳамон ҷо ва ба ҳамон ҳол намоён аст.

Бо шунидани ин суханҳо ҷавон худро ба пойи падар андохт, бо лабҳои аз ҳаяҷон хушкида кафи пойи пуробилаи ӯро мебӯсид ва чашмони пур аз ашки шодии худро ба рӯйи пойи аз пирӣ хушкидаи вай мемолид. Падар ҳам сару гардани писарро аз бӯсаҳои гарми муштоқона саршор мекард. Ду пирамард бошанд, якдигарро оғӯш карда, рӯю лаби ҳамдигарро мебӯсиданд ва бо ин шодии ногаҳонӣ худҳошонро табрик мекарданд. Ин манзара чунон шодибахшо буд, ки нависандаи ин сатрҳо ҳам дар вақти таҳрир худро аз ҳаяҷон боздошта натавонист.

Баъд аз он ки падару писар аз бӯсаву оғӯш дилосо шуданд, мӯйсафедон ҳам ба навбат Темурмаликро ба оғӯш кашида, аз канору бӯс табли шодмониро баландовоз карданд.

***Садриддин Айнӣ***

**20.** Калимаҳои додашударо хонед ва фарқи онҳоро гӯед. Имлояшонро дар хотир доред. Матне тартиб диҳед, ки дар он калимаҳои додашуда ҳамагӣ истифода шуда бошанд.

хурд-хӯрд
бур-бӯр
сум-сӯм
куш-кӯш
хуш-хӯш
гул-гӯл

**21**. Ҳикоятро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Гӯед, ки ҳадафи асосии ҳикоят чист? Мухтасар онро нависед. Аз калимахои **ӯ**-дошта истифода кунед. Ифодаҳои **раҳо шуд** ва **рӯй тоза кардан**-ро шарҳ диҳед.

Рӯзе Ҳусейн ибни Алӣ... бо қавме аз саҳоба ва араб бар сари хон нишаста буданду нон мехӯрданд ва ҷуббаи гаронмоя пӯшида ва дастори некӯ бар сар баста. Ғуломе хост, ки косаи хӯрданӣ пеши ӯ ниҳад, аз болои сари ӯ истода буд. Қазоро коса аз дасти ғулом раҳо шуд бар дӯши он ҳазрат ва ҷуббаю дастор ба хӯрданӣ олуда шуд. Шароре дар ӯ падид омад ва аз тирагию хиҷолат рухсори ӯ барафрӯхт. Сар баровард ва дар ғулом нигарист. Чун ғулом чунон дид, битарсид, ки ӯро адаб фармояд... Ҳазрати Ҳусейн рӯй тоза карду гуфт:

– Эй ғулом, туро озод кардам, то ба якборагӣ аз хашму молиши ман эмин шавӣ.

Ва бузургвории амиралмӯъминин Ҳусейн дар чунин ҳол пайдо шуд ва писандида доштанд.

*аз «Сиёсатнома»*

**22.** Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Чаро дар ин порча асосан бандаки «ӣ» истифода шудааст? Калимаи аввали порчаро бо у хонед. Гӯед, ки чӣ тағйирот ёфт? Калимаҳои ишорашударо шарҳ диҳед.

**Кӯш,** то **халқро** ба кор ойӣ,
То ба **хулқат** ҷаҳон биёроӣ.
Чун гул он беҳ, ки **хӯйи** хуш дорӣ,
То дар офоқ бӯи хуш дорӣ.
Нашунидӣ, ки он ҳаким чӣ гуфт?
Хоби хуш дид, ҳар кӣ ӯ хуш хуфт.
**Ҳар кӣ бадхӯ** бувад гаҳи зодан,
Ҳам бар он хӯст вақти ҷон додан.
В-он ки зода бувад ба хушхӯйӣ,
Мурданаш ҳаст ҳам ба хушрӯйӣ.
Сахтгирӣ макун, ки хоки дурушт,
Чун ту садро зи баҳри ноне кушт.

***Низомии Ганҷавӣ***

**Луғат:**

**хулқ** – хӯй, одат, рафтор
**ҳаким** – доно, донишманд
**хӯ** – табиат, одат, хулқ
**офоқ** – ҷамъи уфук, ҷаҳон

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

Ба порчаи шеърӣ чӣ ном мондан мумкин?

1. Байти чорумро шарҳ дода, мазмунашро бо ҷумлаи равон (наср) нависед.
2. Зарбулмасали **«Он чи бо шир дарояд, ба ҷон барояд»** ба байти чорум чӣ муносибат дорад?

**23.** Хондани матн чӣ лаззате бахшид? Магар моҳияти онро дарк кардед? Гӯед, ки **бар дӯш бардоштан** ва **аз дӯш бардоштан** аз ҳам чӣ фарқ доранд? Дар бораи амали неки касе нақле нависед.

Андар ин маънӣ гӯянд, рӯзе Мӯсо... дар он ҳол, ки шӯбони Шуайб буд ва ҳанӯз ваҳӣ ба вай наёмада буд ва гӯсфандон мечаронид, қазоро мешаке аз ғалла ҷудо афтода буд. Мӯсо хост, ки ӯро бо рама барад, мешак бирамид ва дар саҳро афтод ва гӯсфандонро намедид ва аз баддилӣ ҳаметарсид ва Мӯсо... аз пас медавид, то миқдори ду фарсанг, чунон ки барнаметавонист хостан. Мӯсо дар вай нигоҳ кард ва раҳмаш омаду гуфт:

– Эй бечора, чаро мегурезӣ ва аз кӣ метарсӣ?

Чун чунон дид, бар дӯш бардошташ ва меовард ва тапидан гирифт. Мӯсо ӯро аз гардан фурӯ гирифт ва ба миёни рама андар шуд. Эзид таоло фариштагонро нидо кард, ки «дидед, он бандаи ман бо он мешаки даҳонбаста чӣ хулқ кард ва бад-он ранҷ, ки аз вай кашид, ӯро наёзурд ва бар вай бубахшид, ба иззати ман, ки ӯро баркашам ва калими хеш кунам ва пайғамбарӣ диҳам ва бад-ӯ китоб фиристам ва то ҷаҳон бошад, аз вай гӯянд».

Ва ин ҳама кароматҳо бар вай арзонӣ дошт.

*аз «Сиёсатнома»*

**Луғат:**

**Мӯсо** – номи пайғамбар
**Шуайб** – касе, ки арабро пасту ҳақир мешуморид
**фарсанг** – қариб шаш километр
**калим** – ҳамсӯҳбат, ҳамсухан
**калимуллоҳ –** лақаби ҳазрати Мӯсо

**24.** Матнро хонед ва гӯед, ки он ба кадом услуб тааллуқ дорад? Матнро чӣ ном муносиб аст? Шумо низ маҳалли бароятон шиносро тасвир кунед. Калимаҳои ишорашударо истифода бурда, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Рӯз сафед мешуд: аз байни абрҳои парешон ситораҳо хира метофтанд. Дар кӯча якта-нимта одамон вохӯрда, ба онҳо салом– алейк мешуданд. Аз паси девори ҳавлиҳо фақирона гоҳо маоси гову **гӯсола** ё моли реза ба **гӯш** мерасид.

Аз қаъри дара, дар поини роҳе, ки Анвару ёронаш онро гузашта мерафтанд, шуввосзанон дарёчаи Кофрун ҷорӣ мегардид. Вай дур аз Нилу, аз худи пошнаи қуллаҳои **кӯҳи** Ҳафтсар ибтидо гирифта, тобистону тирамоҳ як қисм заминҳои водии Гардонро шодоб мекард. Ҳоло, шояд аз борони **дирӯза** обаш лой ва аз ҳарвақта баланд буд.

***Саттор Турсун***

**25.** Порчаро ифоданок хонед ва бигӯед, ки мазмуну мундариҷаи он доир ба чист? Ба он чӣ ном додан мумкин аст? Ҷойи задаи калимаҳои «ӯ» – дорро муайян кунед.

Ситамгоро, ба эҳсон хӯ накардӣ,
Ҳама бад кардию некӯ накардӣ.
Ҷафокорӣ макун, аз мӯҳсинин бош,
Чунон то чанд бошӣ, инчунин бош.
Чу бинӣ тирабахтеро сияҳрӯз,
Шабашро ҳамчу қурси маҳ барафрӯз!
Ба об аз ташнагӣ бинмо наҷоташ,
Ки бошад оби ту оби ҳаёташ.
Ба сармо чун шавад аз хеш навмед,
Бипӯшӣ хилъати гарме чу хуршед.
Ба гармо чун наёбад дояи худ,
Дилаш осуда кун дар сояи худ.
Ба инсон боз гардад сайри эҳсон,
Ки эҳсонро нашояд ғайри инсон.
Гул аз лутфе, ки дорад навбаҳорон,
Кунад ҷо бар сари насринъузорон.

Хасу хоре, ки оташ барфурӯзад,
Чу хезад шӯъла, аввал худ бисӯзад.
Мазан раҳ, то бурун аз раҳ наяфтӣ,
Макан чаҳ то даруни чаҳ наяфтӣ.

***Бадриддини Ҳилолӣ***

**Луғат:**

**эҳсон** – некӯӣ, лутфу марҳамат
**хӯ кардан** – одат кардан, унс гирифтан
**мӯҳсинин** – некӯкорон
**қурс** – лунда, давра
**хилъат**-либос, ҷомаи бепахта
**доя** – мураббӣ, тарбиягар
**лутф** – марҳамат, бахшиш

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Бадии золим дар кадом мисраъҳо баён шудааст?
2. Некӯию эҳсонро кӣ бояд анҷом диҳад?
3. Мисраи охир кадом зарбулмасалро ба ёд меорад?
4. **Тирабахт**-ро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.
5. Вазифаи **«ӣ» –** ро дар калимахои **ҷафокорӣ** ва **бинӣ** муайян кунед.
6. Имлои **чаҳ-чоҳ, раҳ-роҳ**-ро шарҳ диҳед ва гӯед, ки кадом шакли онҳо дурустанд.

**26.** Ҳикояро ифоданок хонед ва маъnoяшро нақл кунед. Гӯед, ки ба он кадом ном муносиб аст ва чаро? Ифодаи ***ғӯта хӯрд***-ро шарҳ диҳед ва навишти онро дар ёд доред.

Подшоҳе бо ғуломе аҷамӣ дар киштӣ нишаст ва ғулом дигарбора киштиву дарё надида буд ва роҳати киштӣ наёзмуда. Гиряву зорӣ дарниҳод ва ларза бар андомаш уфтод. Чандон ки мулотифат карданд, ором намегирифт ва айши малик аз ӯ мунағғас буд.

Чора надонистанд. Ҳакиме дар он киштӣ буд, маликро гуфт:

– Агар фармон диҳӣ, ман ӯро ба тариқе хомӯш гардонам?

Гуфт:

– Ғояти лутфу карам бошад.

Бифармуд, то ғуломро ба дарё андохтанд. Боре чанд ғӯта хӯрд. Мӯяш гирифтанд ва пеши киштӣ оварданд ва ба ду даст дар суккони киштӣ овехтанд. Чун баромад, ба гӯшае биншаст ва ором ёфт.

Маликро аҷаб омад, ҳакимро пурсид:

– Дар ин чӣ ҳикмат буд?

Гуфт:

– Аз аввал меҳнати ғарқа шудан начашида буд ва қадри саломати киштӣ намедонист. Ҳамчунин қадри офият касе донад, ки ба мусибате гирифтор ояд.

***Саъдии Шерозӣ***

**Луғат:**

**дигарбора** – ду бора
**мулотифат** – лутфу марҳамат, шафқату навозиш
**мунағғас** – вайрон, халалдор, тира, андӯҳгин
**суккон** – дунболаи киштӣ
**аҷаб омад** – тааҷҷуб кардан, ҳайрон шудан
**офият**-осудаҳолӣ, оромӣ, амонӣ

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Уфтод** навиштани калимаи **афтод** магар дуруст аст?
2. **Маликро гуфт**-ро боз чӣ тавр баён кадан мумкин?
3. Ҷумлаи **қадри офият касе донад, ки ба мусибате гирифтор ояд**-ро шарҳ диҳед. Он ба кадом зарбулмасал наздик аст?
4. **Хӯрд** ва **хурд** магар як чиз аст? Донистани фарқи **«у» – аз «ӯ»** чӣ аҳамият дорад?

## Қазоқистони ман

Қазоқистони ман! Эй меҳани ман!
Туро, саҳрою дашти беканоратро,
Чу модар дӯст дорам аз дилу ҷон.
Қазоқистони ман! Гул кун ҳамеша
Ту маҳди халқи некию хушахтар
Ҳама зебоию родию ҳикмат,
Ҳифозат кун, бидеҳ бар насли дигар.

***М. Абилқосимов***

**Ба саволҳо посух диҳед:**

1. Ин порча аз кадом достони шоир аст?
2. **Болу пар задан**-ро чӣ тавр фаҳмидед?
3. Кадом тарзи навишти калимаҳои **гарчи** ва **ҳарчи** дуруст аст?

**28.** Матнро хонед ва аз рӯи мазмуну мундариҷааш ном гузоред. Тақлидан матне нависед ва зарбулмасалеро чун асос қабул кунед.

Пирамарде, ки болиғ бар ҳаштод сол аз синни умраш сипарӣ гардида буд, рӯзе саргарми гарси ниҳоли гирдуе буд. Анӯшервон, подшоҳи додгари сосонӣ, ки савора аз он сӯй мегузашт, ҳамин ки ӯро дар ҳоли анҷоми ин амал дид, инон баркашид ва рӯй ба ӯ фармуда гуфт:

– Эй пир, бо он ки медонӣ, солиёни дароз мегузарад, то ниҳоли гирду борвар гардад ва аз самари худ туро баҳравар кунад, ин чӣ заҳмати беҳуда ва чӣ ранҷи беҳосил аст, ки бар худ ҳамвор мекунӣ?

Деҳқони солхӯрда дар ҷавоб арз кард:

– Шоҳаншоҳо, «Дигарон киштанд, мо хӯрдем, мо мекорем, то дигарон бихӯранд».

Шоҳро ин сухан хуш омад ва рӯй ба хазинадори худ кард ва гуфт:

– Яксад ашрафӣ ба вай ато кун!

Пир арз кард:

– Подшоҳ, «Дигарон киштанд, мо хӯрдем, мо киштем, то дигарон бихӯранд, вале намурдем, аз ҳосили он худ хӯрдем».

Шоҳро ин сухан бештар хуш омад ва фармуд, то яксад ашрафии дигар ба ӯ базл кунанд...

*аз «Зарбулмасал ва мақолҳо»*

**Луғат:**

**ғарс** – дарахт шинондан
**гирду** – чаҳормағз
**додгар** – одил, доддиҳанда
**инон баркашидан** – рӯй гардонидан,
**борвар гардад** – ҳосил диҳад, самар орад
**ашрафӣ** – пули тилло, ки вазни 18 нахӯд дошта:

**Ба савол ва супоришҳо посух диҳед:**

1. **Солхӯрда**-ро бе ӯ талаффуз кунед, маъно тағйир меёбад ё не?
2. **Солхӯрда** аз ҷиҳати сохт чӣ гуна калима аст ва чаро якҷоя навишта шудааст?
3. **Мо хӯрдем**-ро **мо хурдем** нависем, тағйироти маъно ба вуҷуд омад ё не?
4. Чаро чӣ бо ӣ навишта мешавад?
5. Калимахои дигарро номбар кунед, ки бо иваз гаштани «у» ба «ӯ» маънояшон тағйир меёбад.

## ҲОДИСАҲОИ ФОНЕТИКӢ

**29.** Калимаҳои ҳар ду сутунро хонда, ба якдигар муқоиса кунед. Фарқи онҳоро шарҳ диҳед ва ба ҳар кадоми онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

I. акка-ака
дарро-даро
курра-кура
модда-мода
қассос-қасос
II.занн-зан
дурр-дур
садд-сад
сирр-сир
тибб-тиб

**30.** Задаро дуруст гузошта, калимаҳоро хонед. Гӯед, ки онҳо аз ҷиҳати маъно фарқ доранд?

содда-сода
даррав-дарав
маккон-макон
маккор-макор
хуррам-хурам

**31.** Матнро хонед ва баъд мазмуни онро нақл кунед. Ҷумлаҳоеро, ки калимаҳояшон ташдид доранд, нависед ва имлои калимаҳои ташдиддорро дар хотир нигоҳ доред.

Ман боре дар лаби обе мутафаккир нишаста будам. Дидам, сурхзанбӯре дар об ғарқ шуда, наздик ба вартаи ҳалок расида буд, бардошта бар канор ниҳодам, то хушк шуд ва бипарид. Натиҷаи ин амал ҳамон рӯз ба ман расид. Рӯзе дидам мӯраспак ба тори анкабут гирифтор омада метапид. Тараҳҳум овардам. Риштаҳо аз саропош ба ҳикмат берун кашидам, ки озоре ба вай нарасид. Ва ба сабаби ин амал аз маҳлакаи азим ба воситаи шахсе бираҳидам.

Ва филҷумла дар ҳама умури маодӣ ва маосӣ, қиссаи рӯбоҳбача малҳузи шумо бошад, ки аз модар пурсид, ки «маро ҳилае биёмӯз, ки чун ба кашокаши саг дармонам, бад-он кор бандам ва махлас ёбам». Гуфт: «Онро ҳилаҳо фаровон аст, (аммо) осонтар ва ба наҷот қарибтар он, ки дар хона нишинӣ, на ӯ туро бинад ва на ту ӯро бинӣ».

*Аҳмади Дониш*

**Луғат:**

**мутафаккир** – ғарқи фикру андеша, фикркунанда
**варта**-гирдоб,ҷойи хатарнок
**тараҳҳум** – раҳм, дилсӯзӣ, раҳм кардан
**малҳуз** – дар назар дошташуда, мулоҳизашуда
**махлас** – халосӣ, раҳоӣ

**Ба саволҳо посух диҳед:**

1. Гӯед, ки калимаҳои ташдиддор ба кадом забон мансубанд?
2. Нуктае, ки дар ин матн таъкид мегардад, дар кадом ҷумла ифода ёфтааст?
3. Ташдиди овозҳоро донистан чӣ аҳамият дорад?

**32.** Калимаҳоро аз ҷиҳат сохт муайян кунед.

| | | |
|---|---|---|
| I. чакка | II.тараққос | II.акка |
| чилла | бурро | барра |
| якка | хуррок | бутта |
| бурранда | заррин | калла |
| каллак | хирри | ғурриш |

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. Калимаҳои сутуни аввал ба воситаи кадом пасвандҳо сохта шудаанд?
2. Дар сутуни дувум чӣ?
3. Калимаҳои сутуни сеюм сохтаанд ё сода?
4. Калимаҳоро интихобан истифода бурда ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**33.** Матнро ифоданок хонед ва гӯед, ки моҳияти он дар чист? Мухтасар нависед ва аз калимаҳои овозҳояшон ташдидшуда истифода баред. Калимаҳои ташдиддорро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.

Овардаанд, ки малике писари худро ба ҳарби хасме фиристода буд. Хабар оварданд, ки маликзода гоҳ-гоҳе дар роҳ зиреҳ аз бари худ берун мекунад ва ду шаб дар як манзил хаймаи иқомат мезанад. Падар ба ӯ навишт: «Эй писар, ҳақ таоло, ки иззатро офарид, кулфату машаққатро бо он қарин сохт ва лаззатро, ки халқ кард, орому роҳатро ба ӯ рафиқ гардонд. Он ки иззатро ба мулук дод ва мазаллатро ба раоё, хатти подшоҳ иззи мамлакат аст ва ҳиссаи раият амну амон ва истироҳат ва ин ҳар ду бахш якҷо ҷамъ нашавад, лоҷарам подшоҳ бояд, ки осоишро видоъ кунад ва роҳашро бо раият гузорад. Ва дигар чунин намекунад, бо истироҳат дармебояд сохт».

***Ҳусайн Воизи Кошифӣ***

**Луғат:**

**малик** – подшоҳ
**ҳарб** – ҷанг, набард
**мазаллат** – хорӣ, залилӣ, хорию зорӣ
**зиреҳ** – либоси оҳанини **ҷанговарони** қадим
**раоё** – мардум

**34.** Калимаҳоро аввалан хонед, сониян нависед. Гӯед, ки онҳо аз кадом забон иқтибос шудаанд? Имлояшонро дар хотир доред.

| | | |
|---|---|---|
| аббос | вассоф | миллат |
| аввал | даллол | музаффар |
| аммо | зимма | шаффоф |
| аттор | иддао | таманно |
| баққол | қисса | таҷассум... |

**Ба саволҳо ҷавоб диҳед:**

1. Иқтибос дар забон падидаи хуб аст?
2. Чаро калимаҳо аз як забон ба дигараш мегузаранд?
3. Сабабҳои иқтибосшавӣ кадомҳоанд?

**35.** Калимаҳои зерро истифода бурда ибораҳо созед, ки дар онҳо ҳамсадоҳо ташдид шаванд. Дар кадом ҳолат дар калимаҳо ташдиди ҳарф сурат мегирад?

| | | |
|---|---|---|
| мад | син | сир |
| фан | сад | ҷид |
| рад | ҳал | ҳақ |
| зид | дур | кул |

**36.** Нависед ва гӯед, ки чаро дар калимаҳои зер ҳамсадоҳо такрор ёфтаанд? Бо чанде аз онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Ҷаҳоннамо, оббозӣ, шаббода, каммева, каммаҳсул, ҷигарранг, серранг, яххона, кабккабоб, каммузд, маҳиннах.

Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Калимаҳоеро, ки дар онҳо овозҳо ташдид шудаанд, ёфта, аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед. Шумо низ тақлидан ба матн як лавҳачае нависед, ки шоми деҳаатон тасвир шуда бошад.

... Бегоҳ буд. Ҳавопаймо моро ба фурудгоҳи Самарқанд расонид. Баъд аз чанде фурсат мошини мо ба сӯйи Панҷакент раҳсипор гардид. Вақте ки аз Самарқанд ва аз деҳаҳои хурраму дашту саҳроҳои паҳновар гузашта, ба сӯйи Панҷакент мешитобидем, аз дур, аз чапу рост теппаҳо, кӯҳҳо намоён мешуданд. Офтоб андак-андак дар паси уфуқ пинҳон шуда, фазои гирдогирди худро тиллоранг мекард, ки ба Панҷакенти бостонӣ, ба он диёри босафо, диёре, ки холи рухи тоҷикон аст, ворид шудем.

Панҷакент дар болооби дарёи Зарафшон, дар водии васее, ки атрофаш бо кӯҳҳо ва деҳаҳои сабзу хуррами дар доманаи кӯҳҳо ва канори рӯдҳо воқеъ ҳастанд, ҷойгир шудааст. Ин диёри афсунгару дилангез, ки тоҷикон дар гузаштаи хеле қадим дар он маскан гузида, аз худ ба ёдгор мондаанд, асрҳо ин ҷониб диққати аҳли хирадро ба худ мекашид.

***Шарифҷон Ҳусейнзода***

**38.** Порчаҳоро хонед ва ҳар яки онро маънидод кунед. Сабаби ду шакли навишт доштани калимаҳои ишорашударо шарҳ диҳед. Кадоме аз онҳо тибки қоидаи имло навишта шудаанд?

Агар **баччаи** шери нохӯрдашир
Бипӯшад касе дар миёни ҳарир,
Диҳад нӯш ӯро зи ширу **шаккар,**
Ҳамеша вайро парваронад ба бар.
Ба гавҳар шавад боз, чун шуд бузург,
Натарсад зи оҳанги пили сутург.

***Фирдавсӣ***

Ба корҳои гарон марди кордида фирист,
Ки шери шарза дарорад ба **хамми** каманд.

***Саъдӣ***

Ба сабр аз корҳо берун равад банд,
Шавад най **шаккару шаккар** шавад қанд.

***Ҳилолӣ***

Рӯзе аз рӯзҳои фасли баҳор,
Ки дили **баччагон** надошт қарор.
Берун аз деҳаи Ҳисор шудем,
Ҷониби дашти лолазор шудем.

***Турсунзода***

**39.** Калимаҳои зеринро хонед ва бори дигар талаффуз кунед. Ҳини талаффуз чӣ ҳодиса ба шумо аён гашт? Тарзи навишти онҳоро шарҳ диҳед ва дар ёд нигоҳ доред.

Шанбе, занбӯр, занбар, чанбар, анбур, анбор, гунбад, ҷунбидан, дунба.

**40.** Калимаҳои ҳар ду сутунро хонед ва шарҳ диҳед. Ба имлои онҳо диққат диҳед. Ҷумлаҳое созед, ки калимаҳои зер истифода шуда бошанд.

| | |
|---|---|
| мазкур | асбоб |
| зудтар | машғул |
| китобча | афғон |
| бодпо | асосгузор |
| калидсоз | аспбандӣ |

**41.** Чистонро ифоданок ва бодиққат хонед ва ҷавобашро пайдо кунед. Ҳини қироат ба талаффузи калимаҳо таваҷҷӯҳ намоеду сирро ошкор сохта тавзеҳ диҳед.

Чист он гунбаде, ки ӯ бедор,
Андарун духтарон бувад яксар.
Ҳоли он духтарон агар пурсӣ,
Ҳама хуниндиланду дар чодар?

*аз китоби «Чистонҳо»*

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. Санъати ташбеҳро аз порча пайдо кунед.
2. **Духтарон** гуфта чӣ дар назар дошта шудааст?
3. Киҳо хуниндиланду чаро дар чодаранд?

**42.** Ҳикояро бихонед ва мазмуни онро нақл кунед. Ҳангоми хондан калимаҳоеро, ки дар онҳо ҳодисаҳои фонетикӣ дучор мешаванд, шарҳ диҳед. Пас аз он гӯед, ки чӣ натиҷа бардоштед? Ҳамонро нависед.

Дар замони Баҳроми Гӯр ҳакиме буд, ки дар фазлу ҳикмат ягона буд ва дар ҳунару дониш ангуштнамой. Чун борҳо аҳволи ӯ ба Баҳром гуфтанд, Баҳром ӯро бихонд ва аз анвои улум имтиҳон кард. Ва чун дар ҳама савол ҷавоб дод, Баҳром бо худ гуфт: «Вазорат ба вай тафвиз кунам, аммо бош, мо ӯро дар ҳиммату адаб биёзмоем».

Пас, ӯро бо худ дар хон нишонд ва ҳамкоса гардонид ва мурғе бирён карда, дар пеши вай ниҳод.

Ҳаким мурғро пора кард ва ба шараҳе тамом бихӯрд ва дигарро ҳамчунон ба кор бурд.

Баҳром гуфт: «Ин мард ҳиммат надорад, дар пеши ман мурғ чунин мехӯрад, дар ғайбати ман чӣ гуна хӯрад?!».

Пас, ӯро ташриф дод ва бозгардонид ва бад-ин тарки адаб ва дунҳимматӣ аз вазорат маҳрум монд.

*Муҳаммад Авфӣ*

**Луғат:**

**ангуштнамо** – машҳур, шӯҳратёфта
**анвоъ** – ҷамъи навъ

**улум** – ҷамъи илм
**тафвиз** – ба ӯҳдаи касе гузоштан, супурдан
**шараҳ** – ҳарисӣ, ҳирс
**ташриф додан** – ҷома бахшидан, бузург гардондан
**ҳиммат** – ирода, азм, ҷаҳду кӯшиш
**дунҳимматӣ** – пастҳимматӣ, фурӯмоягӣ

**Ба саволҳо посух диҳед:**

1. Ибораи **ҷавоби савоб** чӣ маъно дорад?
2. Магар одамро **мехонанд?** Шарҳ диҳед ва ҷумлае гӯед, ки дар он **хондан** истифода шуда бошад.
3. **Ҳикмат** чӣ тавр талаффуз мешавад?

**43.** Матнро хонед ва моҳияти онро мухтасар нақл кунед. Гӯед, ки аъзоҳои чида ба матн чӣ хусусияте бахшиданд? Тарзи қироати ҷумлаҳои аъзои чидадорро шарҳ диҳед? Боз кадом ҷашнҳоро медонед? Номбар кунед?

Дар Суғд ҳеҷ як аз маросимҳои бисёри суғдиён бо чунин фарохӣ, шукӯҳ ва хуррамии тамоми халқ ҷашн гирифта намешуд, чунон ки Наврӯз гирифта мешуд. Марду занҳо, бачаҳо либосҳои рангоранги идона пӯшида, ба сайри саҳроҳо, боғу бӯстонҳо мебаромаданд ва ба шарафи вуруди тобистони файзбор таронаҳо мехонданд, бозиҳои гуногун барпо менамуданд. Меҳмондориҳо, зиёфатҳои ҳамдигарӣ авҷ мегирифтанд.

Ин ҷашн аз ҳама бошукӯҳтару хуррамтар дар сайргоҳи беруни шаҳр баргузор мешуд: дар он созанда ва сарояндагон, раққосон, шаъбадабозон издиҳоми халқро дилхуш месохтанд. Ҷавонон гӯштингирӣ, чавгонбозӣ мекарданд, пойга метохтанд.

***Сотим Улуғзода***

**Луғат:**

**вуруд** – дохил шудан, расида омадан
**шаъбадабозон** – найрангбозон
**қавволон** – нотиқон, хушгапон
**издиҳом** – анбӯҳ, ҷамъомад

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Ҳеҷ як**-ро бори дигар талаффуз карда, имлои онро дар ёд нигоҳ доред.
2. Боз дар кадом калимаҳо ихтисору ҳамоҳанг шудани овозҳо мушоҳида мешаванд?
3. **Наврӯз**-ро аз ҷиҳати сохт муайян созед.
4. **Гӯштингирӣ** боз чӣ тавр навишта мешавад?

**44.** Калимаҳои зеринро хонед ва нуктаи пайбурдаатонро шарҳ диҳед.

| | | |
|---|---|---|
| I. бадтар | II. бозингар | III. ҷамъ |
| садто | хиштгар | кабуд |
| қамчин | кордча | калид |
| қолин | ҷумъа | санҷид |

**45.** Матнро бодиққат хонед. Ҳикмати он дар чист? Хулосаатонро нависед. Калимаҳои ишорашударо бори дигар талаффуз кунед ва матлабро шарҳ диҳед.

– Асли ҳама донишҳо ақл аст. Ва ҳар кӣ **некбахту хушризқ** бошад, корҳои мушкил бар вай саҳл гардад, душвор осон шавад ва ҳар кори номумкин ба ҳукми мусоидати **иқболу** баландии бахт бар вай саҳл гардад. Ва низ дар ҳосил шудани матлаб **вақт** таъсири зиёд дорад, чун вақти зарурӣ расад ва мӯҳлати лозима ба поён ояд, он мушкил осону муяссар шавад ва дар ҳадди имкон ояд.

***аз «Ҳаким Синдбод»***

**Ба савол ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Дар хусуси аҳамияти ақл мулоҳизаатонро гӯед.
2. Вақт барои ба даст омадани матлаб чӣ зарурате дорад?
3. Бо истифодаи калимаи **лозима** ҷумла тартиб диҳед.

**46.** Матнро хонед ва гӯед, ки чӣ натиҷа бардоштед? Шумо низ аз матн илҳом гирифта, дар бораи ягон шахси машҳур лавҳае тартиб диҳед. Ҳини навиштан кӯшед, ки ба ғалат роҳ надиҳед.

Таваллудгоҳи ин одам (Раҳими Қанд) дар деҳаи Фоиқи тумани Шофиркоми Бухоро буда, дар шаҳри Бухоро нашъунамо ва касбу камол ёфта, мусиқиро омӯхтааст ва ӯ аз асбобҳои мусиқӣ танбӯр менавохт, аммо суруд намехонд. Ин одам табиатан бисёр бечора буда, аз молу ашёи дунё ҳам чизе надошт ва бисёр фақирона зиндагӣ мекард. Ӯ дар пешаи худ маҳорати бисёр баланд надошт ва ба болои ин монанди баъзе мусиқачиёни он замон маҷлисоро, суханвар, ширинкор ва хушомадгӯй ҳам набуд. Бинобар ин, ӯро одамони сарватманд дар тӯйҳо ва меҳмондориҳои пуртантанаи худ даъват намекарданд. Азбаски харидораш кам ва бозораш касод буд, ҳар кас ӯро барои базме даъват кунад, дар як шаб ба ду танга музд, ки баробари 30 тин аст, розӣ мешуд.

Азбаски нархи танбӯрнавозии ӯ назар ба навозанда ва хонандаи дигар хеле арзон буд, муллобачагон – талабагони мадраса дар иҷтимоона – дар базмҳои ҷамъиятӣ ва шабнишиниҳои худ бештар ҳамин одамро даъват карда мебурданд. Ман ҳам бо ин кас дар ҳамин гуна иҷтимоонаҳо шинос шуда будам.

***Садриддин Айнӣ***

**47.** Калимаҳои зерро хонед ва нависед. Ба талаффузи онҳо таваҷҷӯҳ намоед. Магар овозҳо бадал мешаванд? Агар чунин аст, шарҳ диҳед.

Иқтисод, вақт, нақша, мақсуд, тақсир, тақсим, тақдир, нақд, мазкур, себча.

**48.** Калимаҳои ҳар ду сутунро нависед ва фарқи маъноии онҳоро шарҳ диҳед. Гӯед, ки тафовут ба чӣ вобаста аст? Чаро калимаҳо дар сутуни аввал якҷоя ва дар сутуни дуюм ҷудо навишта шудаанд?

| | |
|---|---|
| инсон | ин сон |
| чормағз | чор мағз |
| мардикор | марди кор |
| чорсӯ | чор сӯ |
| номанавис | нома навис |
| ҳамин | ҳамин |
| чунин | чун ин |

**49.** Байтҳоро хонед ва нависед. Онҳоро шарх диҳед. Ифодаҳои ишорашуда аз ҷиҳати маъно фарқ доранд ё не? Навишти онҳоро дар хотир доред.

Касеро, ки дастат расад, **даст гир,**
Ки фардо ҳамон бошадат **дастгир.**

***Ҳофиз***

Моҳазар нест ба бозор сивои **манту,**
Гушна мондӣ, агар имрӯз ба ҷойи **ман ту.**

***Савдо***

Чӣ нуқсон дорад ин мардум, ки **ин сон,**
Надорад қадру қимат мисли **инсон?**

***М. Турсунзода***

**Луғат:**

**моҳазар –** ҳозир ва мавҷуд **сиво –** ғайр аз, ба гайр аз

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Гушна** боз ба кадом шакл гуфта ва навишта мешавад? Кадоме аз онҳо дуруст аст?
2. Чаро **чӣ** бо ӣ навишта шудааст, шарҳ диҳед.
3. Калимаҳои **қуфл, кифт, суфра, масҳӣ** ва **авф** боз чӣ тавр талаффуз мешаванд?

**50.** Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Гӯед, ки дар он доир ба кадом фасли сол сухан меравад? Дар хусуси як лаҳзаи фараҳбахши баҳор лавҳачае тартиб диҳед.

Медонед, ба осмони беқаъри лоҷувардии пуранвор дуру дароз чашм дӯхта хобидан ҳам нашъае доштааст. Ба кадом сӯйи он фазои нопайдоканор хоҳед, ба ҳамон сӯ назари худро равона карда, ором, боҳаловат мехобед. Чизе садди назар шуда наметавонад. Дам ба дам мӯрчаякон ё гамбӯскчаҳои ба сару рӯятон часпида баромадаро афшонида, боз нигоҳ мекунед. Гӯё ба ҷуз баҳри паҳновари ҳавои нилгун чизеро намебинед. Бо вуҷуди ин, медонед, ки назари шумо ба сӯйи миллиардҳо дунёҳои дури номаълум ва пурасрор равона шудааст.

***Фазлиддин Муҳаммадиев***

**51.** Порчаҳоро ифоданок хонед ва мавзӯи онҳоро муайян кунед. Дар ин порчаҳои шеър кадом ҳодисаҳои фонетикӣ ба чашм мерасанд?

Таносоиву коҳилӣ дур кун,
Бикӯшу зи ранҷи танат сур кун.
Ки андар ҷаҳон суд беранҷ нест,
Ҳамонро, ки коҳил бувад, ганҷ нест.

* * *

Гар аз коҳилон ёр хоҳӣ ба кор,
Набошӣ ҷаҳонҷӯву мардумшумор.
Дигар хештанро надорӣ бузург
В-агар гоҳ ёбӣ, нагардӣ сутург.

***Абдулқосими Фирдавсӣ***

**Луғат:**

**кохилӣ** – танбалӣ, сустӣ

**сутург** – бузург, қавӣ

**52.** Ҳикояро хонед ва нақл кунед. Ба талаффуз ва навишти калимаҳое, ки «ӯ»-, «ӣ»- доранд, диққат диҳед ва онҳоро аз ҷиҳати сохт таъйин намоед. Дар кадом сарсатр лутфи сухан дида мешавад? Онро шарҳ диҳед.

Овардаанд, ки рӯзе Кисро хост, ки барнишинад ва атрофи мамлакатро тамошо кунад.

Рикобдор асп пеш кашид. Кисро худ болои асп овард, ногоҳ давол канда шуд ва Кисро бияфтод. Дар соат бифармуд, то мирохӯрро сиёсат кунанд. Ӯро оварданд.

Рикобдор гуфт: «Подшоҳ як калима аз ман истимоъ фармояд, баъд аз он ҳар сиёсат, ки фармояд, раво бошад».

Кисро гуфт: «Чӣ мегӯйӣ?»

Гуфт: «Эй подшоҳ, ту подшоҳи одамиёнӣ ва аспи ту подшоҳи аспон. Даволи бечора тоқати кашиши ду подшоҳ куҷо дорад?!»

Кисроро ин сухан бағоят хуш омад ва ӯро авф кард ва ташриф дод.

***Муҳаммад Авфӣ***

**Луғат:**

**рикобдор** – касе, ки рикоби подшоҳ (давлатманд)-ро гирифта, ӯро савор мекунад.
**мирохӯр** – сардори саисон
**истимоъ** – шунидан, гӯш додан
**сиёсат кардан** – тарсондан, ҷазо додан, қатл кардан
**давол** – тасмаи чармин, миёнабанди рикоби асп

**Ба саволҳо посух диҳед:**

1. **Овардаанд**-ро боз чӣ тавр гуфтан мумкин?
2. **Истимоъ фармудан чӣ** маъно дорад?
3. **Кисроро ин сухан хуш омад**-ро маънидод кунед. Ифодаи **хуш омад** чӣ гуфтанӣ гап аст?
4. Бо лутф сухан гуфтан чӣ аҳамият дорад?

## АЛОМАТИ САКТА ВА ИМЛОИ ОН

**53.** Матнро бодиққат хонед ва гӯед, ки дар он чӣ тасвир шудааст? Кадом ифодаҳои матн писанд омад? Ба имлои калимаҳое, ки аломати сакта доранд, таваҷҷӯҳ карда, онҳоро шарҳ диҳед.

... Ҳавливу хона аз шӯълаи шамъу чароғу қандил монанди рӯз равшан ва музайян буд. Дар шохаҳои дарахтон

қафасҳои булбулу қумрӣ овезон ва он парандагон аз шӯълаи шамъ ва атру райҳон ба завқ даромада, ғулғула ва шӯр барпо карда буданд. Ба даруни хона даромада, дидам, ки фаршу палосҳои бисёр аъло паҳн карда шуда, дастархонҳои атлас ва заррин кашида... Дар шамъдонҳо шамъҳои кофурӣ месӯхт. Навозандагони хушсимо ва хушнавоз ба ҷойи худ нишаста, соқиёни маъқул ба по истода, пешхизматони хушлибос аз ҳама ҷо бохабар ва ҳушёр...

*аз «Чор дарвеш»*

**Луғат:**

**музайян** – зебу зинат додашуда, ороста
**кофурӣ** – сафед, сафедранг

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Чиро **қандил** мегӯянд? Боз кадом калимаро ба ин маънӣ истифода мекунанд?
2. Калимаҳои **шӯъла, шамъ, аъло, маъқул**-ро шарҳ диҳед ва бо истифода аз онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.
3. Ҳоеро тақлидан ба матн хаттӣ тасвир кунед.

**54.** Матнро хонед ва гӯед, ки ба моҳияти он сарфаҳм рафтед? Шумо ин масъаларо дар амали худ ва дигарон мушоҳида кардаед? Бо калимаҳои **аъмол** ва **афъол** ҷумлаҳо тартиб диҳед.

... Агар одамӣ дар виҷдони худ мулоҳиза кунад, пой ба ҳидояту залолат ва саодату шақовати худ мебарад. Агар аъмоли ҳасанааш ғолиб бошад, саид аст ва агар афъоли сайнааш ғолиб ояд, шақӣ аст. Ва агар тоату гуноҳ баробар дорад, ба андозаи ҳар кадом гирифторӣ ва махлас бошад. Ва чун як навъ ихтиёри ҷузъӣ ба даст дорад, кӯшиш кунад, то савоб бар гуноҳ роҷеҳ ояд. Ва чун дарёбад, ки имрӯз гуноҳаш бар тоат ғалаба дорад, алалфавр ба тавбаву инобат тадорук кунад ва ба оби чашм сиёҳӣ аз ҷаридаи аъмоли худ бишӯяд, то умеди наҷот бувад...

*Аҳмади Дониш*

### Луғат:

**ҳидоят** – роҳнамоӣ
**залолат** – беэътиборӣ, нописандӣ, хорӣ
**шақоват** – бадбахтӣ, сахтӣ
**аъмол** – ҷамъи амал
**ҳасана** – зебо, хуб
**саид** – хушбахт, некбахт
**сайна** – миёна
**роҷеҳ** – беҳтар, авло
**шақӣ** – бадбахт

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Дар калимаҳои **баъд, аъзо, манъ, феъл, шамъ, мавзӯъ, манбаъ, тулӯъ** аломати сакта чӣ вазифа дорад?
2. Дар **анъана, масъала, суръат, машъал «ъ»** чӣ хусусият дорад?
3. Ҳангоми калимабандӣ бо аломати **«ъ»** чӣ ҳодиса рух медиҳад?

**55.** Матнро хонед ва мазмуни онро мухтасар нақл кунед. Шумо дар таътил ба чӣ кор машғул мешавед? Нақле нависед. Калимаҳои ишорашударо шарҳ диҳед.

Рӯзҳои **таътил** дар он ҷо (ҳуҷраи Абдухалил махдум) маҷлиси адабӣ ва сурудхонӣ зинатбахши давраи дӯстон, монанди «гули сари сабади» бӯстон Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат буд. Дар сӯҳбатҳои адабӣ **шеьрҳои** классикҳои тоҷик хонда, муҳокима карда мешуданд, **баъзе** шеърҳои шоирони замон низ таҳлил ва танқид меёфтанд.

Дар маҷлисҳои суруд ғазалхони доимии он ҷо Қорӣ Нурулло буда, баъзан Мулло Ҳомиди савтии ғиҷдувонӣ ва Зайниддинхоҷа ҳам иштирок мекарданд. Баъзе шабҳои таътил дар ҳамон ҷо ғун шуда базм ҳам мерафтем, ки дар он базмгардиҳо гоҳо Ҳайрат ҳам иштирок мекард. Чунончи, ӯ шабе бо мо базм рафта, дар бозгашти он базм базмкобӣ, базмёбӣ ва базмтамошокунии моро дар қитъае тасвир карда буд...

***Садриддин Айнӣ***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. Ифодаҳои **зинатбахши давраю гули сари сабад** чӣ маъно доранд?
2. **Шоирони замон** гуфта киҳо дарназар дошта шудаанд?
3. **Маҷлисҳои суруд** ба кадом маъно омадааст?
4. **Базмкобӣ**-ро аз ҷиҳати сохт муайян кунед ва сабаби якҷоя навишта шудани онро шарҳ диҳед.
5. Қисми калимаҳои **маълум** ва **масъул** чӣ тавр ба сатри дигар гузаронида мешаванд?

**56.** Чистонро бодиққат хонда, ҷавобашро шарҳ диҳед ва нависед. Гӯед. ки **Ҷаъфар** ба чанд маъно омадааст ва онро дар илми забон чӣ меноманд. Чистонро аз ёд кунед.

> Ҷаъфаре дидам, ки бар ҷаъфар нишаст,
> Ҷаъфарӣ мехӯрду аз Ҷаъфар гузашт.

Қитъаро ифоданок хонда, мазмунашро аввал нақл кунед ва баъд нависед.

> Дар шеър се тан паямбаронанд,
> Ҳарчанд ки «ло набию баъдӣ»,
> Авсофу қасидаву ғазалро
> Фирдавсию Анварию Саъдӣ.

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Агар аз **баъди** аломати сактаро соқит кунем, чӣ ҳодиса рух медиҳад?
2. **Авсоф** чӣ маъно дорад? Калимаҳои ҳаммаънояшро ёбед.

**58.** Порчаи шеърро ифоданок хонед ва маънидод кунед. Вазифаи аломати сактаро дар калимаҳои ишорашуда шарҳ диҳед. Аз мисраи дуюм чиро дарк кардед?

> ... Гарчи табъи Рӯдакӣ шеъри закӣ эҷод кард,
> Офарин бар табъи Айнӣ, Рӯдакӣ эҷод кард.
> Гар ба дунё рафт Сино чун табиби иллате,
> Кард ӯро ҳиммати Айнӣ табиби миллате...

***Бозор Собир***

**59.** Матнро хонед ва гӯед, ки барои шеъри хуб эҷод кардан чӣ бояд кард? Ин муколама магар **«Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад»**-ро ба хотир намеорад? Калимаҳои **рӯшон**-ро аз назари маъно ва имло шарҳ диҳед.

Равшанӣ борад зи рӯшон, насли рахшонро бубин,
Лолаҳои навраси Хоруғу Рӯшонро бубин.
Гар надидӣ гавҳари рақсону лаъли нағмахон,
Ғунчаҳои санъати кӯҳи Бадахшонро бубин...

Шеърро то охир хонда, устод беихтиёр гуфт:
– Фикратро фаҳмиданиям?
– Шеъри хубе, – ҷавоб додам ман.
Ту аз рӯйи ҳурмат гуфта истодаӣ. Лекин ман мехоҳам, ки нуқсони шеърамро, ки ман онро дида натавонистам, ба ман гӯйӣ!
– Шумо устоди сухан ҳастед.
– Не ҷонам, то даме ки зиндаам, шогирдам. Он тарафашро хонандагон ва қадршиносони назм муайян мекунанд. Ҳайрон нашав. ман шогирдам, хонандагон ва дӯстонам устодони ман ҳастанд. Аксари ғазалҳои нави худро пеш аз интишор барои маслиҳат одатан ба устод Айнӣ мефиристонам ва аз рӯи маслиҳатҳои ӯ, агар лозим шавад, ислоҳ мекунам. Ба шумо, ҷавонҳо, ҳам маслиҳат ҳамин аст, ки шогирди якдигар бошед.

***Мирсаид Миршакар***

1. Оё медонед, ки муаллифи порчаи шеър ва мусоҳиби Миршакар кист?
2. **То даме ки зиндаам**-ро шарҳ диҳед.
3. Дар **шеърро** магар ҳамсадо ташдид ёфтааст?
4. **Назм** аз **набз** чӣ фарқ дорад?
5. Навиштаи худро аз назари дӯстон гузаронидан чӣ фоида дорад? Андешаи шумо.

**60.** Пандро ифоданок хонда, онро тафсир кунед. Вазифаи аломати сактаро дар калимаҳои ишорашуда шарҳ диҳед.

Он чӣ пурмағз аст, чун мушк аст пок
В-он пӯсидаст, набвад ғайри хок.
Он чӣ бомаънист, худ пайдо шавад
В-он чӣ бемаънист, худ расво шавад.
Рав, ба маънӣ кӯш, эй суратпараст,
З-он ки маънӣ бар тани сурат пар аст.

***Мавлавӣ***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. **Пурмағз** чӣ тавр сохта шудааст? Шарҳ диҳед.
2. **Суратпараст** аз **сурат пар аст** чӣ фарқ дорад?
3. Чаро ин тавр шуд: **мисраъ – мисраи шеър, мавзӯъ – мавзӯи нав.**
4. **Мамнӯъ, лаъл, даъво, дафъ, дафъа**-ро талаффуз кунед ва бо истифодаи онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**61.** Дар мавзӯи **«Таассуроти ман аз сафар»** иншо нависед.

## ИМЛОИ ИСМ ВА СИФАТ

**62.** Матнро бодиққат хонед ва гӯед, ки он ба кадом услуб хос аст? Ба тарзи муҳокима диққат дода, исмҳои хосро ёфта нависед ва онҳоро шарҳ диҳед.

Ҷиззах (Дизак) аз ҷумлаи номҳои қадимаи тоҷикист. Дар ин бора сайёҳ ва ҷуғрофидони асримиёнагии араб Ёқути Ҳамавӣ дар «Мӯъҷамулбулдон» ном асараш навиштааст: «Дизах аз шаҳрҳои Уперусана (Уструшон – Ӯротеппаи ҳозира) буда, Абдулазиз ибни Муҳаммад ад-Дизахӣ дар шаҳри мазкур зиндагӣ кардааст».

Бино ба маълумоти сарчашмаҳои боварибахш номи қадимаи Ҷиззах дар асл Дизак аст, ки бо мурури замон Ҷиззах шудааст. Дизак калимаи суғдӣ буда, аз ҷузъҳои диз ва ак шакл гирифтааст.

Калимаи диз дар луғатҳо ба маънои қалъа, истеҳком, ҳисор, қӯрғон маънидод шудааст. Дизакро имрӯз калимаҳои қалъача ва қӯрғонча иваз кардаанд.

Калимаи диз дар осори саромадони адабиёти тоҷику

форс серистеъмол аст. Чунон ки Фахрии Гургонӣ дар достони «Вис ва Ромин» гӯяд:

Кашон аз **диз** ба **лашкоргоҳ** бурдаш.
Ба наздикону ҷондорон супурдаш.

Муаллифи «Ҷомеуттаворих» навиштааст: «Ӯ бозгашт ва бар ҳар дизе лашкаре фиристод, мутеъ шуданд ва дизҳо ба вай таслим карданд».

Калимаи **диз** дар «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ бештар дар шакли **диж** вомехӯрад:

Зи дарвозаи диж яке тан бурун
Наёмад, ҳам эдун нарафт андарун.

Ҳамчун **диз** ва **диж** дар калимаҳои **дизбон, диж-бон, дидбон, диздор, диждор** ва номи шаҳри Қундуз (Куҳандизи Афғонистон), Хондиз, Савордиз, Дизгирд, Дизах, Дизбод, Шоҳиндиж, Хуррамдиж, Паҳлавондиж барин номҳои шаҳру калъа ва истеҳкомҳои кӯҳии Эрон нақши худро гузоштааст...

***аз «Илм ва ҳаёт»***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. Пас аз қироату маънидоди матн ба чӣ хулоса омадед?
2. Агар шарҳи номи маҳалла ё ҷоеро донед ва ё шунида бошед, нависед.
3. Навиштани кадоме аз исмҳои хос бароятон мушкил менамояд ва чаро?
4. Чаро кишварҳо, асарҳо, ҷойҳои таърихӣ бо ҳарфи калон навишта мешаванд?

**63.** Матнро хонед ва гӯед, ки кадом ҷиҳати он бароятон писанд омад? Мазмуни матнро мухтасар нависед ва номҳои дар он бударо пурра истифода кунед.

Дар Бухорои амирӣ ҳамаи косибон ва пешаварон ҷамъият доштанд: аҳли ҳар пеша ба ҷамъияте, ки ба пешаи худаш дахлдор аст, дохил ҳисоб меёфт. Аммо барои ба ҷамъият дохил шудан ариза додан ё ҳақ додан барин шартҳо набуда, модом ки ӯ (масалан) бофанда аст, аъзои

ҷамъияти бофандагон ё кафшдӯз аст, аъзои ҷамъияти пойафзолдӯзон ба шумор мерафт.

Аҳли ҳар пеша бо талқини рӯҳониён яке аз одамони таърихӣ ё афсонавӣ-диниро ба худ «пир» (роҳбар) қарор додаанд. Чунончи, пири бофандаҳо Имоми Аъзам аст, пири пойафзолдӯзон – Бобои Порадӯзи Бухороист, ки дар замони худ кӯҳнадӯзӣ карда будааст, пири машкобон – Аббос (амаки пайғамбар) аст, ки дар воқеаи Карбало ба гурӯҳи Имом Ҳусайн аз дарёи Фурот бо машк об кашонда будааст, пири оҳангарон – Довуд пайғамбар аст, ки ӯ дар замони худ зиреҳсозӣ карда будааст, пири саисон – Қанбар аст, ки саиси Алӣ (ёри чоруми пайғамбар) будааст ва монанди инҳо.

Рӯҳониён барои пешравии ҳар пеша қоидаю қонуне навишта, номи онро «Рисола» мондаанд. Дар рисола дуоҳое навиштаанд, ки пешавар дар сар кардани кор, дар рафти кор. дар мавридҳои муайян ва дар тамомияти кор бояд он дуоҳоро хонад. Муносибати пешаварон бо бобо (ё оқсаққол), бо устодони худ ва бо соҳибкор низ дар он рисолаҳо таъйин карда шудааст.

***Садриддин Айнӣ***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Пеша** чӣ маъно дорад ва муродифҳояш кадоманд?
2. Калимаи **кафшдӯз**-ро аз назари сохт маънидод кунед.
3. Чунин амалро шунида ва дидаед? Агар маълумоти саҳеҳ доред, дар бораи он нақле нависед.
4. Тахаллусу лақабҳо чӣ тавр навишта мешаванд?

**64.** Тамсилро хонда, матлабро дақиқ муайян кунед. Забони матн бароятон фаҳмо ё не? Барои ба ҳақиқати чунин матнҳо сарфаҳм рафтан чӣ бояд кард?

**Биное** ва **нобиное** дар роҳ рафиқи сафар буданд. Шаби сармо буд. Вақти саворӣ **тозиёнаи** нобино гум шуда, ба ҳар тараф даст меандохт. Море аз бурудат сард шуда буд, ба дасташ даромад, ба ҳар ду даст онро мисос карда бо худ мегуфт:

– «Агар тозиёнаи **кӯҳнаи** афсурда гум кардам, инак тозиёнаи **харири нафис** Худованди таоло ба ман расонид, илло ки он даста надошта. Ва чун ба манзил расам, таъмираш кунам ва ба даҳ дирам бифурӯшам».

Ва чун рӯз равшан шуд, бино дид, ки море сиёҳи афъӣ ва сардшуда ба дасти рафиқ аст. Фарёд баровард, ки «ҳон, туро чӣ расида, ки афъии ҷоншикор ба даст гирифтаӣ?! Ҳамин замон аз ҳарорати дасти ту ё ҳаво зинда шуда мор аз рӯзгорат барорад ва ба дорулбаворат расонад! «Нобино мегуфт:» «Ман шаб тозиёна гум кардам ва ин тозиёнаи **шохонаро** офаридгор ба ман расонида, ту онро дидан натавонӣ! Мехоҳӣ, ки ман бияндозам, ту бардарӣ?!»

Ҳарчанд рафиқ ба савганд бим дод, ки бар ботил рафтаӣ, нобино намешунид, то ҳаво гарм шуд. **Афъӣ** зинда шуда, бар дасти нобино печид ва чунонаш газид, ки аз **асп** сарнагун ба ҷаҳаннам рафт.

***Аҳмади Дониш***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. Ҷумлаи **«Мехоҳӣ, ки ман бияндозам, ту бардорӣ»** – кадом хислати нобиноро баён месозад?
2. Калимоти ишорашударо аз назари имло шарҳ диҳед ва имлояшонро дар хотир нигоҳ доред.
3. Дар ифодаи **море сиёҳи афъӣ** чиро мушоҳида кардед?
4. **Нобино** исм аст ва ё сифат?
5. Имлои исмҳои бо ҳамсадои «ҳ» ва **«ӣ»** анҷомёфтаро шарх диҳед.

**65.** Матнро хонед ва гӯед, ки донистани шакли дурусти калима чӣ аҳамият дорад.

Калимаи **тандур** дар осори хаттӣ ва дар шеваҳои бошандагони Тоҷикистон истеъмол мешавад. Дар аксари фарҳангҳои тафсирӣ ин калима дар ду шакл **тундар** ва **тандур** сабт шудааст. Азбаски ин вожа дар «Ғиёсуллуғот» дар шакли **тундар** сабт шудааст, дар луғатҳои русӣ – тоҷикӣ ва тоҷикӣ – русӣ ба шакли сабти «Ғиёсуллуғот» такя намуда **тундар** навиштаанд.

Солҳои 60-80 адибони мо ҳам аз луғату китобҳо ин калимаро дар шакли зикргардида омӯхта, онро бештар дар шеър дар шакли **тундар** истеъмол мекунанд.

Аз ин бармеояд, ки шакли **тундар** дар истеъмол нодурусту шакли дурусти ин калима бояд **тандур** бошад. Он ҳам ба се сабаб:

1. Шояд ҳангоми сабти калима дар луғатҳои тафсирӣ дар зикри ҳаракатҳо саҳви қалам рафта бошад. Аз дигар, аксари ин луғатҳо дар кишварҳое мураттаб шудаанд, ки забони тоҷикӣ забони модарии мардумони он кишвар набуда.

2. Азбаски осори хаттии мо дар гузашта бо ҳуруфи арабиасос навишта шудааст, калимаи мазкурро дар се шакл: **тандур, тундур, тундар** хондан имконпазир аст.

3. Агар мо ба сабти калимаҳо дар осори хаттӣ ва забони имрӯза диққат диҳем, мебинем, ки калимаҳо аз асри X то ҳанӯз қариб тағйир наёфтаанд. Пас шакли дурусти калима бояд **тандур** бошад, чунон ки дар забони имрӯза бо ҳамин маъно маълум аст.

Ҳамчунон дар гуфтугӯ калимаи **тандур** бо калимаи **чароғак (барқ)** дар як таркиб **(тандуру чароғак)** низ истеъмол мешавад.

***аз «Илм ва ҳаёт»***

### Супоришҳоро иҷро кунед:

1. Муродифҳои **калима**-ро ёбед.
2. Фарҳангҳои **тафсирӣ**-ро шарҳ диҳед.
3. Дар хусуси аҳамияти дуруст навиштани калимаҳо нақле нависед.

**66.** Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Ба навишти исмҳои хос таваҷҷӯҳ карда, шакли дурусти онҳоро дар хотир нигоҳ доред.

### Кӯли Балхаш

Бегоҳ мешавад. Торикӣ ба оҳистагӣ ҳам кӯл ва ҳам найзорҳои соҳили онро фаро мегирад. Ҳезум дар оташ садо дода, месӯзад.

– Бобо, чаро мегӯянд, ки кӯли Балхаш дар ҳамаи сайёра ягона аст! Кӯли бисёре ҳаст ку! Ман аниқ медонам!

– Набераам, ҳар чиз, ки дар диёри азизи мо бошад, ҳамааш барои мо ягонаю нотакрор аст. Охир мо дар ҳамин ҷо зода шудаем!

– Пас чаро олимон ин тавр менависанд? Ман дар энтсиклопедия хондам.

– Ин воқеа дар замонҳои хеле қадим буд, ё шояд аслан рух надода бошанд. Балхаши мӯъҷизакор намехост Илиро ба ҷавони камбағал Қаратал бидиҳад. Или ва Қаратал маслиҳат карданд, ки гурезанд. Балхаш фаҳмид, ба дашт омад ва дар пеши пои аспи гурезаҳо ба кӯл табдил ёфт. Вай Или ва Қараталҳо ба дарёҳо табдил дод, ки дар ҷойҳои гуногун ба кӯл мерезанд. Солҳои зиёдест, ки мавҷ мезананду хурӯш мекунанд, вале якҷо шуда наметавонанд. Ва як тарафи кӯл аз оби чашми Или шӯр шудааст...

## Луғат:

**ҳудуд** – ҷамъи ҳад (д)
**мусалло** – намозгузор, намозхон
**ғозипеша** – ҷиҳодкунанда
**работ** – корвонсарой, мусофирхона
**мустақар** – марказ, пойтахти мамлакат
**фарш** – палос
**бисот** – асбобу анҷом, чизу чора

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Мовароуннаҳр**-ро шарҳ дода, навишти онро дар хотир нигоҳ доред.
2. Ин матн ба кадом услуб тааллуқ дорад?
3. Навишти кадом услуби матн бароятон ба душворӣ даст дод ва чаро?
4. **Ҷавҳар** ё **гавҳар?** Таҳлили маъноӣ (лексикӣ) кунед.

**67.** Порчаро хонед ва хулосаатонро гӯед. Шакли дурусти навишти исмҳои ишорашударо дар хотир нигоҳ доред.

...Эшони Олимхоҷа ҳангоми убур (гузаштан) ба сари дӯкони қассобе **дунбаи** бузурги **гӯсфандро** овехта диданд.

Назрӣ ном одами худро фармуданд, ки дунбаи **мазкурро** байъ (нарх) карда гирад. Баъдамо ки ба макарр (хона)-и худ омаданд, Назрӣ холӣ омад, дунба **ҳамроҳи** худ надошт. Сабаб пурсиданд.

Гуфт:

– Бинобар гармии ҳаво мутааффин (бадбӯ) гашта, ба ҳадде ки роиҳааш (бӯяш) димоғи одамиро мешӯронад.

Ҳамин ки ин сухан аз даҳони Назрӣ баромад, эшон Олимхоҷа бинӣ ва даҳон ба остин маҳкам гирифта, фарёду фиғон мекарданд, ки «паҳ-паҳ, бадбӯ буда, мағзи сарамро шӯронид».

***Садри Зиё***

**68.** Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Агар тарзи таҳияи ягон ашёро бидонед, иншое нависед ва фикратонро баён кунед.

Кашфи шиша яке аз комёбиҳои барҷастаи инсон аст...

Дар асрҳои V–VIII дар Самарқанд, Марв, Тирмиз, Хуҷанд, Панҷакент, Варахша ва бисёр шаҳрҳои дигар устохонаҳои шишагудозӣ мавҷуд буданд, ки дар онҳо устоҳои гулдаст зарфу дигар асбобҳои рӯзгор месохтанд. Муаррихони хитоӣ зикр кардаанд, ки устоҳои Осиёи Миёна дар соли 424 замони мо ба Чин сафар карда, бо санъати шишагарии худ аҳли дарбори Хоқонро ба ҳайрат гузоштаанд. Онҳо қариб 100 нафар хитоиро шишагудозӣ омӯхтаанд, ки солҳои 713-755 аз Тоҳаристон (ҷануби Тоҷикистон) якчанд маротиба ба Хитой шишаҳои сурхи зумуррадрангро тӯҳфа бурдаанд.

Қуллаи баланди шишагарии тоҷик ба асрҳои IX-XII рост меояд. Дар ин давра сарзамини тоҷикон ба маркази калони шишагарӣ табдил ёфт. Олимони бузурги форсу тоҷик Закариёи Розӣ ва Абӯрайҳони Берунӣ аввалин бор шиша ва хосиятҳои онро тадкиқ кардаанд. Истилои муғул ба тамоми соҳаҳои ҳаёти халқи тоҷик зарбаи ҳалокатовар зад, дар натиҷа санъати бисёрасраи тоҷикон – шишагарӣ рӯ ба таназзул ниҳод...

***аз «Илм ва ҳаёт»***

**69.** Матнро хонед ва маънидод кунед. Ҷумлаҳоеро, ки дар он сифатҳои Турсунзода баён шудаанд, нависед. Дар мавзӯи «Сӯҳбати одамони наҷиб» иншое нависед.

Китоби умри инсон пур аз сафҳаҳои аҷибу фаромӯшнашаванда аст. Бо мурури замон он саҳифаҳоро варақ зада, ба хотир манзараю воқеаҳоро меоваред, ки як олам эҳсос, як ҷаҳон шавқу шодӣ эҷод мекунанд. Дар рӯзгори ҳар шахс рӯзу соат ва дақиқаҳое ҳастанд, ки танҳо ба ёд овардани онҳо кофист, ки дил ҳузуру ҳаловат барад, рӯҳ сурору фароғат ёбад, тан нерӯю мадори нав гирад. Чеҳраи ҳамеша кушод, нигоҳи гарми пурмеҳр, суханронии нарму оҳиста, вале бағоят пурмазмуну оташин, гуфтору рафтори муносиб, хоксории ҳайратангези устоди арҷманд, арбоби барҷастаи давлатӣ ва ҷамъиятӣ, суханвари сулҳу дӯстӣ ва бародарии халқҳо Мирзо Турсунзода, ки дар ёди ман ҳамин тавр нақш бастаанд, аз қабили ҳамон соату дақиқаҳои пурсаодат, ҷонбахшу пурэъҷоз мебошанд. Он лаҳзаҳои гуворо саҳифаҳои рангини умри мананд, ҳар гоҳ ки вохӯрию сӯҳбатҳоямонро бо ин марди дарёдил пеши назар меорам, ҳис мекунам, ки болу пари парвоз пайдо кардаам.

***аз «Садои Шарқ»***

**70.** Матнро хонед ва ҷумлаеро, ки дар он сифатҳои асп ба назар мерасад, нависед. Гӯед, ки онҳо чӣ навъ сохта шудаанд? Тарзи навишти ин навъ сифатҳоро дар ёд нигоҳ доред. Дар бораи чизе, ҳодисае нақле нависед ва сифатҳои онро пурра баён кунед.

... Ва шоҳзода бар шикор ниҳоят хоҳон буд ва бар сайд кардан бағоят ҳарис. Чун манзиле чанд аз он биёбон тай карданд ва марҳалае чанд бибуриданд, шоҳзода азм кард, ки рӯзе ба шикор равад ва дар биёбон тамошо кунад. Пас асбе дар зери рон овард – ағарри ҷирани моҳҷабҳате, муштариталъате, сахрагузоре, саҳронаварде, кӯҳпайкаре, соиқаҳайбате, гӯрсурине, ғазолчашме, оҳансум, фулодранг, соиқаангез, бодсуръат, ифритдил, кӯҳмаҳмил; бод инон аз мусобиқати ӯ бартофтӣ ва барқи хонасӯз ба суръат ғубори ӯро дарнаёфтӣ.

***аз «Ҳаким Синдбод»***

**Луғат:**

**ҳарис** – тамаъкор, гурусначашм
**соиқаҳайбат** – барқҳайбат
**ағар** – аспи кашка
**гӯрсурин** – гӯрхарсон (рон)

**71.** Чистонро хонед ва нависед. Сифатхои онро пайдо карда шарҳ диҳед. Гӯед, ки сифат дар чистон чӣ нақш дорад?

Бишнав аз ман як ҳикоят, эй рафики пурҳунар!
Дӣ ба саҳрои қиёмат дидамаш як ҷонвар:
Саъбачашму мордум, каргаспару каждумшикам,
Ноқапою шерсина, филгардан, аспсар?

**Луғат:**

**дӣ** – дирӯз
**ноқапо** – шутурпо
**саъбачашм** – бумчашм

**Ба савол ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Ҷавоби ин чистонро аз рӯйи чӣ муайян кардан мумкин?
2. Чистонҳои медонистагиатонро гуфта, ҷавоби онҳоро ёбед.
3. **Мордум**-ро аз ҷиҳати маъно таҳлил кунед.
4. Имлои сифатҳои мураккабро шарҳ диҳед.

**72.** Матнро нависед ва сифатҳои онро ёфта шарҳ диҳед. Сифатҳо чӣ вазифаро иҷро кардаанд? Сифатҳои ягон шахси бароятон наздикро ба хотир оварда иншое нависед.

Гулшанӣ аз фозилони он замон буд. Дар вақте ки ман дар хизмати Шарифҷонмахдум будам, тахминан 30-сола менамуд. Як одами сафедчеҳраи чашму абрӯсиёҳи кулӯтариши хушқадубаст буд, ки бо зебоии ҳайкали ӯ одам кам дида мешуд. Ӯ либосҳои на қиматбаҳо, валекин бисёр озода мепӯшид. Ҳикоягӯй, таърихдон ва ширинзабон буд.

***Садриддин Айнӣ***

**73.** Матнро хонед ва нақл кунед. Лавҳае нависед, ки маҳалли бароятон ошно тасвир шуда бошад.

Чун Мансур он абёт бишунид, ба даруни хона назар кард, боғе дид хуррам, ки дар миёни боғ пардае аз дебои мукаллал ба гавҳарҳои қимат овехта ва дар он сӯйи парда чаҳор тан духтаракон ҳастанд ва дар миёни эшон духтаре ҳаст хурдсол ва зебоҷамол, абрӯвоне дорад пайваста ва зулфакони баршикаста, даҳонаш чун ҳалқаи ангуштарӣ ва оразу ҷабинаш рашки моҳ ва Муштарӣ аст.

***аз «Ҳазору як шаб»***

**Луғат:**

**абёт** – ҷамъи байт, байтҳо
**Муштарӣ** – номи бузургтарин сайёра
**мукаллал** – оросташуда, тоҷ бар сар ниҳодашуда

**Ба савол ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Ифодаҳоеро, ки ҳамқофияанд, ёбед ва дар ёд доред.
2. **Зебоҷамол чӣ** тавр сохта шудааст?
3. Имлои сифатҳои дар лавҳа истифодашударо шарҳ диҳед.

**74.** Матнро хонед ва хулосаатонро нависед. **Нобино** дар ин матн исм аст ё сифат?

Нобиное дар шаби торик чароғе дар даст ва сабӯе бар дӯш дар роҳе мерафт. Фузуле ба ӯ расиду гуфт:

– Эй нодон, рӯзу шаб пеши ту яксон аст ва равшанию торикӣ дар чашми ту баробар. Ин чароғро фоида чист?

Нобино бихандид, ки:

– Ин чароғ на аз баҳри худ аст, аз барои чун ту кӯрдилони бехирад аст, то ба ман паҳлуназананду сабӯи маро нашикананд.

Ҳоли нодонро зи нодон беҳ намедонад касе,
Гарчи дар дониш фузун аз Бӯалӣ Сино бувад.
Таъни нобино мазан, эй дам зи бинои зада,
З-он ки нобино ба кори хештан бино бувад.

***Абдурраҳмони Ҷомӣ***

**Луғат:**

**сабӯ** – кӯзаи сафолӣ, ки дар он об ё шароб гиранд
**кӯрдил** – киноя аз нодону ҷоҳил
**фузул** – он ки кори беҷо кунад; касе. ки дар кори дигарон мудохила мекунад

**Супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Ҷуфтҳои калимаҳои зидмаъноро ёбед ва шарҳ диҳед.
2. Сифати **торик**-ро аз ҷиҳати сохт муайян кунед.
3. Муродифҳои **яксон**-ро пайдо кунед ва бо истифода аз онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**75.** Матнро хонед ва баъд нависед. Шумо ҳам як субҳи баҳорро ба хотир оварда, бо истифодаи сифатҳо тасвир кунед.

Офтоб хеле баланд шуда, ба замину замон гармӣ мебахшид. Осмон мусаффо. нилобӣ ва дастнорас буд. Аз сабзаи навхези баҳорон гирду атроф каб-кабуд метофт. Дар пеш кӯҳи Ҳафтсар бо ғурур қад афрохта, барфи қуллаҳояш дар партави офтоби чоштгоҳӣ хуш ҷило медод. Олам дар оғӯши сукунат буд. Ва ин сукунатро танҳо садои на чандон баланди суми аспҳо халалдор мекард.

***Саттор Турсун***

**76.** Порчаи шеърро хонед. Гӯед, ки дар он дар бораи чӣ сухан меравад? Шумо ҳам дар бораи моҳе, ки бароятон хушоянд аст, иншо нависед ва онро пурра тасвир кунед.

Фақат аз боғ меомад насиме,
Насими атрбӯ, дилкаш, ҳалиме.
Шунидам ман фақат дарро кушода
Нафасгирии аҳли хонавода.
Ба саҳни боғ ҷастам чун шарора,
Нигаҳкардам ба нурафшон ситора.
Ҳавои шаб ҳузури рӯҳу ҷон буд,
Замин сабзу мусаффо осмон буд.

Маҳи апрел, дар иди баҳорӣ
Ба гул лӯълӯи тар бахшид, оре.
Гули гелос дар ҷанги ҳаво буд,
Барои ҳамл олу ғунчаво буд.
Бунафша дар лаби ҷӯ ноз мекард,
Гули садбарг чашмаш боз мекард,
Чакидан дошт чак-чак шираи ток,
Тапидан дошт аз гармӣ дили хок.
Дарахтон дар умеди бор буданд,
Ҳама дар ними шаб пуркор буданд.

***Мирзо Турсунзода***

**Ба саволҳо посух диҳед:**

1. **Баҳорӣ** кадом хели сифат аст?
2. **Ноз кардан** чӣ маъно дорад?
3. **Садбарг** чӣ тавр сохта шудааст?

## ФЕЪЛ ВА ИМЛОИ ОН

Матнро хонед ва фаҳмидаатонро нақл кунед. Оё ба фикри муаллиф розиед? Феълҳои ҷумлаҳоро ёфта, имлои онҳоро шарҳ диҳед.

Назму наср ҳар ду шакли махсуси каломи бадеӣ аст. Онҳо дар асл монанди як тан дар ду либос мебошанд. Чизе, ки онҳоро аз якдигар ҷудо карда ва ҳар кадоми онро ба сафи ҷудогона қарор медиҳад, он аст, ки каломи манзум, яъне назм аз тартибу таркиби порчаҳои тараннуми, ки суханро ҳамоҳанг ва ба якдигар монанд месозад, иборат буда, риоя кардани он ба ин гуна хусусият лозим шуморида мешавад. Порчаҳои тараннумӣ аз рӯйи қонунҳои муайяни савтӣ суханро ҳамоҳанг ва ба якдигар монанд намуда, вазн ба вуҷуд меоранд. Аз ин рӯ, вазн аз унсури муҳимми каломи манзум буда, як навъ аз тартибу танзими ададу миқдори овозҳо ва таносуби он ҳосил мешавад, ки кас аз идроки он маънӣ ва мафҳуми каломи бадеиро бештар ҳис мекунад. Дигар ин ки, порчаҳои тараннумӣ дилу ҷон ва робитаи зотии каломи манзум буда, дурустию солимии вазн ва бақои каломи манзум низ ба он вобаста аст. Он,

яъне вазн, дар каломи манзум ҷумла, ҳиссаҳои синтаксисӣ-грамматикиро мураттаб сохта, суханро ихтисор намуда, барои васфи маънӣ ёрӣ расонида, таъсири ҷодуӣ мебахшад. Ба ин ҷиҳат каломи манзум бо ҳамин гуна хусусиятҳо аз наср фарқ мекунад. Наср, чунон ки гуфта шуд, сухани пароканда аст, ки инсон мақсадҳои одию маъмулии худро баён мекунад.

*Шарифҷон Ҳусейнзода*

**78.** Порчаи манзумро ифоданок хонед. Ҳар як байтро тафсир кунед. Ҳар кадом байти ин порча кадом зарбулмасалҳоро ба хотир меоранд?

... Агар бад кунӣ, чашми некӣ мадор.
Ки ҳаргиз наёрад газангур бор.
Напиндорам, эй дар хазон кишта ҷав,
Ки гандум ситонӣ ба вақти дарав.
Дарахти зақум ар ба ҷон парварӣ,
Мапиндор ҳаргиз, к-аз ӯ бар хварӣ.
Рутаб н-оварад чӯби харзаҳра бор,
Чу тухм афканӣ, бар ҳамон чашм дор...

*Саъдии Шерозӣ*

**Луғат:**

**газангур** – ангури худрӯй
**хазон** – тирамоҳ
**зақум** – як навъ дарахти заҳршира: дарахти талхмева
**рутаб** – хурмо
**харзаҳра** – дарахти баргзаҳр, ки баргаш ба барги бед монанд аст

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. Дар кадом калимаҳо «ӣ» бандаки феълӣ мебошад?
2. Бар ҳамон чашм дор-ро шарҳ диҳед.
3. Феъл дар ин порча чӣ нақше дорад?
4. Феълҳоро ёбед ва имлояшонро маънидод кунед.

**79.** Матнро хонед ва гӯед, ки феълҳо дар он чӣ нақше доранд. Пас феълҳоро навишта, имлои онҳоро шарҳ диҳед.

Ҳасани бозургон гуфт:

– Ҳамехоҳам, ки ҳар яке ба сӯйи иқлиме сафар кунед ва бо олимону адибону донишмандон ва касоне, ки ҳикояти пешиниён донанд, биншинед ва аз қиссаи Сайфулмулук ҷустуҷӯ кунед. Агар дар назди касе ёфтед, ӯро ба зару сим тарғиб карда, ҳар чӣ хоҳад, бидиҳед, агар шуморо зар кифоят накунад, боқиро ваъда кунед, ки ҳар кас аз шумо ин қиссаро биёварад ва ман ӯро хилъате ва хостаи бешумор диҳам.

Хуллас, Ҳасан яке аз эшонро ба билоди Ҳинд ва Синд ва якеро ба билоди Аҷам ва Чин ва дигареро ба навоҳии Хуросон ва чаҳорумин ба мағрибзамин ва панҷуминро ба сӯйи Шому Миср бифармуд ва аз барои эшон соати саъд таъйин намуда равона кард ва ба эшон гуфт:

– Бояд кӯшиш фурӯ нагузоред ва сустӣ накунед ва агар ҷон бояд дод, музоиқат нанамоед.

*аз «Ҳазору як шаб»*

**Ба саволҳо посух диҳед:**

1. Дар ин матн асосан кадом сиғаи феъл бештар истифода шудааст?
2. Дар феълҳои бинишинед, бидеҳед би-чӣ вазифаро адо кардааст?
3. Кӯшиш фурӯ нагузоред-ро боз чӣ тавр ифода кардан мумкин аст?
4. Ҷонишини эшон асосан хоси кадом услуб мебошад?
5. Чӣ гуна исмҳо бо ҳарфи калон навишта мешавад?

**80.** Матнро аввалан, хонед ва, баъдан, нависед. Ба зери феълҳои матн хат кашед. Феъли эрод кардан гирифт-ро шарҳ диҳед ва имлои онро дар хотир нигоҳ доред.

Мард аз хона берун рафт, зан хотир ба ҷо овард ва таҳқиқу тафтиш аз ин ҳол намудан гирифт, то ин ниҳонӣ кӣ ошкоро кардааст ва ин сир кӣ фош гардонида. Гумон бар хидматгоре бурд, ки бар роздориву вафои ӯ эътимоду

ихлос дошт ва ба забони сарзаниш ин шикоят эрод кардан гирифт. Хидматгор ба қасамҳои зиёд ва савгандони беҳисоб узри бешумор пеш овард...

*аз «Ҳаким Синдбод»*

**Ба савол ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. Калимаҳои **эътимоду ихлос**-ро истифода бурда ҷумлае тартиб диҳед.
2. Чаро кӣ бо **«и»** – **«и»** – заданок навишта шудааст?

**81.** Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Гӯед, ки асли матлаб чист.

Ҳудҳуд гуфт:

Овардаанд, ки занбӯре дар саҳро мӯрчае дид, ки бар ҳазор ҳила донае сӯйи хона мебурд, гуфт:

Эй бародар, ин чӣ машаққат аст, ки ту ихтиёр кардаӣ ва ин чӣ азоб аст, ки ту баргузидаӣ. Биё, то ҷойи хӯроку пӯшоки ман бинӣ, ки то аз ман бознамонад, ба подшоҳон нарасад.

Худ паридан сохт ва мӯр аз пайи ӯ давидан гирифт. Чун ба дӯкони қассобе расид, бар гӯшт нишаст. Қассоб корде бизад ва занбӯрро ба ду нима кард ва бар замин андохт. Мӯр чун он ҳол бидид, дардавид ва пойи занбӯр гирифт ва мекашиду мегуфт: «(Мол) ҳар ҷо чарад, он ҷо сар мениҳад».

*аз «Тӯтинома»*

**Супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Занбӯр**-ро бори дигар талаффуз кунед ва онро шарҳ диҳед.
2. Феълҳои **паридан сохт** ва **давидан гирифт** – ро аз ҷиҳати тобиш ва имло маънидод кунед.
3. Агар ба мазмуни матн монанд ҳодисаеро мушоҳида карда бошед, нақле нависед.

**82.** Порчаи манзумро ифоданок хонед ва ба феълҳо диққат диҳед. Гӯед, ки дар ин матн оҳанги савол бо чиҳо ифода ёфта. Ба **«бигуфт»**-о васл шуда чӣ тобише додааст?

Нахустин бор гуфташ, к-аз куҷоӣ?
Бигуфт: – Аз дори мулки ошноӣ.
Бигуфт: – Он ҷо ба санъат дар чӣ кӯшанд?
Бигуфт: – Андӯҳ харанду ҷон фурӯшанд.
Бигуфто: – Ҷонфурӯшӣ дар адаб нест,
Бигуфт: – Аз ишқбозон ин аҷаб нест.
Бигуфт: – Аз дил шудӣ ошиқ бад-ин сон?
Бигуфт: – Аз дил ту мегӯӣ, ман аз ҷон.
Бигуфто: – Ишқи Ширин бар ту чун аст?
Бигуфт: – Аз ҷони ширинам фузун аст.
Бигуфт: – Ҳар шабаш бинӣ чу маҳтоб?
Бигуфт: – Оре, чу хоб ояд, куҷо хоб?!
Бигуфто: – Дил зи меҳраш кай кунӣ пок?
Бигуфт: – Он гаҳ ки бошам хуфта дар хок.

**Ба саволҳо чавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Ин порчаи манзум аз кадом достон аст ва муаллифи он кист?
2. **Дори мулки ошноӣ** чӣ маъно дорад?
3. Дар байти панҷум **чун** кадом ҳиссаи нутқ аст? Муродифҳои онро номбар кунед.
4. Порчаҳои насрӣ ва ё назмиро, ки аз ёд медонеду дар охири феълҳо о истифода шудааст, ба ёд оварда нависед.

**83.** Ҳикояро бихонед ва мазмуни онро нақл кунед. Аз ҳикоя чӣ хулоса баровардед? Феълҳоеро, ки бо пешванди **ҳаме** – омадаанд, шарҳ диҳед ва гӯед, ки ҳоло ҷойи онро чӣ иваз мекунад.

Шунидам, ки вақте ду сӯфӣ ба ҳам ҳамерафтанд. Яке муҷаррад буд ва бо яке панҷ динор. Муҷаррад далер ҳамерафт ва бок надошт ва ҳар куҷо расидӣ, эмин будӣ ва ҷойгоҳи махуф мехуфтӣ ва меғалтидӣ ба муроди дил ва биёсудиву аз кас наандешидӣ. Ва худованди панҷ динор бо

вай мувофақат ҳамекард, валекин доим дар бим ҳамебуд. То вақте ба сари ҷоҳе расиданд. Ҷое махуф буд ва маъдани duздону саълукон буд. Он марди муҷаррад аз он чоҳ обе бихӯрду сар биниҳод ва ба хоб рафт. Ва худованди панҷ динор хоб намеёрист рафтан ва оҳиста бо худ ҳамегуфт: «Чӣ кунам?, Чӣ кунам?». То аз қазо овози ӯ ба гӯши он муҷаррад расид, бедор шуд, вайро гуфт:

– Эй фалон, чӣ афтод туро? Чандин «Чӣ кунам?» чист?

Мард гуфт:

– Эй ҷавонмард, ба ман панҷ динор аст ва ин ҷой махуф аст ва ту ин ҷо бихуфтиву ман намеёрам хуфтан.

Маҷаррад гуфт:

– Ин панҷ динор ба ман деҳ, то ман чораи ту бикунам.

Он мард зар бад-ӯ дод. Зар бисутуду андар он чоҳ афканд ва гуфт:

– Ростӣ аз «Чӣ кунам?», «Чӣ кунам?» эмин бинишину эмин бихусп ва эмин бирав, ки муфлисӣ қалъаи рӯин аст.

***Унсурулмаолии Кайковус***

**Луғат:**

**сӯфӣ** – касе, ки пайрави тариқаи тасаввуф бошад. Сӯфия – фирқае аз мусулмонон, ки тариқа аз маслаки онон эътироз ва хоҳишҳои нафсонист

муҷаррад – озод, фориғ, танҳо

махуф-хавфнок, бимангез

худованд-соҳиб, молик

**мувофақат кардан** – ҳамроҳӣ кардан

**саълукон** – фақирон, дарвешон, камбағалон

**муфлисӣ** – нодорӣ, бечизӣ, тиҳидастӣ, нобудмандӣ

**калъаи рӯин** – қалъае, ки аз рӯин (фулуз) сохта шуда

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Дар шеваҳо **ҳаме** – истифода мешавад? Агар донед, бо мисолҳо шарҳ диҳед.
2. Феъли ҷумлаи чорумро ёбед ва таркибу имлои онро маънидод кунед.
3. Мақсади муаллиф дар кадом ҷумла ифода ёфтааст?
4. Мисоле оред, ки дар он бад-ӯ истифода шуда бошад ва имлояшро дар хотир нигоҳ доред.

**84.** Матнро бодиққат хонед ва хулосаи аз он баровардаатонро нависед. Ҳангоми навиштан кӯшиш кунед, ки аз ифодаҳои хуби матн истифода баред. Феълҳои ишорашударо шарҳ диҳед ва бо истифода аз онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Агар сифати подшоҳ он будӣ, ки аз фарзанду пайванд ва наздикону ақрабо ба гуноҳҳои қабеҳу кирдорҳои зишт афву **бахшиш фармудӣ** «ал малику ақиман» (подшоҳ безурриёт аст) дар шаъни ӯ наёмадӣ ва «ло арҳома байн-ул-мулки» (байни подшоҳон бо ҳеҷ кас хешу таборӣ нест) гапи беҳуда будӣ. Ва хулосаи ин суханону мазмуни ин ишорат он аст, ки салтанат вайронкориро **намебардорад** ва риёсат марҳамату шафқат **барнагирад** ва қаробату хешӣ монеи сиёсат нагардад ва боздорандаи адлу пешгири инсоф нашавад. Ва агар подшоҳ дар ҳар як аз амалдорони давлату мамлакат ба чашми меҳру шафқат нигарад ва беҳбудии мулку давлат мӯҳмал гузорад, мамлакат вайрониву парокандагӣ пазирад ва ҳосидону бадхоҳон аз атрофи ҷаҳон сар бароранд ва дастаҳои татовулу тааддӣ ва зулм дароз кунанд ва он ғафлат боиси сустӣ гардад ва сустӣ сабаби заволу аз даст рафтани мулку давлат шавад.

***аз «Ҳакими Синдбод»***

**Луғат:**

**қабеҳ** – зишт, нозеб, бад
**мӯҳмал** – беэътибор, беаҳамият
**тааддӣ** – зулм
**риёсат** – риёсат, садорат
**татовул** – ҷабр, таҷовуз

**85.** Порчаи манзумро ифоданок хонед ва ҳар як байти онро маънидод кунед. Имлои феълҳои ишорашударо шарҳ дода, замони онҳоро муайян созед.

... Сари ҳавзи шоҳию сарви саҳӣ,
Дарахте гулафшону беду биҳӣ.
**Барафшонд** бар тахти хоки сиёҳ,
Ба кайвон баромад фиғони сипоҳ.

**Ҳамекард** хӯю **ҳамеканд** мӯй,
**Ҳамерехт** ашку **ҳамехаст** рӯй.
Миёнро ба зуннори хунин **бибаст,**
**Фиканд оташ** андар сарои нишаст.
Гулистон-ш **барканду** сарвон бисӯхт,
Ба якборагӣ чашми шодӣ бидӯхт...

***Абулқосими Фирдавсӣ***

**Луғат:**

**сарви саҳӣ** – сарви рост
**сипоҳ** – лашкар
**кайвон** – осмони ҳафтум
**зуннор** – риштае, ки дарвешон, зардуштиён ба миён мебастанд

**86.** Порчаҳоро хонед. Мазмуни онҳоро нақл кунед. Дар феълҳои ишорашуда чиро мушоҳида кардед?

... Ту гуфтӣ, ки майдон **бичӯшад ҳаме,**
Замин б-осмон **бархурӯшад ҳаме.**
Хиромон шудам пеши он арҷманд,
Яке тахти пирӯза дидам баланд...

* * *

... Манам кадхудои ҷаҳон сар ба сар,
Набояд нишастан ба як ҷой-бар.
В-агарна ман эдар ҳамебудаме,
Басе бо шумо рӯз паймудаме...

***Абулқосими Фирдавсӣ***

**Луғат:**

**кадхудо** – соҳиби хонаву ҷой,
**эдар** – ин ҷо, дар ин ҷо калони хонавода

**87.** Порчаро хонед ва маънидод кунед. Калимаҳои ишорашударо аз лиҳози имло ва сохт шарҳ диҳед.

Зи асп **андаромад** нагунсор сар,
Шуд он шердили пир солори сар.
Ҳамон гаҳ бад-ӯ **андаровард** пой,
Ба кирдори бад андаромад зи ҷой.

***Абулқосими Фирдавсӣ***

**88.** Матнро хонед. Ба мазмуни он тақлид карда нақле нависед, ки дар хусуси машғулияте ва интихоби касбе бошад.

Ҳайрат ҳам дар он мулоқоти аввалин якчанд ғазали худро аз ёд хонда ба ман шунавонид ва ба муносибатҳое, ки дар рафти сӯҳбат мебаромад, қасидаҳои чилбайтӣ ва панҷоҳбайтии устодони гузаштаро бе ҳеҷ даккахӯрӣ ва мулоҳиза аз ёд хонда медод. Аз ин хислаташ маълум мешуд, ки ӯ қувваи ҳофизаи фавқулоддае дорад.

Ӯ дар он сӯҳбат аз қоидаҳои арӯз, аз сифатҳои шеърӣ ва дигар нозукиҳои адабиёт батафсил ва осонфаҳм гап мезад ва аз шеърҳои устодони гузашта ба ҳар қавли худ ва тарзи мисол шоҳид ва намуна меовард.

Ман дар ҳамон мулоқоти аввалин ба қобилият ва маълумоти фавқулоддаи ӯ пай бурдам ва назар ба ақидаи худам, он касе, ки ман барои роҳбарии худ дар шеър аз байни шоирон ва шеърнависони калонсоли он замон меҷустам, ҳамин хурдсоли хурдҷусса буд. Ӯ бо ман ҳамсоя ва ҳамдарс буд. Бо ҳамаи ин ман ӯро аз ҳамон рӯз сар карда, устоди худ қарор додам ва дар дили худ гуфтам:

Ёр дар хонаву мо гирди ҷаҳон мегардем,
Об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем.

***Садриддин Айнӣ***

**Ба савол ва супоришҳо посух диҳед:**

1. **Шунавонид**-ро шарҳ диҳед.
2. **Чилбайтӣ** ва **панҷоҳбайтӣ** кадом ҳиссаи нутқ аст?
3. Байтро маънидод карда, онро аз ҷиҳати сохт муайян кунед.

**89.** Ҳикояро хонед ва фаҳмидаатонро нақл кунед. Хулосаи баровардаатонро мухтасар нависед. Имлои феълҳои ишорашударо дар хотир нигоҳ доред ва бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Подшоҳ писареро ба адибе доду гуфт:

– Ин фарзанди туст, тарбияташ ҳамчунон кун, ки яке аз фарзандони хеш. Адиб хидмат кард ва мутақаббил шуд ва соле чанд бар ӯ саъй карду ба ҷое нарасид ва писарони

адиб дар фазлу балоғат мунтаҳӣ шуданд. Молик донишмандро муоҳазат карду муотабат, ки ваъда хилоф кардӣ ва вафо наёвардӣ.

Гуфт:

– Бар раъйи худованди рӯйи замин пӯшида намонад, ки тарбият яксон асту табоеъ мухолиф.

Гарчи симу зар зи санг ояд ҳаме,
Дар ҳама санге набошад зарру сим
Бар ҳама олам ҳаметобад Суҳайл,
Ҷое анбон мекунад, ҷое адим.

***Саъдии Шерозӣ***

**Луғат:**

**адиб** – мураббӣ
**мутақаббил** – вазифадор, ӯҳдадор
**мунтаҳӣ** – комил, баркамол
**муоҳазат** – сарзаниш, итобкорӣ
**адим** – чарм, пӯсти ошдодашуда
**табоеъ** – ҷамъи табиат, сиришт, ниҳод, одат, хӯ
**Суҳайл** – номи ситораи дурахшон дар қисми ҷануби осмон (Суҳайли Яманӣ).
**муотабат** – коҳиш
**раъӣ** – фикр, ақида
**мухолиф** – гуногун

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Яксон**-ро талаффуз кунед ва шакли дурусти онро дар ёд нигоҳ доред.
2. Феъли мисраи аввалро муайян кунед ва шарҳ диҳед.
3. **Ҳаметобад** чаро якҷоя навишта шудааст?
4. Дар **ваъда хилоф кардӣ** ӣ ба чӣ вазифа омадааст?

**90.** Матнро хонед. Гӯед, ки эҳсосотро чӣ тавр инсон дарк мекунад? Агар ягон эҳсосоти гуворои дар зиндагӣ рухдодаро ёд дошта бошед, нависед.

... Дар дили инсон на фақат асбоби муҳаррики хун, балки узви захиракунандаи ҳолати эҳсоси вай, шодию ғами ӯст. Одамон бошуурона ҳиссиётро ба дил алоқаманд мекунанд. «Аз таҳти дил дӯст медорам», «Дил дар шиканҷаи ранҷ» мегӯянд.

Эҳсосот аксаран бо тағйири назми ҳаракати дил вобаста аст. Аз ғусса суст гаштани тапиши дил, фишор хӯрдан, ларзидан, сих задани он ва ғайра. Ё баръакс, аз шиддати шодмонӣ ҳам назми дил метавонад аз эътидол барояд ва ба оқибати номатлуб оварад. Дар таърих баъзе мисолҳо ҳастанд, ки ашхоси гуногун аз зӯрии эҳсосоти гуворо ҳалок шудаанд, ба ибораи дигар шодимарг гаштаанд.

Драманависи номии Юнон Софокл дар зери садои пурхурӯши кафкӯбии ҳаводоронаш, ки истеъдоди ӯро эътироф ва тақдир мекарданд, дилкаф шуда буд. Шоҳи Эрон Кайхусрави Сиёвуш ҳангоми хандаи сахт ҳалок гардид. Диагори юнонӣ чун фаҳмид, ки ҳар се писараш дар мусобиқаи олимпӣ зафар ёфтаанд, шодимарг шуд.

***Фазлиддин Муҳаммадиев***

**Ба савол ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Магар эҳсосот метавонад назми ҳаракати дилро тағйир диҳад?
2. **Шодимарг** – ро аз ҷиҳати сохт муайян кунед ва тарзи навишти онро дар хотир доред.
3. Муродифҳои **ҳалок шудаанд**-ро ёбед ва ба ҳар кадоми он мисолҳо гӯед.

**91.** Порчаи шеърро ифоданок хонед ва мазмунашро нақл кунед. Шарҳ диҳед, ки калимаҳои ишорашуда ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ доранд?

Фарзона сухансарои Бағдод
Аз сирри сухан чунин хабар дод,
К-он шефтаи **расанбурида,**
Девонаи **моҳи нав надида,**
Маҷнуни **ҷигаркабобгашта,**
Деҳқони деҳи **харобгашта,**
Мегашт ба ҳар басич гоҳе,
Мӯнис на ба ҷуз дареғу оҳе.

***Низомии Ганҷавӣ***

**Луғат:**

**фарзона** – ҳаким, донишманд
**расанбурида** – риштаи ҳаётбурида
**басич** – қасду ирода, омодагӣ

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Гӯед, ки ин порча аз кадом достони Низомист?
2. **Сирр**-ро аз назари калимаи кадом забон будан шарҳ диҳед.
3. Дар кадом вақт **харобгашта** барин калимаҳо истифода мешаванд? Имлояшро шарҳ диҳед.

**92.** Матнро нависед, феълҳои онро ёбед ва чӣ нақш доштани онҳоро шарҳ диҳед. Имлои феълҳоро маънидод кунед.

Бошандагони Дараи Ниҳон ҳамагӣ ба кору кочоли худ сокӯл буданд: ҷавонон рамаҳои худро ронда, то теғаҳои кӯҳ ба чаро бурда буданд; мардони миёнсол ҷуфт баста, ҷоҳои ҳамвори дараро, ки дар он ҷоҳо ба мурури замон дар бориши барфу борон бо гузаштани селоб ба қадри ним газ хок ба ҳам расида буд, меронданд ва барои кишти тирамоҳӣ тайёрӣ медиданд, занон ва духтарон шир мепухтанд, ҷуғрот мехобонданд, гуппӣ мезаданд, маска месохтанд ва равған мекашиданд; мардони кӯҳансол ду-ду, чор-чор ба сангҳо такя карда нишаста саргузашт мегуфтанд ва мешуниданд.

*Садриддин Айнӣ*

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. Чаро пеш аз калимаи **ҷавонон** аломати баён гузошта шудааст?
2. **Ҷуғрот** чӣ хел талаффуз мешавад ва шакли дурусташ кадом аст?
3. Феълҳои чидашуда ба матн чӣ тобише бахшидаанд?
4. **Меронданд** боз ба кадом маъно меояд? Мисол оред.

**93.** Матнро хонед ва мазмунашро мухтасар нақл кунед. Ҷумлаҳои сифати феълидоштаро нависед ва имлою чӣ тавр сохта шуданашро шарҳ диҳед.

Восеъ дар адир ба як қитъа замине, ки дошт, гандуми баҳорӣ кошта буд. Ҳасан ва Давлат баъди чидани алафҳои хӯрданӣ ба адир баромада, аз гандуми думбулшудаи худашон якчанд хӯша сарак канда бурданӣ шуданд. Апаашон Гулизор дар хона ин саракҳоро ба додараконаш дар хокистари гарм пухта медиҳад. Гандуми думбули дар хокистар пухта хело бомаза мешавад, бачаҳо онро як каф-як каф хӯрда барвақт хоб мекунанд, то ки ба воситаи хоби кашол ранҷи гуруснагиро камтар кашанд.

Онҳо сарак меканданд, бехабар аз он ки Ҷобири доруға – дидбони киштҳои ғалла дар он ҷо ҳозиру нозир аст. Вай ба амри сардораш ва хоҷааш – амлокдори Ховалинг кишти ғаллаи деҳқононро дидбонӣ карда мегардад, то ки деҳқонон ҳосили ғаллаашонро пеш аз додани хироҷ сарф карда намонанд ё пинҳон накунанд. Доруға пайдо шуда аввал якчанд дашноми ногуфтанӣ ба номи очаву ҳамшираи бачаҳо дод ва баъд омада аз гӯшҳошон гирифта, ҳар дуро аз гандумзор берун кашида, ду-се торсакии дардноке ҳам ба рӯяшон фуровард. Саракҳои кандагиашонро аз дасташон рабуда бар замин афканда, бо қаҳр кандагиашонро аз дасташон рабуда бар замин афканда, бо қаҳр лагадкӯб кард.

***Сотим Улуғзода***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Калимаҳои ишорашударо бори дигар талаффуз кунед. Чӣ ҳодисаро пай мебаред?
2. **Гандуми думбули дар хокистар пухтаро** кӣ медонад ва дидааст?
3. Чӣ гуна амалро **саракчинӣ** мегӯянд?
4. Киро **доруға** мегуфтаанд?
5. Агар дар бораи **гандум, гандуми дунбул** ва **дарав** маълумоти хуб дошта бошед, нақле нависед.

**94.** Ҳикояро хонед ва фаҳмидаатонро нақл кунед. Ҳикмати ин ҳикоя дар чист? Ба хулосаи ин ҳикоя истинод карда, дар мавзӯи «Ҷавонмардӣ» нақле нависед.

Шабе дар масҷиди ҷомеи Миср оташ афтоду бисӯхт. Мусулмононро таваҳҳуми он шуд, ки онро насоро кардаанд. Ба мукофоти он оташ дар хонаҳои эшон андохтанду бисӯхтанд. Султони Миср ҷамоатеро, ки оташ дар хонаи эшон андохта буданд, бигирифту дар як ҷой ҷамъ кард ва бифармуд, то ба адади эшон руқъаҳо навиштанд, дар баъзе куштан, дар баъзе даст буридан ва дар баъзе тозиёна задан. Ва он руқъаҳо бар эшон афшонданд, бар ҳар кас ҳар руқъа, ки афтод, бо вай ба мазмуни он муомала карданд. Як руқъа, ки мазмуни он куштан буд, дар касе афтод:

Гуфт:

– Аз куштан боке надорам, аммо модаре дорам, ки ҷуз ман касе надорад.

Ва дар паҳлӯи вай дигаре буд, ки дар руқъаи вай тозиёна задан буд. Вай руқъаи худро бад-он доду руқъаи вайро гирифт ва гуфт:

– Ман модар надорам.

Инро ба ҷойи ӯ бикуштанд ва онро ба ҷойи ин тозиёна заданд.

## МАСНАВӢ:

Ба симу зар ҷавонмардӣ тавон кард,
Хуш он кас, к-ӯ ҷавонмардӣ ба ҷон кард,
Ба ҷон чун эҳтиёҷи ёр бишнохт,
Ҳаёти худ фидои ҷони ӯ сохт.

***Абдурраҳмони Ҷомӣ***

## Луғат:

**таваҳҳум** – ваҳм, гумон
**руқъа** – навишта, санад
**насоро** – пайравони Исо, насрониҳо

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. **Оташ андохта буданд** чӣ тобише дорад?
2. Ҷавонмардии ҳакиқӣ бо чӣ кор собит мешавад?
3. Ҷавҳари ҷавонмардӣ дар кадом мисраъ ифода шудааст?
4. **Бигрифт** аз лиҳози имло дуруст аст? Сохти онро шарҳ диҳед.

**95.** Матнро хонед ва гӯед, ки аз он чӣ натиҷа бардоштед? Шумо ҳам тақлидан ба матн нақле нависед, дар он мувофиқи фаҳмиши худ инсони ҳақиқиро тасвир кунед.

Инсон, охир, ҳамон аст, ки на фақат ғами хеш, балки ғами дигаронро низ хӯрад. Ғами фардоро. Фардои худ, фарзандони худ, аммо дар баробари ин ғами фардои ҳамаи ҳамватанон, ҳаммаслаконро. Агар дар вуҷуди навъи башар ҳамин чизи муқаддас, ҳамин нури пок намешуд, таҳаввулот намебуд, дар бадали ин даҳ ҳазор соли охир вай аз табари сангӣ то ба киштии атомӣ ё ракетаҳои кайҳоннаворд намерасид, бешак.

Пахтакоре, ки дар саҳрои гарми офтобӣ ба обу арақ ғӯтида кор мекунад, гарчи бо фалсафа машғул нест, фақат барои сер кардани шикаму пӯшонидани аҳли хонаводааш заҳмат намекашад.

Духтарчае, ки ғайр аз таги дари манзили худ боз чанд зинаи дигар, таги дари ҳамсояи куҳансол, инвалид, атрофи даромадгоҳи ҳавлии васеи сиву шаш хонадорро мерӯбад, низ инсони хурдсол аст ва инсони баркамол хоҳад шуд.

Кас пойафзоли дарбеҳдори ҳамгузарашро дида нахандад, балки дилаш фишор хӯрад, инсон аст. Равнақи кори ҳамсоя, ҳамкасаба, ҳаммаслаконашро дида, аз сидқи дил шод шавад, инсон аст. Мисли он олими фидокор, ки дар шароити сахти биёбони регзори Туркманистон солҳо таҳқиқот мебурд, ки тадбире андешад, роҳе пайдо кунад, то ки кӯчи рег қатъ гардад ва дар болои регзор қабати замини корам ба вуҷуд ояд. Дар Қароқуму Қизилқумҳо миллион-миллион гектар регистон ба боғу бӯстон мубаддал шавад.

***Фазлиддин Муҳаммадиев***

**Ба савол ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Феъли ҷумлаи аввалро ёбед ва шарҳ диҳед.
2. Калимаҳои **ҳамсоя, ҳамкасаба** ва **ҳаммаслак**-ро ҳамреша ҳисоб кардан мумкин?
3. Муродифҳои **таҳаввулот**-ро ёбед ва бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**96.** Порчаи манзумро ифоданок хонед. Байт-байт маънидод кунед. Имлои феълҳои ишорашударо шарҳ диҳед.

**Ҳамерафт** ӯ шитобон дар биёбон,
**Ҳамекард** ӯ яке манзил ду манзил.
Биёбоне чунон сарду чунон сахт,
К-аз хориҷ набошад ҳеҷ дохил.
Зи бодаш хун **ҳамебифсурд** дар тан,
Ки бодаш дошт табъи заҳри қотил.
Зи ях гашта шамарҳо ҳамчу симин,
Табақҳо бар сари заррин мароҷил.
Ба кирдори сирешимҳои моҳӣ
**Ҳаме бархост** аз шахсори ӯ гил.

***Муиззӣ***

**Луғат:**

**шамар** – ҳавз
**сирешими моҳӣ** – навъе аз сиреш, ки аз моҳӣ ҷудо мекунанд.
**шахсор** – замини сахти домани кӯҳ
**мароҷил** – ҷамъи мирҷал, дег

## ШУМОРАВУ ҶОНИШИН ВА ИМЛОИ ОНҲО

**97.** Порчаи манзумро ифоданок хонед ва мазмунашро нақл кунед. Шумораҳои онро ёфта, имлояшонро шарҳ диҳед. Гӯед, ки ин порча аз кист ва аз кадом асар.

Дар ақсои олам бигаштам басе,
Ба сар бурдам айём бо ҳар касе.
Таматтӯъ ба ҳар гӯшае ёфтам,

Зи ҳар хирмане хӯшае ёфтам.
Чу покони Шероз хокиниҳод
Надидам, ки раҳмат бар ин хок бод!
Таваллои мардони ин покбум
Барангехтам хотир аз Шому Рум
Дареғ омадам з-он ҳама бӯстон,
Тиҳидаст рафтан сӯйи дӯстон.
Ба дил гуфтам: Аз Миср қанд оварам,
Бари дӯстон армуғонӣ барам.
Маро гар тиҳӣ буд аз он канд даст,
Суханҳои ширинтар аз қанд ҳаст.
На қанде, ки мардум ба сурат хӯранд,
Ки арбоби маънӣ ба коғаз баранд.
Чу ин Кохи давлат бипардохтам,
Бар ӯ даҳ дар аз тарбият сохтам:
Яке боби адласту тадбиру рой,
Нигаҳбонии халқу тарси Худой.
Дувум боби эҳсон ниҳодам асос,
Ки мунъим кунад фазли халқро сипос.
Савум боби ишқ асту мастию шӯр,
На ишқе, ки банданд бар худ ба зӯр.
Чаҳорум тавозӯъ, ризо панҷумин,
Шашум зикри марди қаноатгузин.
Ба ҳафтум дар аз олами тарбият,
Ба ҳаштум дар аз шукр бар офият.
Нӯҳум боби тавба асту роҳи савоб,
Даҳум дар муноҷоту хатми китоб.

**Луғат:**

**ақсо** – гӯшаю канор, ҷойҳои дурдасти олам
**таматтӯъ –** манфиат, фоида, лаззат
**тавозӯъ** – хоксорӣ
**тиҳидаст** – дастхолӣ
**дареғ омадан** – раҳму дилсӯзӣ кардан
**рой** – андеша, чора
**мунъим** – неъматдиҳанда, он ки ризку неъмат медиҳад
**арбоби маънӣ** – одамони сухансанҷ, нуктафаҳм

**Ба саволҳо посух диҳед:**

1. Аз **Миср қанд овардан**-ро шарҳ диҳед, ки он чӣ гуна қанд аст.
2. **Даҳ дар аз тарбият сохтан** чӣ маъно дорад?
3. Дар матн кадом хели шумора истеъмол шудааст?

**98.** Матнро хонед ва фаҳмидаатонро нақл кунед. Аз мутолиаи матн ба чӣ хулоса омадед? Таълими пешинро бо таълими имрӯза муқоиса карда, фикратонро мухтасар нависед. Гӯед, ки кадомӣ беҳтар?

Дарсҳои мадрасаҳои Бухороро, ки талабаҳо дар 18-19 сол хонда тамом мекунанд, ман дар шаш сол хондам, назар ба талабаҳои дигар зиёдтар чизҳо омӯхтам ва баъд аз он дар мутолиаи хонагӣ нишастам. Дар мутолиаи хонагии ман ҳам ҳамеша як муллои хушсаводи арабидон бо хонда шунавондани китобҳои арабӣ ва тоҷикӣ ёрӣ медод. Бо ин кор ҳам чор сол сарф кардам. Дуруст аст, ки ман монанди Зарир шоир нашудам, лекин шеърро хоҳ тоҷикӣ бошад, хоҳ арабӣ, хуб мефаҳмидагӣ шудам. Ман бештар ба мантиқ, ҳикмат ва фалсафа дода шудам. Дар ин илмҳо манбаи асосии ман таълифоти Абӯалӣ Сино шуд, ки онҳоро аз худ кардам ва бештарин ҷойи онҳо чун Қуръон ба ман ёд шуда монд. Зотан, ман бо як бор ё ду бор шунидан ҳар чизи илмиро, ҳарчанд дароз бошад ҳам, аз бар карда метавонистам. Ман, ки дар хурдсолиам Қуръон барин як китоби калонро, бо вуҷуди маъниашро нафаҳмиданам, дар ду сол ёд карда будам, баъди бо чизёдкунӣ варзиш ёфта ба воя расидани қувваи ҳофизаам, ёд кардани чизҳое, ки маъниҳояшонро мефаҳмидам, душворӣ намекард.

***Садриддин Айнӣ***

**Ба саволҳо посух диҳед:**

1. Аз ёд кардан чӣ манфиат доштааст?
2. **Варзиш ёфтани қувваи ҳофиза**-ро чӣ тавр мефаҳмед?

3. Кадом илмҳои тоза бароятон маъқул ва чаро?
4. Шумораи тахминӣ чӣ тавр навишта мешавад?

**99.** Чистонро бодиққат хонед. Ҷавобашро аз рӯйи аломатҳо ёфта, калимаҳои ишорашударо аз ҷиҳати сохт шарх диҳед.

Чист он лӯъбат, ки дорад **чор** шох андар сараш,
Бар сари ҳар шохи ӯ **сӣ** духтари афсунгараш.
Бар сари ҳар духтаре вобаста дидам сӣ писар,
Бар сари ҳар **як** писар сӣ духтари симинбараш?

**100.** Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Шумораҳоро аз назари имло шарҳ диҳед.

Серодамии Марви онрӯза ва дигар шаҳрҳои Хуросонро аз ҳамин воқеа ҳам қиёс кардан мумкин аст, ки чингизиён дар ҳуҷуми аввалинашон ба Марв аз як миллион зиёдатар одамро куштанд.

Баъди аз Марв рафтани муғулон зиндамондагон аз гӯшаву канорҳо баромада, боз дар он ҷо гирд омада буданд. Чингизиён, ки роҳгузар шуда аз он ҷо мегузаштанд, дубора ба Марв ҳуҷум карда, боз касони бисёреро куштанд.

Чингизиён инчунин дар Нишопур як миллиону 47 ҳазор нафарро ва дар Ҳирот дар навбати аввал як миллиону шаст ҳазор нафарро ва дар навбати дуюм сад ҳазор нафарро куштанд.

Назар ба ривояти «Равзатуссафо» дар Балх то ҳуҷуми Чингиз 1200 ҷомеъ (масҷиди калон) ва 1200 ҳаммом буд. Дар ҳуҷуми Чингиз танҳо аз арбоби илм ва адабиёт, ки номашон маълум буд, 50 ҳазор кас кушта шуд. Боқӣ кушташудагонро, ки оммаи аҳолӣ буданд, аз ҳамин бояд киёс кард. Аз ин ҳуҷҷати таърихӣ ободӣ ва серодамии Балхи онрӯза ба хубӣ равшан мешавад.

***Садриддин Айнӣ***

**Ба савол ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Калимаҳои **онрӯза** ва **дубора**-ро аз ҷиҳати сохт ва имло шарҳ диҳед.

2. **Арбоб** ба чӣ маъно омадааст? Бо он ҷумлае тартиб диҳед.
3. Маълумоти доштаатонро илова карда, дар мавзӯи **«Аъмоли зишти Чингиз»** нақле нависед.

**101.** Матнро хонед. Гӯед, ки аз он чӣ натиҷа бардоштед. Онро нависед ва шумораҳои матнро беғалат истифода намоед.

Ҳамсӯҳбати ман хомӯш монда, боз ба чойнӯшӣ сар кард. Ман аз ҳоло ба чӣ кор машғул буданашро пурсидам. Ӯ гуфт:

– Қозӣ Дониёлхоҷа, ки аз тарафи модар ба ман хешигарӣ дорад ва худаш одами хуби донишдӯст аст, аҳволи маро ба қозикалон фаҳмонда, дар як мадрасаи бедарсхона маро мударрис кунонид, ки аз он мадраса соле ҳазор танга даромад дорам. Азбаски ҳавлии падариам дар Ҷӯбор ва аз маркази шаҳр дур буд, вайро фурӯхта, аз ҳамсоягии Дониёлхоҷа аз гузари Собунгарон як ҳавлича харидам, ки дар он ҷо рӯзе чор-панҷ соат дарсгӯйӣ мекунам ва аз талабаҳо ҳам соле қариб ҳазор танга даромад мешавад, бо ҳамин рӯзам ба хубӣ мегузарад.

Бинобар ин, баъд аз мударрис шуданам қуръонфурӯширо, ки бисёр бад медидам, тарк кардам.

***Садриддин Айнӣ***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. Боз кадом калимаҳоро медонед, ки бо пасванди **гарӣ** сохта шудаанд?
2. **Собунгарон**-ро аз ҷиҳати сохт муайян кунед.
3. **Гузар** дар ин матн чун феъл омадааст ё на?

**102.** Матнро хонед ва хулосаатонро бо ду-се ҷумла баён кунед. Ба тарзи навишти шумораҳо эътибори ҷиддӣ диҳед.

Мовароуннаҳр дар замони Абӯалӣ Сино то охири асри X мулки Сомониён ва ҷузъи муҳимтарини давлати онҳо

буд, ҷузъи дигари давлаташонро Хуросон бо ҳамроҳии вилоятҳои шарқии Эрон ташкил мекард.

Ҳокимияти хонадони Сомонӣ аз соли 820-и мелодӣ оғоз меёбад, ки дар он сол чаҳор бародар – писарони Сомонхудот Асад дар се вилояти Мовароуннаҳр ва як вилояти Хуросон ба аморат расиданд: Нӯҳ дар Самарқанд, Аҳмад дар Фарғона, Яҳё дар Чоч ва Устурушон, Илёс дар Ҳирот. Ҳирот пас аз вафоти Илёс аз дасти хонадони Сомонӣ рафт, дар се вилояти боқӣ ҳар яке аз ҳокимони Сомонӣ бештар аз 72 сол насл ба насл феълан ба сари худ буд, Мовароуннаҳр дар як давлати мутамарказ муттаҳид нашуда буд, то он ки дар соли 829 Наср бинни Аҳмад бинни Асад, ки расман сари хонадон ҳисоб меёфту пойтахташ Самарқанд буд, мурд ва ҷояшро бародари хурдии ӯ – ҳокими Бухоро Абӯиброҳим Исмоил гирифт. Ташкили давлати мутамарказиСомониён аз ҳамин сол (829-893) шурӯъ мешавад, ки таъсискунандаи он Исмоили Сомонӣ буд.

***Сотим Улуғзода***

**103.** Матнро хонед ва мақсади асосии муаллифро муайян созед. Ҷонишинҳои матнро ёбед ва имлои онҳоро шарҳ диҳед. **Шумо** кадом ҷонишинро иваз кардааст?

Ҳоло муаллим пиёлаи чой дар даст сари худро қадаре яктарафа дошта, ба сӯҳбати ду мӯйсафед, ки дар кати ҳамсоя нишастаанд, ғайриихтиёр гӯш медиҳанд, банохост рӯй бар ман оварда савол медиҳанд:

– **Соч** ном паранда ҳаст. Аслан бояд **сор** бошад. Дар баъзе маҳалҳо **суттӣ** мегӯянд. Оё шумо ҳам ягон номи дигари онро шунидаед?

– Не муаллим. Ман дар шаҳр таваллуд ва тарбия ёфтаам. Аз парандаҳо дар шаҳр чӣ ҳаст? Кабӯтар, мусича, гунҷишк. Тирамоҳу зимистон аккаи думдароз ва зоғи сиёҳ пайдо мешаванд.

– Ҷойи таваллуд ва тарбия дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, албатта, аҳамият дорад, аммо фикр мекунам, ки набояд омили асосӣ ва ҳалкунанда бошад. Жюл Верн мисоли равшан.

Маро ба ҷуз розӣ шудан бо ин гапи ҳақ дигар чорае набуд.

***Фазлиддин Муҳаммадиев***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Оё шумо ҳамаи парандаҳоро медонед?
2. Номи парандаеро таҳлили этимологӣ кунед.
3. Нақле нависед, ки дар он парандаҳо ном бурда шаванду оид ба яке аз онҳо маълумоти муфассал риоя гардад.
4. **Соч**-ро дар ҷойи шумо чӣ мегӯянд?

**104.** Порчаи манзумро ифоданок хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Ҷонишинҳои онро муайян карда, аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед. Шеърро аз ёд кунед.

Нигаҳ кун бад-ин лашкари номдор,
Ҷавонони шоистаи корзор.
Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,
Зану кӯдаки хурду пайванди хеш.
Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.

***Абулқосими Фирдавсӣ***

**105.** Матнро хонед ва ҳадафи онро муайян кунед. Гӯед, ки чаро ҷонишини **ман** дар аввали ҳар ҷумла истифода шудааст?

Имрӯз мақсади асосии ман ёфтани кӯча, гузар ва ҳавлии Қорӣ Ишкамба буда, ҳамаи фикру хавосам ба ин мақсад банд буд, бинобар ин, барои ба сухан даровардани Раҳими Қанд ва ҳикоя гӯёндани вай кӯшише накарда, дар фикр фурӯ рафта будам...

Ман ҳанӯз обидандони дар даҳонам гирифтаамро макида тамом накарда будам, ки Қорӣ Ишкамба аз тарафи шарқи раста – аз тарафи Кӯкалтош намоён гардид. Ман барои пурра ва пухта дидани рӯйи ӯ чашмамро ба ӯ дӯхтам. Чун ӯ наздиктар расида назараш ба ман афтод, чашмонаш-

ро аз ман наканда омадан гирифт. Ман аз нигоҳҳои тези маънидори ӯ дар ҳаққи худам «ин дурӯғгӯйи дирӯза» гуфтани ӯро пай бурдам, бинобар ин, шарм дошта чашмамро аз вай канда худро ба нодонӣ задам, лекин бо гӯшаи чашм ҳаракатҳои ӯро таъқиб мекардам.

***Садриддин Айнӣ***

**Ба саволҳо посух дода, супоришро иҷро кунед:**

1. **Обидандон** чист?
2. Ифодаи **чашмамро ба ӯ дӯхтам**-ро маънидод кунед.
3. **Нигоҳи маънидор** чӣ гуна нигоҳ аст?
4. **Омадан гирифт** кадом замонро ифода мекунад?

**106.** Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Гӯед, ки дар матн роҷеъ ба чӣ сухан меравад. Муродифҳои ҷонишини **ман**-ро ёфта шарҳ диҳед.

Чун он қасида ба итмом расид, ҳазрати салтанатмаобӣ фармуданд, ки маходим дар шони ин қасида чӣ мегӯянд ва чӣ мефармоянд. Изза ҳама мутаваҷҷеҳи ин **камина** шуданд ва гуфтугӯеро ба ин **фақир** ҳавола намуданд. Фақир бар арз расонид, ки шайх Абдулқодири Ҷурҷонӣ, ки дар илми маонӣ ва баён китобе тасниф карда ва онро далоили илоэъҷоз ном карда, ки мисли он китобе дар ин илм касе нанавишта. Дар он ҷо мазкур аст, ки каломе, ки аз фасоҳат ва балоғат холӣ бошад ва ба зевари саноеъ ва бадоеъ ва мазоё мутаҳаллӣ бошад, ҳукми он дорад, ки қалодаи заррини мурассаъ ва мукаммал ба ҷавоҳирро касе дар гардани хук овезад. Чун ин сухан гуфтам ва дурри маонӣ суфтам, Султон Ҷалолиддин барошуфт ва гуфт: «Азизон, магар он қасидаи **ман** маънӣ надорад». Гуфтам: «Каломе, ки дар ӯ фасоҳат ва балоғат набошад, лозим нест, ки бемаънӣ бошад». Инак, Мавлоно Ховарӣ аз рӯйи ҳазл ва зарофат қасидае гуфт...

***Зайниддин Восифӣ***

**Луғат:**

**маходим** – ҷамъи махдум
**изза** – одамони соҳибэҳтиром

**фасоҳат**-равшанбаёнӣ, ба салосат ва равонӣ сухан гуфтан
**мутаҳаллӣ** – зеварёбанда, бо зевар ороста
**маонӣ** – ҷамъи маънӣ
**мурассаъ** – ороста
**мазоё** – фазилат, афзунӣ
**зевари саноеъ–** зебу зинати чизе, ки ба он чизи дигарро биороянд
**қилода** – гулӯбанд, гарданбанди ҳайвонот

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Маънии асосии **фақир**-ро шарҳ диҳед ва гӯед, ки дар ин матн ба чӣ маъно омадааст.
2. Ифодаи **ба арз расонед**-ро истифода бурда ҷумлае тартиб диҳед.
3. Муродифи калимаи **сухан**-ро ном баред.
4. Нутқи айнанеро, ки дар охир омадааст, маънидод кунед.

**107.** Матнро хонед ва мазмунашро мухтасар нависед. Ҳини навиштан кӯшед, ки муродифҳои **ман** истифода шаванд. Гӯед, ки онҳо чӣ вазифаро иҷро кардаанд.

Чиҳил рӯз фақирро дар Фараҳ нигоҳ доштанд (ва хидматҳо) ва такаллуфот ва меҳмониҳо карданд, ки дар силсилаи подшоҳон амсоли он мутасаввир набошад. Баъд аз чиҳил рӯз, дар вақте ки моро иҷозат медоданд, аспе бо зину лаҷом ба ин камина таъйин фармуданд, (ки) то ашҳаби рӯз бо адҳами шаб дар чарогоҳи сипеҳр мечарид ва аз барои бародару шогирди фақир ҳар кадом аспе бо зину лаҷоми муносиб муқаррар фармуданд ва сару пойи лоиқ низ карам намуданд ва то корвонгоҳ, (ки) аз Фараҳ то он ҷо ним фарсах аст, ҳамроҳӣ карданд. Он ҷо фуруд омада, таъоме кашиданд ва фақирро видоъ карданд ва баргаштанд. Бародари калон чанд қадаме, ки ронд, баргашт. Гуфт: «Мо дастуре дорем, ки касеро, ки гусел мекунем, мусофаҳа мекунем».

Даст дар бағал даровард ва коғазе дар ҳам печидае дар кафи дасти ман ниҳод ва бародари миёна ва хурд низ бар

ҳамин услуб бародар ва шогирдро мусофаҳа карданд. Чун фуруд омадем ва зарҳоро ҳисоб кардем, ҳафсад танга буд. Ин навъ саховат ва карам магар аз Ҳотами Той манқул бошад.

***Зайниддин Восифӣ***

**Луғат:**

**такаллуфот** – мурооти барзиёд
**мутасаввир** – тасаввурнашаванда, қобили дарк
**ашҳаби рӯз** – киноя аз Офтоб
**адҳами шаб** -киноя аз торикии шаб
**чарогоҳи сипеҳр** – осмон
**мусофаҳа** – дасти ҳамдигар гирифтан ба вақти мулоқот

**108.** Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Гӯед, ки мазмуни матн бароятон писанд омад ё не? Ба дурустии гуфтаи адиб боварӣ доред? Аз ҳаёти худ ба наздиконатон воқеоти ба ин монандро ба ёд оварда нақле нависед.

Ваҳм ҳастии одамро хароб мекунад, алалхусус, агар тарсу бим оммаро фаро гирифта бошад. Вале дониши одамӣ бар зидди ваҳм аслиҳаи тавоноест. Узви дастаи сӯхторкуш худро ба коми оташ беибо мезанад. Аспбози соҳибтаҷриба бебокона рафта, аспи саркаши чароғпояшударо даст мегирад ва лаҷом мезанад. Шикорӣ ба пешвози шеру бабру филу хирс далерона меравад. Марде, ки усули самборо аз бар кардааст, метавонад ба танҳоӣ бар чанд нафар бозориёни мусаллаҳ зафар ёбад.

Ин гуна одамонро одатан нотарс мегӯянд, ҳарчанд ки ҳисси тарс барои эшон бегона нест. Лекин онҳо бо қувваи дониш ба таҷриба ва малака такя карда, тарсро мағлуб месозанд. Табиатан касе, нест, ки натарсад. Парашутчиён қабл аз ҷаҳишҳои аввалин, дорбозон бори нахустин ваҳм мекашанд. Касе, ки бори якум ба кони торике медарояд, ҳатман метарсад.

Духтури франсавӣ Ален Бомбар ба завракчаи хурдакаки резинӣ савор шуда, бе обу озуқа. яккаву танҳо укёнуси

Атлантикро тай намуд. Бар қасди буздилон завраки худро «Шаккок» ном дода буд. Гуруснагиро ба гӯшти моҳӣ, ташнагиро бо оби борон рафъ менамуд. Дергоҳе борон набарад, оберо менӯшид, ки аз бадани моҳиёни сайдкардааш фишурда мебаровард. Дар бадали шасту панҷ рӯз ба ҳамин минвол ба Америка бирасид ва исбот кард, ки банӣ инсон ҳақ надорад, ки ҳатто ба чунин қувваи муаззами табиат, монанди укёнус, сари таслим фуруд орад.

***Фазлиддин Муҳаммадиев***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Ҷуфти муродифиро аз ҷумлаи аввал пайдо кунед.
2. **Буздил** ба кадом маъно омадааст? Аз ҷиҳати сохт муайян созед.
3. Ҷонишинҳои ҷумлаи охирро ёбед ва шарҳ диҳед.
4. Калимаи **моҳӣ** сохта аст ё сода?

**109.** Матнро хонед ва ҳикмати онро дарёбед. Ба мазмуни матн монанд зарбулмасалу мақолҳоро пайдо карда нависед. Масалан: «Тарсуро марг ёр аст».

Тарс ё ваҳм аз тавонотарин ҳиссиёт аст. Ривоят мекунанд, ки дар замони қадим ба кишваре вабо омадааст. Подшоҳи мамлакат шахси одил, раиятнавоз будааст. Хашмгин ба ҷустуҷӯйи вабо баромадааст ва дар биёбоне ба ӯ дучор омада, аз меҳмони нохонда пурсидааст:

– Ин дафъа чӣ кадар табааи маро бо худ хоҳӣ бурд?

Ҳазор кас! – ҷавоб додааст вабо ва кори мусибатосори худро анҷом дода, аз он кишвар рафтааст.

Аз қазо баъди муддате он подшоҳ бо вабо дубора вохӯрда, маломаташ кардааст, ки ба ваъда вафо накардааст, ба ҷойи як ҳазор панҷ ҳазор касро аз раияти ӯ нобуд сохтааст.

– На, – гуфтааст вабо. – Ин кори ман нест. Чаҳор ҳазор касе, ки ту мегӯйӣ, худ аз тарс мурдаанд.

***Фазлиддин Муҳаммадиев***

**110.** Матнро хонед ва мазмуну моҳияти онро мухтасар баён кунед. Дар мавзӯи «Гиёҳҳои шифобахш» иншое нависед. Муайян кунед, ки дар матн кадом ҷонишин бештар истифода шудааст.

Каримҷон роҳравон гиёҳҳои тару тозаро, ки аз сари роҳи мо мебаромад, канда ба мо нишон медиҳад:

– Ана ин ситамкаш ном дорад. Баргашро таф дода, ба рӯйи пучак, ҳафтпӯст ва варам мебанданд... Инро сӯзанак миноманд, ки мардуми мо барои табобати диққи нафас истеъмол мекунанд... Ин мӯрчакамолак ном дорад, ки ширааш ҷиҳати табобати хала ва сулфа мавриди истифода қарор мегирад. Тарзи истифода ва истеъмолаш бо шир аст... Хайрият, ки ҳоло ҳам торон хушк нашудааст. Мардум торонро ҷиҳати тоза намудани рӯдаҳо, барои табобати гармбода (қабзият) ба кор мебаранд. Ин буттаро, албатта, медонистагистед? Қот аст ва нав аз гул фаромадааст. Мевааш тирамоҳ, аз охири сентябр сар карда мепазад, табибҳои мо қотро барои табобати меъда ва мӯътадил гардонидани фишори хун ба кор мебаранд. Вақте ки меваааш пухт ва қиём шуд, парандаҳо ҳам мехӯранд.

Қамариддин як навдаи дарахти пурҷилои баргаш хурди дилкашро шикаста, аз Каримҷон пурсид, ки:

– Муаллим, ин дарахт чӣ ном дорад, ки гулаш ин қадар зебо будааст?

– Магар зелолро надидаед? Мардум аз решаи он қиёми зирк таҳия мекунанд. Табибон решаи зелолро барои шикастбандӣ низ ба кор мебаранд.

*аз «Садои Шарқ»*

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Ҳафтпӯст**-ро талаффуз кунед. **Чӣ** ҳодисаро пай бурдед?
2. Калимаҳои **торон** ва **одамон** магар дар як қолаб сохта шудаанд?
3. Вазифаи **ак**-ро дар калимаи **сӯзанак** муайян кунед.

**111.** Матнро хонед, гӯед, ки ҷонишини **фақир** ба кадом маъно омадааст. Қитъаро аз ёд кунед.

Ғиёсиддин Муҳаммад ба фақир гуфт, ки бархез, ки худро зудтар ба мутолиаи он абёт расонем ва дидаи рамдидаи худро ба мутолиаи он хутут мунаввар гардонем. Фақир гуфтам, ки аз барои мутолиаи қитъаи ин микдор машъуф будам, яъне Ғиёсиддин Муҳаммад ба ин қитъа рутубаллисон гардид, ки:

Мефизояд нури чашми одамӣ аз ҳашт чиз,
Гар муяссар мешавад, дар вай назар кун ҳар замон:
Дар зару дар мусҳафу шайхи кабиру шоҳи аср,
Рӯйи хубу хатти хубу сабзаю оби равон.

***Зайниддин Восифӣ***

**Луғат:**

**хутут** – ҷамъи хат
**машъуф** – шефта, мафтун
**мусҳаф** – Қуръон
**шайхи кабир** – марди бузург, эшон
**рутубаллисон** – суханорой, фасеҳбаён

**112.** Матнро хонда, мақсади онро баён кунед. Ҳар як ҷонишинро ёфта, вазифаи онро шарҳ диҳед.

Амир Султон Ҷалолиддин, ки ин ҳикоятро шунид, ҳолаш ба он ҷо анҷомид, ки (чун) аз ҷойи худ ҷунбид, пояш ба доман дарпечид, ба замин ғалтид ва беҳуш гардид. Ду кас дар зери дӯши ӯ даромада (ӯро) ба масҷиди ҳарам расониданд. Камина аз қафо омадам ва гуфтам: Эй амири соҳибдавлат (азизалвуҷуд), шуморо ин насаби олӣ ва муносиби мутаолӣ, ки иборат аз нақобат (вилояти Фарғона) ва Шайхулисломӣ ва мансаби фатво бас нест (ва ин ном) ба ин тумтароқ (ки) шуморост, баробарӣ мекунад. Ба даҳсола касби фазилат чӣ лозим аст, ки дар амре дахл намоянд, ки мӯҷиби иҳонат (ва истиҳонат)-и мулозимон гардад? Мир фармуданд, ки рост мефармоянд ва дасти ин

фақирро гирифта фармуданд, ки шумо гувоҳ бошед, ки аз шеър гуфтан ба дасти шумо тавбаи насӯҳ кардем.

***Зайниддин Восифӣ***

**113.** Матнро хонед ва гӯед, ки матлаби он аз чӣ иборат аст. Аз ҳаёти парандагон ва ҳайвонот чизе донед, ба хотир оварда иншое таълиф кунед. Кадом сифатҳои онҳо ба шумо писанд омадааст, шарҳ диҳед.

Ман дар бораи зоғи кӯҳӣ мақолае навиштам. Вай бо гург «ҷӯра» аст. Онҳоро эҳтиёҷот бо ҳамдигар «дӯст» гардондааст. Зоғ буз ё гӯсфанди аз рама мондаро дида, ба гург «хабар медиҳад», дарранда сайдро ба дом меафтонад ва бо он зоғро ҳам «зиёфат мекунад». Ҳайвонҳо ниҳоят зирак, чолок, ҳассосанд, ҳатто ба кӯҳсор ба чӣ мақсад рафтанатонро эҳсос менамоянд. Гург милтиқ доштан ё надоштани чӯпонро мефаҳмад.

Ба хотирам воқеае расид. Охири моҳи октябри соли 1984 дар Шербоздараи ноҳияи Ҷирғатол андаруни мағорае мехобидам, ки садои даҳшатангезе бедорам кард. Ба садо гӯш дода, тахмин намудам, ки бачаи силовсин аст. Хеле маҳзун буд он садо. Ҳамон рӯз тақрибан чил километр роҳ паймудам (Баъзе рӯзҳо то шаст километр мегардам), дар баъзе гӯшаҳои кӯҳ садои нооромии ҳайвону паррандаҳоро шунида, аз ин рафторашон ба ҳайрат меомадам, вале соати дуи шаб пардаи ин асрор боз шуд: замин сахт ларзида, харобиҳо овард. Ҷонварон ин офати табииро якчанд соат пеш эҳсос карда буданд...

**Ба саволҳо ҷавоб диҳед:**

1. Чаро исмҳои **дӯст, ҷӯра** ва феълҳои **хабар медиҳад, зиёфат мекунад** дар нохунак гирифта шудаанд?
2. Боз кадом ҳайвонро медонед (ё шунидаед), ки ҳодисаҳои табиатро пешакӣ эҳсос мекунад.

**114.** Порчаро хонед ва ҷонишинҳои онро ёбед. Шарҳ диҳед, ки чаро дар ин матн ҷонишин кам истифода шудааст.

Тай фармуд, ки:

– Эй ҳакимон ва мунаҷҷимон, писари мо шир намехӯрад ва пистони дояҳоро ба даҳони худ намегирад. Сабаби ин чӣ бошад?

Мунаҷҷимон қуръа андохта гуфтанд:

– Эй шоҳи олампаноҳ, дар дунё Ҳотам аз бобати саховат бисёр шӯҳрат хоҳад гирифт ва як донаву як луқмае бе ширкат дар даҳони худ нахоҳад андохт. Бояд ки ҳама писарҳою дояҳоро ба хидмати Ҳотам ҳозир карда, дар пеши назари ӯ шир бидиҳанд, ӯ низ шир хоҳад хӯрд ва пистони дояҳоро ба даҳон хоҳад гирифт.

Ҳамчунон карданд. Ҳотам пистони дояҳоро ба даҳон гирифта шир хӯрдан гирифт. Ва хислати дигари Ҳотам ин буд, ки ҳаргиз гиря накардӣ ва дар вақти танҳоӣ шир нахӯрдӣ ва дар хоби ғафлат нарафтӣ.

**Ба саволҳо ҷавоб диҳед:**

1. Дар матн дар бораи кадом Ҳотам сухан меравад? Аз чӣ пай бурдед?
2. Ба фикри дар матн баёншуда розиед? Андешаи шумо.
3. Магар чунин одамонро дар ин айём мебинед? Чаро?

**114.** Порчаро хонед ва маънидод кунед. Гӯед, ки шоир киҳоро дар назар дорад? Шумораҳои матнро ёфта нависед ва аз лиҳози сохту имло шарҳ диҳед.

Дар ин дунё ду-се марди бузурге пуштбони мост,
Дар ин дунё ду-се соҳибдиле ҳамдостони мост.
Ба зери осмони ниливу рӯйи замини сабз,
Замину бомашон гӯйӣ замину осмони мост.

Дар ин дунё ду-се чашмони бино чашми дунёянд,
Ду-се тан покҷоне покии дунёи зебоянд.
Ду-се озодфикре ҷумла оламро кунанд озод,
Ду-се равшанзамире равшании ҳастии моянд...

***Лоиқ Шералӣ***

## ЗАРФ ВА ИМЛОИ ОН

**116.** Матнро хонед ва гӯед, ки аз мазмуни он чиро пай бурдед. Дар он бештар аз чӣ сухан меравад? Имлои зарфҳои ишорашударо шарҳ диҳед.

Таманно тарсидаву ларзида гоҳ тозад, гоҳи дигар аз ҳол рафта, **тез-тез** мекалавид. Аз гуруснагӣ, бемадорӣ ва асабоният дилаш беҳузур мешуд. Ӯ саропо ғарқи оби борон буд. Тундар **дам ба дам** хурӯш карда, шаххҳои атрофро гӯё ба такон меовард. Баъзан ба роҳи дара, ки онро тадриҷан торикӣ фаро мегирифт, лаҳзае нур меафканд. Садои рӯди Кофрун аз гулдурроси раъд гоҳо фурӯ менишаст. Борони ҳамал, чунон ки аз ҳазор сатил бошад, **базарба** мерехт...

***Саттор Турсун***

**Ба савол ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Ҳамал** кадом фасли сол аст?
2. Муродифи ба **такон овардан**-ро гӯед.
3. Доир ба ҳодисаи дидаатон нақле нависед ва аз зарфҳо истифода баред.

**117.** Матнро хонед ва ба он ном гузоред. Зарфҳои матнро шарҳ диҳед.

Яке аз рӯзҳои охири март буд. Дар кӯҳсор борони сел борид. Чоштгоҳ абрҳо пароканда шуданд. Оби наҳр оҳиста-оҳиста хира мегардид. Пешинӣ тамом қаҳваранг шуд. Дар айни аср мавҷҳо хез кардан гирифтанд. Рӯйи амвоҷ хасу хошок, кундаҳои урёнреша, ҳатто бутун-бутун дарахтони сарнагуншуда алвонҷхӯрон мерафтанд.

Коргарони истгоҳҳои барқ, ходимони нигоҳубинкунандаи ҳамаи иншоотҳои сари канал ва наҳр аз ҳамлаи сел қаблан огоҳ ва ҳама дар сари даҳана ҷамъ омада буданд. Анбӯҳи одамони ходаю сешохаю панҷшоха ва чангакҳои дастадароз бардошта манзараи балвои асримиёнагиро ба хотир мерасонид.

Дарвозаҳои оҳании даҳанаро калон кушоданд. Ба канал дигар оби ифлос намерафт. Истгоҳҳои барқ то аз нав тоза шудани наҳр танаффус хоҳанд кард.

Танаҳои дарахтони кундаҳои бузурги ғелон рӯйи мавҷҳои тираи кафколуд хез кашида, чаппаву роста шуда бо шаст омада, бо оҳантахтаҳои дарғот бармехӯрданд ва музаффарона гумбурросзанон гузашта мерафтанд.

Оби лой атоласон ғафсу нарм гашта буд, аз он сабаб садояш ҳам ҳарвақта барин бурро не, хастаю кунд ба гӯш мерасид. Сели девонаавзо дар болотар зарфи бузурги нафти сиёҳ (мазут)-ро сарнагун кардааст ва кайҳо боз дар рӯйи об доғҳои бунафшаранги равғани нафт шино мекарданд.

*аз «Садои Шарқ»*

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Дар ҷумлаи шашум **аср** ба кадом маъно омадааст?
2. **Алвонҷхӯрон**-ро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.
3. Ҳини талаффузи **чоштгоҳӣ** чӣ ҳодисаро пай бурдед? Имлояшро фаромӯш накунед.

**118.** Матнро хонед ва ҷумлаҳои зарфдорро нависед. Зарфҳоро аз ҷиҳати сохт муайян кунед.

Саворон дар пушти тале аз талҳои қади роҳ, аз роҳ як чорсад– панҷсад қадам канортар, пиёда шуда, аз оби зулоли чашмасор ташнагиашонро шикаста, каме дам гирифтанд.

Аммо одамон ва аспон ҳанӯз кӯфти роҳро набароварда буданд, ки дидбони дар баландӣ гузоштаашон – Ризо дар роҳ намудор шудани як даста саворонро хабар дод.

Абдуқодир тозон ба назди Ризо баромада нигоҳ кард. Саворони омадаистода, бешубҳа, дастаи Кулӯх-мингбошӣ буданд. Онҳо бешитоб, оҳиста-оҳиста асп ронда меомаданд. Аён буд, ки аспҳояшон аз душманкобиҳои рӯзона монда шудаанд.

Бо фармони Абдуқодир одамони вай зуд ба аспҳо савор шуда, дар пушти тал истоданд.

***Саттор Турсун***

**Ба савол ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Муродифҳои **кӯфти роҳ**-ро ёбед ва ҷумлае тартиб диҳед.
2. **Бешитоб** аз **бе шитоб** фарқ дорад?
3. Ҷумлае гӯед, ки дар он калимаи **тез** ҳам сифат ва ҳам зарф шуда бошад.
4. Сохти зарфҳои **дартоз, торафт** ва **баногоҳ**-ро аниқ сохта, имлои онҳоро шарҳ диҳед.

**119.** Порчаи манзумро ифоданок хонед ва мазмунашро нақл кунед. Пас аз нақл кардан дар мавзӯи «Нон» иншо нависед.

Будам аввал гандуми боғи биҳишт,
Руста аз обу гули анбарсиришт.
Ногаҳ афтодам ба анбори ҷаҳон,
Борҳо дар чоҳ гардидам ниҳон.
Баъд аз он дар хоки зорам коштанд,
Бе анису мӯнисам бигзоштанд.
Нола мекардам, ки эй парвардигор,
Раҳмате бифрист, аз хокам барор.
Ҳақ ба лутфам рӯзии дигар бидод
В-аз навам фирӯзии дигар бидод.
Саркашӣ оғоз кардам аз ғурур,
Дилбарӣ мекардам аз наздику дур.
Боди қаҳре бар сари сабзам вазид,
Шуд ҷавонӣ, навбати пирӣ расид.
Сар ҷудо кард аз танам деҳқон ба дос,
Коҳ пошидам, бипӯшидам палос.
Поймоли гов гаштам ногаҳон,
То шудам алқисса дар бори харон.
Гаҳ муқайид дар буни анбон шудам,
Гоҳ дар ғирбол саргардон шудам.
Бар сарам гардид сангиосиёб,
То баромад гардам аз ҷони хароб.
Муштаҳо хӯрдам ба ҳангоми хамир,
То ниҳодам пой берун аз фатир.

Баъд аз он дар оташи сӯзон шудам,
Нон шудам, шоистаи ҳар хон шудам.

**Луғат:**

**анбарсиришт** – муаттар, хушбӯй, форам
**анис** – хамсӯҳбат, дӯст
**мӯнис** – ҳамдам, дӯсти наздик
**Ҳақ** – яке аз номҳои Худо
**раҳмат** – афв, омӯрзиш, аз тарафи Худо меҳрубонӣ кардан
**боди қаҳр** – боди ғазабу хашм
**дилбарӣ** – дилбарӣ кардан
**муқайид** – вобаста, гирифтор, побанд
**бун** – таг, таҳ, бех
**анбон** – халтаи чармини сафарӣ, халтаи озуқа

**Ба савол ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Гандуми боғи биҳишт**-ро чи тавр мефаҳмед?
2. Бо калимаи **ғирбол** ҷумлае тартиб диҳед ва имлои онро дар хотир нигоҳ доред.
3. Аз сифат (бад) зарф созед ва имлои онро шарҳ диҳед.

**120.** Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед.

Зардуштиён аснои ибодат ва парастиш ба сӯйи равшанӣ рӯй меоварданд, рӯзона ба офтобу шабона ба моҳ таваҷҷӯҳ мекарданд. Оташ, ки намунаи он аҷроми нуронӣ, яъне Хуршеду Моҳ буд, барояшон муқаддас шуморида мешуд.

Барои оташ оташкадаҳо месохтанд. Аз оташкадаҳои машҳури шаҳрҳои бузург, махсусан, ҳафттоаш басе мӯътабар буд. Дар он маҳалҳо оташи ҷовид месӯхт. Онро аз хомӯш шудан нигаҳдорӣ мекарданд. Агар ногаҳон оташ мемурд, барои аз нав барафрӯхтани аз он шонздаҳ маҳал оташ меоварданд: аз оташдони оҳангар, аз танӯри нонпаз, аз кӯраи заргар, аз гулхани чӯпон, аз оташдони оилаи некиқболи бошарофат ва монанди ин.

***Фазлиддин Муҳаммадиев***

**Ба савол ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Ҳадафи нависанда дар кадом сарсатр барҷаста ифода ёфтааст?
2. Сарсатри аввали матнро бо иловаи зарфҳо нависед.
3. Зарфҳои **бечуну чаро, бекаму кост**...-ро муайян сохта, имлои онҳоро шарҳ диҳед.

**121.** Матнро бодиққат хонед ва мазмунашро нақл кунед. Дар бораи ягон шахси мӯътабар маълумоте дошта бошед, тақлидан ба матн нақли мухтасар нависед.

**Зардуштӣ – зардуштӣ** – сифати нисбӣ. Мансуб ба Зардушт, пайрави Зардушт, зардуҳуштӣ ҳам гуфта шуда. Кеши зардуштӣ: мазҳабе, ки Зардушт – пайғамбари бостонӣ дар ҳудуди қарни ҳафтуми пеш аз милод овард ва дар аҳди подшоҳони Сосонӣ мазҳаби расмии Эрон буд. Зардуштиён худои ягонаро парастиш мекарданд, офаридагори олам ва маншои корҳои хубро Аҳурамазда ва маншои бадиҳо ва нохушиҳоро Аҳриман мегуфтанд. Обу хоку оташу бодро мӯҳтарам медоштанд ва чун оташро бисёр эҳтиром мекарданд, ба оташпарастӣ маъруф шудаанд. Китоби мазҳабии онон «Авесто» аст. Зардуштиён пас аз ғалабаи ислом дини ислом пазируфтанд ва бисёре ҳам дар мазҳаби худ боқӣ монданд, ки ҳанӯз ҳам аъқоби онон дар Эрон ва Ҳиндустон боқӣ ва бештар дар Язду Кирмон ва ба Мабнӣ сукунат доранд ва мардумони мутаммадин ва хайрхоҳу фарҳангдӯст ва аҳли хайроту маброт мебошанд ва ононро габру порсӣ ҳам мегӯянд.

***аз «Фарҳанги Амид»***

**122.** Матнро хонед ва гӯед, ки зарфҳо дар ифодаи фикр чӣ вазифаро иҷро кардаанд. Зарфҳои ишорашударо шарҳ диҳед.

Таманно гирду атрофашро бо ҳарос аз назар гузаронида, кафшашро худ аз пой кашид ва онро бо ҳарду дасташ гирифта, **оҳиста** ба рӯд даромад.

Об ғулғула бардоштаву печида, **бошаст** меомад: сангҳои маҷро лағжонак буданд. Таманно аз зону баландтар тар шуда, ҳамон зайл **оҳиста-оҳиста** то нисфи рӯд рафту **ногаҳон** сахт лағжид ва бо вуҷуди **ҷандала** мувозинаташро гум карда, **якпаҳлӯ** афтид. Кафшҳо аз дасташ хато хӯрданд. Рӯймолашро, ки аз сараш низ канда шуда буд, базӯр қапида, вай фавран ба по хест ва ҳама либосаш тар, калавида-калавида, оқибат аз рӯд гузашт. Дар лаби он даме истода, куртаву камзӯл ва пойҷомаашро аз ҳар ҷо – аз ҳар ҷояшон дошта, рост дар танаш ҷафид. Қарсашро ҳам ҷафида, ду-се бор афшонд; оби гесувонашро низ фишурд.

«Ҳеҷ гап не, раҳорах хушк мешавам», – гуфт ӯ ба худ ва рӯймолро ба сар кашида, пас аз чанд дақиқа як ёнаи сералафро қафо партофту аз баландӣ нишеб шуда, дар ҳолате ки аз бими Халил ба чор тараф назар медавонд, боз муддате қадам зад.

***Саттор Турсун***

**123.** Ҳикояро хонед ва мақсади онро шарҳ диҳед. Дар мавзӯи «Адаб» иншое таълиф кунед ва аз зарфҳои **бағоят, беадабона, хуб** истифода баред.

Овардаанд, ки вақте Ҳорунаррашид хобе дида буд, ки дандонҳои ӯ рехта буд ва аз даҳон берун афтода. Аз муаббире пурсид:

Гуфт: «Зиндагии амиралмӯъминин дароз бод, ки ақрабои ту бимиранд». Ҳорун бағоят биранҷид ва бифармуд, ки ӯро сад чӯб бизананд ва муаббире дигар ҳозир овард ва аз вай пурсид: Ӯ гуфт: «Далед кунад, ки амиралмӯъмининро умр дароз хоҳад буд ва дар давлат ва хилофат беш аз ақрабо зиндагонӣ ёбад».

Ҳорунаррашид хушдил шуд, гуфт: «Ҳамон сухан аст, ки ӯ гуфт, валекин ин адаб нигоҳ дошт ва ба иборате хуб гуфт». Пас, фармуд, то ӯро сад динор бидоданд ва агарчи таъбири ҳар ду дар асл як буд, аммо чун яке сӯхан беадабона гуфт, хуб адаб хӯрд.

***Муҳаммад Авфӣ***

**Луғат:**

**Ҳорунаррашид** – панҷумин халифаи аббосӣ
**хилофат** – баҷойи касе пас аз вай нишастан, ҷонишин, халифа
**ақрабо** – наздикон, хешовандон
**муаббир** – таъбиркунандаи хоб
**амиралмӯъминин** – лакабе, ки ба халифаю подшоҳони Шарқи исломӣ дода шудааст.

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Дар калимаҳои **биранҷид** ва **бифармуд би** – чӣ вазифа дорад?
2. **Хушдил**-ро аз ҷиҳати сохт муайян кунед.
3. **Таъбир** дар ҷумлаи охир, ба кадом маъно истифода шудааст?
4. **Адаб** чӣ аҳамият дорад?

**124.** Матнро хонед ва дар бораи деҳаи худ иншо нависед.

**Дараи Чорин**

Аҷоиб ҷоест дараи Чорин. Ин ҷо шаххҳои шабеҳ ба қалъаҳои қадима яке паи дигар тӯл кашидаанд. Чунин ба назар мерасад, ки ҳамин ҳоло аз ин қалъаҳо бошандагони онҳо – соҳирони афсонаӣ бурун меоянд.

Зебоии ғайримаъмулии дараи Чорин диққати на танҳо сокинони Алматиро, ки дара дар канори он воқеъ шудааст, балки ҳамаи саёҳон аз тамоми Қазоқистонро ҷалб мекунад.

***Луғат:***

**зумуррад** – санги гаронбаҳои сабзранг
**тура** – мӯйи тобидаи пешонӣ, зулф
**марзангӯш** – навъе аз райҳони хушбӯ
**ханҷаргузор** – ханҷарзан
**тунд** – тез, тезбӯ, сӯзон
**шӯридакор** – парешон, ошуфтаҳол

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Калимаи **бар**-ро, ки дар байти сеюм омадааст, шарҳ диҳед. Бо он ҷумлае тартиб диҳед.
2. **Ҳанӯзам**-ро маънидод кунед.
3. **Ҳанӯз аз дидани ман дида кунд аст** чӣ тавр фаҳмида мешавад?

**125.** Матнро хонед. Аз матн чӣ таассурот гирифтед? Тақлидан ба матн иншое нависед, ки дар он субҳи деҳа ё ҷойи бароятон шинос тасвир шуда бошад.

Пагоҳии барвақт аз хоб чашм мекушоям. Дар ягон гӯшаи дунё одам ин қадар аз рахти хоб сабук намехезад, чунон ки дар Оби Гарм. Нурҳои офтоби саҳаргоҳӣ ба болини абрҳои сафеде, ки рӯйи он чодар паҳн кардааст, мерехт. Қатраҳои лоларанги офтоб дар ёлаи теппаҳои болои қасабаи Майдон оташе афрӯхта буд. Мо ба истиқболи ҳамин оташ меравем. Аз домони деворҳои дараи Майдон меравем. Қадаммонии мо торафт вазнин мешавад. Лаззати чашмаи Камол Ҳамсариев аз даҳон нарафтааст. Саҳар як коса оби чашма меҳӯрию дилат равшан мешавад ва он рӯзат ба тамом хуш мегузарад. Косаи сафолӣ дар лаби чашма истодааст. Теппаи пушти қасабаи Майдон ба ном тепа ва дар асл аз кӯҳҳои Тавқӣ ва паси Кӯл баланд аст. Аз болои он масоҳати бахри оянда ва тамоми иншоотҳо чун оина дар кафи даст намоёнанд.

*аз «Садои Шарқ»*

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Зарфҳоро аниқ карда, сохт ва имлои онҳоро шарҳ диҳед.
2. **Нурҳои офтоб мерехт**-ро чӣ тавр мефаҳмед?
3. **Сафолӣ** ба кадом ҳели сифат мансуб аст?
4. Ҷумлае тартиб диҳед, ки **сабук** чун сифат истифода шуда бошад.

**126.** Матнро хонед, мазмуни онро нақл кунед. Оё дар кӯдакӣ чунин ҳодисаро мушоҳида кардаед? Ба матн тақлид карда нақле нависед.

Дар бачагиам назди ҳавлии мо қадоқгаре нишаста кор мекард.

Ҳаво соф бошад, ба майдони сари кӯчаи калон, таги тут рафта, ҷойи кор мекушод. Шамол бошад, дар паси иморати мо ҷафси девор менишаст. Барфу борон ояд, аз дарвозахонаи мо ҷой мегирифт.

Маҷруҳи якпояи хушфеъли камсухане буд. Бо таъйиноти падарам зимистони хунук гоҳо чойи гарм бароварда медодам, гоҳо як-ду хокандоз алави лахча. Аз субҳ то шом зарф қадоқ мекард. Аксаран зарфҳои чинӣ: коса, табақ, чойник, пиёла. Якта– нимта лапари чинии чароғҳои давра ё гулдонҳои нақшин ҳам меоварданд. Зарфҳои шикаста ва баъзе чизҳои қадоқшудаи соҳибонашон бо узре наомадаро ҳамроҳи курсичаи пастак ва дигар асбобу анҷомаш дар ҳавлии мо монда мерафт. Ман сабади пур аз шикастпораҳоро медидам, ки бо эҳтиёт рӯйи ҳам чида шудаанд. Бо камоне ғир-ғир пармаи алмосиро мекашид. Бо болғачаи майдаяки заргарӣ аз сими мисин тиқ-тиқ часпакҳо месохт. Чинипораҳое, ки гӯё дигар нимпула арзиш надоштанд, дар пеши назар ба зарфҳои базеби бутун мубаддал мешуданд.

Табибон ҳамон қадоқгари хунарманди хоксорро ба хотирам меоранд.

***Фазлиддин Муҳаммадиев***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. Ҷумлаи охиринро чӣ тавр мефаҳмед? Шарҳ диҳед.
2. **Заргарӣ**-ро аз ҷиҳати сохт муайян кунед.
3. Чаро баъд аз ифодаи **аксари зарфҳои чинӣ** ду нуқта гузошта шудааст?

**127.** Порчаҳоро бодиққат хонед. Ба ҳақиқати гуфтаҳо бовар доред ё не? Мулоҳизаатонро мухтасар нависед.

Корҳои олам табоҳ мегардад, агар касон афкору хирадро хору зор бикунанду ба фикри ҳамдигар гӯш фаро надиҳанд ва касе ба фармони касе сар фуруд наоварад. Корбандон аз кор бастани нишондоди хирад саркашӣ бикунанд. Ва хоста назди касе бошад, ки аз он кас баҳравар шуда натавонад.

* * *

Агар дар ҷомеа доноёну хирадмандони кордон аз корҳо бар канор ва дур бошанд: ҷанговарону далерон гӯшагиру хонанишин бошанд ва нодонон бар корҳо гуморида шаванд: мардуми тарсу ва таносон дар ҷойи далерон нишинанд, тавонгарон низ аз бими ситамгарон хоставу дороии хеш пинҳон кунанд ва ба кор назананд, он ҷомеа фосид ва харҷу марҷ хоҳад шуд, зеро се рукни ҷомеа – ақл, нерӯ, мол берун аз он мондааст.

***аз «Илм ва ҳаёт»***

## ПЕШОЯНДУ ПАСОЯНД ВА ИМЛОИ ОНҲО

**128.** Матнро хонед ва мазмуни онро нақд кунед. Ҳикояро навишта, пешояндҳоро ёбед ва вазифаю имлои онҳоро шарҳ диҳед.

Султон Маҳмуд пире заифро дид, ки пуштвораи хор мекашид. Бар ӯ раҳмаш омад. Гуфт:

– Эй пир, ду-се динор зар мехоҳӣ, ё дарозгӯше, ё ду-се гӯсфанде, ё боғе, ки ба ту бидҳам, то (ки) аз ин заҳмат халосӣ ёбӣ?

Пир гуфт:

– Зар бидеҳ, то (ки) дар миён бандам ва дар дарозгӯше бинишинам ва гӯсфандон дар пеш гирам ва ба боғ биравам ва ба давлати ту дар боқии умр он ҷо биёсоям.

Султонро хуш омад ва фармуд чунон карданд.

***Убайди Зоконӣ***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. **Бар**-ро ҳоло кадом пешоянд иваз-мекунад?
2. Калимаи **дарозгӯш**-ро шарҳ диҳед.
3. **Султонро хуш омад**-ро боз чӣ тавр ифода кардан мумкин?

**129.** Порчаро хонед ва ҳар байтро маънидод кунед. Пешояндҳоро аз ҷиҳати вазифа ва имло шарҳ диҳед. Гӯед, ки кадоме аз ин **бар**-ҳо пешоянданд ва чаро?

Сипоҳе, ки хушдил набошад зи шоҳ,
Надорад ҳудуди вилоят нигоҳ.
Чу душман хари рустоӣ барад,
Малик боҷу даҳяк чаро мех(в)арад?
Мухолиф хараш бурду султон хироҷ,
Чӣ иқбол монад дар он тахту тоҷ?
Раият дарахт аст, агар парварӣ,
Ба коми дили дӯстон бар х(в)арӣ,
Ба бераҳмӣ аз беху бораш макан,
Ки нодон кунад ҳайф бар хештан...
Касон бар хӯранд аз ҷавонию бахт,
Ки бар зердастон нагиранд сахт.
Агар зердасте дарояд зи пой,
Ҳазар кун зи нолиданаш бар Худой.

***Саъдии Шерозӣ***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. **Сипоҳ**-ро ба кадом калимаҳо иваз кардан мумкин?
2. **Рустоӣ** исм аст ё сифат?
3. **Раият дарахт аст**-ро чӣ тавр мефаҳмед? Маънидод кунед.

**130.** Порчаи шеърро бодиққат хонед. Мазмуни онро нақл кунед. Аз мақсади шоир пурра огоҳӣ ёфтед? Агар огоҳӣ ёфта бошед, мушоҳидаатонро ба ёд оварда, дар мавзӯи «Фарзанди хуб – боғи падар» иншое нависед.

Бувад фарзанд нахли боғи давлат
**В-аз** он равшан шавад базми саодат.

Вуҷудаш он замон гардад гиромӣ,
Ки афрӯзад чароғи некномӣ.
Хуш он фарзанд, к-он шоиста бошад,
Ба фармони падар пайваста бошад.
Бувад фарзанд агар хуршеди тобон,
Чу афтад нохалаф, рӯ **з-он** бигардон.
Набояд, **к-аз** тариқи одамият,
Набошад қобили меҳру муҳаббат.
Диҳад бунёди ному нанги аҷдод
Хатокирдории фарзанд барбод.
Хушо аҳволи ӯ фархундакирдор,
Ки фарзандаш бувад аҳлу накӯкор.
Бувад бегона з-он фарзанд беҳтар,
К-аз он табъи падар гардад мукаддар.

*Фароҳӣ*

**Луғат:**

**нахл** – дарахт
**накӯкор** – касе, ки кори хуб мекунад
**фархундакирдор** – накӯкор
**мукаддар** – хафа, ғамгин
**аҳл** – сазовор, лоик

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. Аз таркибҳои ишорашуда пешояндҳоро ёбед ва имлои онҳоро шарҳ диҳед.
2. Дар байти охир чӣ матлаб ифода шудааст?
3. **Гиромӣ** дуруст аст ё **киромӣ?**
4. Хатоии фарзанд чиро барбод медиҳад?

**131.** Ҳикояро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Пешояндҳои матнро ёбед ва шарҳ диҳед. **Андар** ба ҷойи кадом пешоянди имрӯза омадааст? Ҳикояро аз ёд кунед.

Мардумозореро ҳикоят кунанд, ки санге бар сари солеҳе зад. Дарвешро маҷоли интиқом набуд. Сангро нигоҳ ҳамедошт, то замоне ки маликро бар он лашкарӣ хашм омад ва дар чоҳаш кард. Дарвеш андар омад ва санг дар сараш кӯфт. Гуфто:

– Ту кистӣ ва маро ин санг чаро задӣ?

Гуфт:

– Ман фалонам ва ин санг ҳамон аст, ки дар фалон таърих бар ман задӣ.

Гуфт:

– Чандин рӯзгор куҷо будӣ?

Гуфт:

– Аз ҷоҳат меандешидам, акнун, ки дар чоҳат дидам, фурсат ғанимат донистам.

Носазоеро, ки бинӣ бахтиёр,
Оқилон таслим карданд ихтиёр.
Чун надорӣ нохуни дарранда тез,
Бо бадон он беҳ, ки кам гирӣ ситез.
Ҳар кӣ бо пӯлодбозу панҷа кард,
Сойиди симини худро ранҷа кард,
Бош, то дасташ бибандад рӯзгор,
Пас ба коми дӯстон мағзаш барор.

***Саъдии Шерозӣ***

**Луғат:**

**солеҳ** – одами накӯкор, росткор
**малик** – подшоҳ
**лашкарӣ** – сипоҳӣ, марди ҳарбӣ, сарбоз
**ҷоҳ** – бузургӣ, мартабаи ҳукмронӣ
**носазо** – бадкирдор, бадахлоқ
**ситез** – ҷангу хусумат кардан
**сойид** – бозу
**симин** – нуқрагин; маҷозан сафеду нозук

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Дар муколама кадом аломатҳои китобат истифода шудаанд?
2. **Фалон** кадом ҳиссаи нутқ аст, бо он ҷумлае гӯед.
3. Ҷоҳ аз чоҳ чӣ фарқ дорад?
4. Муродифи **оқилон**-ро ёбед.

**132.** Матнро хонед ва хулосаатонро гӯед. Пешояндҳои ҷумлаҳоро дар вақти хондан муайян кунед. Ба матн ном гузоред ва тақлидан ба он иншое навишта, дар хусуси ҷашни наврӯзии деҳаатон маълумот диҳед.

Ин анъанаи бостонии ниёгон то имрӯз давом дорад ва акнун ин корро хурдтаракон ба ӯҳда гирифтаанд. Бачаҳо аз талу теппаҳо гулҳои баҳман ё сиёҳгӯш чида, хона ба хона мегарданд, ба мардум аз омадани баҳору Наврӯз, оғози киштукор мужда мерасонанд. Кадбону гулҳоро гирифта, се бор ба чашму абрӯ молида, орзу мекунад, ки боз ба баҳору Наврӯзҳои бисёр бирасад, сол осуда ва рӯзгораш фаровон шавад.

Расми гулгардонӣ бо истилоҳҳои гуногун дар байни мардуми тоҷикзабони Осиёи Миёна ва Хуросон ба назар мерасад.

Гулҳои баҳман, сиёҳгӯш ва наврӯзӣ дар ҳар маҳал вобаста ба шароити табиию ҷуғрофӣ баробар намешукуфанд, аз ин рӯ, маросими гулгардонӣ дар ҳар ноҳия пасу пеш барпо мегардад. Дар аксари маҳалҳо ин маросимро аввали моҳи ҳут ё дар миёнаҳои он, яъне охири моҳи феврал ва аввали моҳи март – ду ҳафта пеш аз иди Наврӯз мегузаронанд. Сокинони деҳаҳо гули баҳманро «бойкандак» меноманд ва таронааш низ бо ин ном маъмул аст. Тарзи гузаронидани маросими гулгардонии «бойкандак» ба маросимҳои гулгардонии маҳалҳои дигар монанд аст, аммо вазни шеър, мазмуну мундариҷаи он аз таронаҳои «Бойчечак» ва «Сияҳгӯш» каме фарқ мекунад.

***аз рӯзнома***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Ниёгон** боз чӣ навъ талаффуз мешавад? Маънидод кунед ва онро истифода бурда ҷумлае тартиб диҳед.
2. Муродифҳои **кадбону**-ро ёбед ва бо яке аз онҳо ҷумлае гӯед.
3. Дар бораи гули сиёҳгӯш кадом шеърро медонед?
4. Чаро Наврӯзро дар кишвари мо ҷашн мегиранд?
5. **Наврӯз**-ро аз ҷиҳати сохт муайян кунед ва бо ҷузъи **нав** калимаҳо созед.

**133.** Матнро хонед ва мақсади муаллифро равшан созед. Дар матн бештар пешояндҳои сода истифода шудаанд ё таркибӣ?

... Солҳо мегузаштанд. Шӯҳрати Ҳофиз оламгир шуд. Ҳатто баъзеҳо сурудҳои Ҳофизро ғалат-ғалат хонда, аз он ба тарзи худ «лаззат» мебурданд. Нақл мекунанд, ки рӯзе Ҳофиз аз роҳе мегузашт ва мардеро дид, ки хишт мерезад ва шеърҳои ӯро замзама мекунад. Аммо ягон мисраъро дуруст намехонад. Ҳофиз ҳам роҳро монда, аз болои хиштҳои ӯ гузашт ва ҳамаро вайрон кардан гирифт. Хиштрез аз ин огоҳ шуда, ба ғазаб гиребони Ҳофизро гирифта:

– Мардак, магар девона шудӣ, ки хиштҳои бо араќи ҷабин рехтаи маро вайрон мекунӣ? – гуфт:

Ҳофиз бо оҳистагӣ ҷавоб дод:

– Ту, аблаҳ, магар ақлатро хӯрдаӣ, ки шеърҳои бо хуни ҷигар навиштаи маро ғалат мехонӣ, оё инсоф надорӣ? Баробари шунидани ин сухан дасти марди хиштрез суст шуд ва дар тааҷҷуб афтод, ки гӯяндаи он шеърҳо чунин одами хоксор ва оддӣ будааст. Замоне ӯ худро хушбахтарин одам тасаввур кард ва вохӯрии худро бо Ҳофиз фоли неки зиндагӣ донист.

*Аълохон Афсаҳзод*

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Чаро **лаззат** дар нохунак навишта шудааст?
2. **Хиштрез**-ро талаффуз кунед, чиро пай бурдед? Сохти онро муайян созед.
3. Ифодаи **«Бо хуни ҷигар навишта**»-ро чӣ тавр мефаҳмед?
4. Магар бо шоире вохӯрдаед? Дар мавзӯи «Мулоқот бо шоир» нақл нависед

**134.** Матнро хонед. Мазмунашро нақл карда, мақсади онро дар шакли хулоса нависед. Пешояндҳоро ёбед ва ҳар кадоми онро шарҳ диҳед.

Носири Бухорӣ шоире фозил ва дарвешмашраб буд ва умре дар саёҳат гузаронида ва ин байти машҳур аз ӯст:

Дарвешро, ки мулки қаноат мусаллам аст,
Дарвеш ном дораду султони олам аст.

Ва ин матлаи қасидаест, ки дар ӯ абёти неку дарҷ кардааст. Гӯянд, ки вақте ба сафари ҳаҷ мерафт, чун ба Бағдод расид, бар канори Даҷла Салмонро бо ҷамъе аз фузало ва шуаро нишаста дид. Пеши эшон рафт ва салом кард. Иттифоқан фасли баҳор буд ва оби Даҷла туғёне дошт. Салмон гуфт:

– Чӣ касӣ?

Гуфт:

– Марде шоирам.

Гуфт:

– Бадеҳа тавонӣ гуфт?

Носир фармуд:

– Тавонад буд.

Салмон бар бадеҳа ин мисраъ гуфт:

Даҷларо имсол рафторе аҷаб мастона аст.

Носир алалфавр гуфт:

Пой дар занҷиру каф бар лаб магар девона аст?

Салмон ва соири ҳозирон дар тааҷҷуб шуданд.

Салмон гуфт:

– Аз куҷоӣ?

Гуфт:

– Аз Бухоро.

Гуфт:

– Носир набошӣ?

Гуфт:

– Бале, Носирам.

Салмон бархост, ӯро дар бар гирифт ва паҳлӯи худ биншонд. Пас ӯро ба хона бурд ва то Носир дар Бағдод буд, Салмон ба хидмати ӯ қиём менамуд.

***аз «Латоифуттавоиф»***

**Луғат:**

**дарвешмашраб** – фурӯтан
**мусаллам** – муяссар ва ҳосилшуда
**матлаъ** – байти аввали ғазал; ҷойи тулӯъ, баромадгоҳ
**абёт** – ҷамъи байт, байтҳо
**фузало** – ҷамъи фозил, фозилон,

**шуаро** – ҷамъи шоир, шоирон
**алалфавр** – фавран, дарҳол
**Даҷла** – номи дарёи маъруф дар Ироқ, номи қаблиаш Арванд
**бадеҳа** – шеъри ҳозирҷавобонаи ғайричашмдошт
**соир** – дигар
**қиём кардан** – рост истодан

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Муродифҳои **дарҷ кардан**-ро гӯед.
2. **Эшон**-ро шарҳ диҳед ва мавриди истифодаи онро **ёд** гиред.
3. Чаро **дар бар гирифт** ҷудо-ҷудо навишта шудааст?
4. **Бадеҳа**-ро чӣ тавр мефаҳмед? Оид ба он маълумот диҳед.

**135.** Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Дар бораи яке аз ҳайвонҳои бароятон маълум иншо нависед ва сифатҳои онро баён созед.

Юзи кӯҳҳои Тиён-Шон дарандаи маккори пурқувват аст. Барои ба даст даровардани сайди худ вай соатҳои зиёд дар сари роҳи он санг барин шах шуда поида меистад. Фақат нӯки думи вай ба мисли мори афъӣ меҷунбаду бас. Ҳамин ки сайд омад, мушакҳояшро таранг карда, тирвор аз ҷояш меҷаҳад. Ба чашми сайд панҷа мезанад ва бо ашкони тези худ аз гӯлуи он мегирад. Вай ба шикор баъди афтодани торикӣ мебарояд. Тамоми шаб вай то гирифтани бӯйи сайди худ дар кӯҳсор қадам мезанад, чашмони бум **барин** тези оташбори худро аз шибарҳо, чакалакҳо, чарогоҳҳо ва шохи дарахтон намеканад.

Ин юз дар кӯҳҳои ҷангали ҷонварони Ромит панҷ-шаш сол боз зиндагӣ мекард. Соли аввали пайдо шудани худ вай дар авҷи қувваю ғайрат буд. Харгӯшу суғур ва қашқолдокҳоро ба осонӣ дошта мегирифт, ба галаи хукҳои ёбоӣ дармеафтод. Аз дасти вай хукбачаҳои фарбеҳи гӯл раҳоӣ намеёфтанд.

Се соли пеш, вақте ки як ҷуфт бабри тӯрониро аз бешаи палангони водии Вахш дошта оварда, ба ин ҷо сар доданд ва аввалин наъраи ин ҳокими ҷонварон ба кӯҳсор

танинандоз гашт, юз ва гургҳо якбора пойи худро аз ин атроф канданд. Ба дараву кӯҳҳои дигар фирор карданд.

***Шодӣ Ҳаниф***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. Муродифҳои пешоянди **ба мисли**-ро ёбед ва мисолҳо тартиб диҳед.
2. **Сайд** аз **сайёд** чӣ фарк дорад?
3. Пешоянди ишорашударо иваз кардан мумкин аст?

**136.** Матнро хонда, аз он чиро пай бурдед? Фаҳмидаатонро нақл кунед. Нақле нависед, ки дар он рӯди деҳа ва ё рӯди бароятон ошно тасвир шуда бошад. Пасоянди ишорашуда чӣ вазифаҳоро иҷро кардааст, шарҳ диҳед.

Рӯд бар ду зарб (навъ) аст, яке табиист ва дигаре саноӣ. Аммо аз рӯди саноӣ он аст, ки рӯдкадаҳои ӯ бикандаанд ва об биёвардаанд аз баҳри ободонии шаҳреро ё кишт ва барзи ноҳиятеро. Ва бештарини рӯди саноӣ хурд бувад ва андар ӯ киштӣ натавонад гузаштан. Ва шаҳр бошад, ки ӯро даҳ рӯди саноист камтар ё бештар. Ва ин обҳо андар хӯрдан ва кишт ва барз ва гиёҳхӯрҳо ба кор шавад. Ва адади ин рӯдҳои саноӣ на маҳдуд аст, ки андар он ба ҳар замоне зиёдат ва нуқсон афтад.

Ва аммо рӯди табиӣ он аст, ки обҳое бувад бузург, ки аз гудози барф ва чашмаҳое, ки аз кӯҳ ва рӯи замин бикшояд ва биравад ва хештанро роҳ кунад. Ва рӯдкадаи вай ҷое фарох шавад ва ҷое танг ҳамеравад, то ба дарё расад ё ба батиҳа (замини фарох). Ва аз ин рӯдҳои табиие ҳаст, ки сахт азим нест ва он ба ободии шаҳре ё ноҳияте ба кор шавад, чун рӯди Балх ва рӯди Марв бувад, ки аз як рӯди табиӣ рӯдҳои бисёреро бардорад ва ба кор шавад. Ва он амӯди (фарози) рӯд ҳамеравад то ба дарёе расад ё ба батиҳае чун Фурот.

***аз «Ҳудудулолам»***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. Исми **киштӣ**-ро ба феъл табдил диҳед ва ҷумлае созед.
2. Кадом вақт ҷонишинҳо бо пасоянди**-ро** меоянд?
3. Хӯрд аз хурд чӣ фарқ дорад?

**137.** Ҳикояро хонед ва ҳикмати онро ёбед. Кӣ боҳимматтар будааст? Аз чӣ маълум шуд? Пасояндҳоро ёфта, вазифаи онҳоро шарҳ диҳед.

Ҳотами Тойро гуфтанд:

– Аз худ бузургҳимматтар дар ҷаҳон дидаӣ ё шунидаӣ?

Гуфт:

– Бале. Рӯзе чиҳил шутур қурбонӣ карда будам умарои арабро. Пас ба гӯшаи саҳрое ба ҳоҷате берун рафта будам. Хорканеро дидам, пушта фароҳам оварда.

Гуфтамаш:

– Ба меҳмонии Ҳотам чаро наравӣ, ки халқе бар симот (дастархон)-и ӯ гирд омадаанд?

Гуфт:

– Ҳар ки нон аз амали хеш хӯрад,

– Миннат аз Ҳотами Тойӣ набарад.

Ман ӯро **ба** ҳиммат (иродаи баланд)-у ҷавонмардӣ аз худ бартар дидам.

***Саъдии Шерозӣ***

**Ба саволҳо ҷавоб диҳед:**

1. Дар ҷумлаи дувум савол ба воситаи чӣ ифода шудааст?
2. **Чил** ё **чиҳил?** Кадоме аз онҳо мувофиқи меъёри забонанд?
3. **Ба**-ро, ки ишора шудааст, ба кадом пешоянд иваз кардан мумкин?

## ПАЙВАНДАК ВА ИМЛОИ ОН

**138.** Матнро хонда, мазмуни онро нақл кунед. Сифатҳои асосии камону тирро мухтасар нависед. Пайвандакҳоро ёфта, аз ҷиҳати имло шарҳ диҳед.

Камони ҷангӣ яроқе буд, вайро ба шакли нимдоира, ки қисми миёнааш ба дарун хам хӯрда бошад, монанди ду абрӯи ба ҳам пайваста аз рагу пайи ҳайвонот месохтанд ва, чунон ки дар камонғулакҳои одӣ дида мешавад, ба вай зеҳ мекашиданд. Фақат фарқ дар ин ҷо буд, ки зеҳи

камонгулакҳои одӣ аз рӯда буда, аз они камонаки ҷангӣ аз пӯсти гардани гов – аз хом тайёр мешавад.

Қисми асосии тири ин камонро аз чӯби дук ё заранг ва ё аз чӯби хаданг месохтанд, ки тахминан ним оршин дарозӣ дошт ва дар нӯги ин чӯб ба дарозии чор ангушт пӯлоди сартезеро мегузарониданд, ки вай пайкон номида мешуд. Дар дунболаи он чӯб се дона шоҳпари уқоб мешинонанд, ки ин парҳо дар вақти андохтани тир мувозинаи вайро дар ҳаво дошта, ба рост рафтанаш хизмат мекарданд. Устуворӣ ва сахтии ҳар камон мувофиқи қувваи бозуи корфармояндаи вай буд, ки камони паҳлавони пурзӯрро касе, аз вай камқувваттар бошад, кашида наметавонист.

Бинобар ин, пурзӯртарини паҳлавонони он замонҳо «камони маро ҳеҷ кас кашида наметавонад» гуфта фахр мекарданд. Темурмалик он гуна зӯроваре буд, ки камони ӯро касе аз ҳамзамононаш кашида наметавонист.

***Садриддин Айнӣ***

**Луғат:**

**зеҳ–** ресмони камон, чиллаи камон;
**мувозина** – баробарвазнӣ торе, ки ба камон кашида мешавад.
**пайкон** – нӯги тези тир ва найза
**оршин–** воҳиди миқёси тӯл, баробари 71 сантиметр

**Ба савол ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Ифодаи **монанди ду абрӯи ба ҳам пайваста**-ро шарҳ диҳед.
2. Боз кадом силоҳҳоро медонед, номбар кунед ва хусусияти яке аз онҳоро нависед.
3. **Чунон**-ро аз ҷиҳати сохт шарҳ дода, гӯед, ки дар байни **чунон ки** вергул гузошта мешавад ё не. Чаро?

**139.** Матнро хонед ва гӯед, ки аз он чӣ натиҷа бардоштед? Ҷумлаҳои пайвандакдорро ёфта, вазифаи пайвандакҳоро шарҳ диҳед. Чаро дар охири сарсатри аввал баъди **вақте** вергул омадааст?

Малика гуфт:

– Хато аз ман буд, акнун бахшиш аз ту бояд. Эй доя, ба Худо савганд, туро манзалат дар пеши ман баланд аст ва

ту бар ман ҳаққи тарбият дорӣ, валекин медонӣ, ки чаҳор чиз, яъне **хулқ** ва **рӯзӣ** ва **зиндагонӣ** ва **марг** дар инсон ба **ҳукми тақдир** аст. Одамӣ дар он чаҳор чиз беихтиёр аст. Ман он вақт, ки бар ту хашм гирифтам, беихтиёр будам, акнун аз карда пушаймонам.

Чун малика узр бихост, хашми кампир фурӯ нишаст ва замин бӯса дод. Малика бо хилъати зебо ӯро **бинавохт.** Дояро хушвақтии сахт рӯй дод.

Он гоҳ малика гуфт:

– Эй доя, чунон медонаме, ки дарахтон ба бор омада ва ҳангоми тамошои боғ даррасида.

Доя гуфт:

– Эй малика, ҷуз имрӯз аз хона берун наёмада будам, вале меваи бисёр дар бозор дидам, имрӯз ба ҳақиқат донистам, баҳор расида, туро бохабар кунам.

*аз «Ҳазору як шаб»*

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. Калиман ҳаммаънои **манзалат**-ро ёбед ва бо он ҷумлае тартиб диҳед.
2. Ифодаҳои ишорашударо чӣ тавр мефаҳмед?
3. Истифодаи калима **хато** беҳтар ё **ғалат?** Чаро?

**140.** Порчаи шеърро ифоданок хонед ва фаҳмидаатонро нақл кунед. Пайвандакҳоро муайян намоед ва шарҳ диҳед.

Баски чун анқо зи хотирҳо фаромӯшем мо,
Гар ҷаҳон аз мо напӯшад чашм, мепӯшем мо.
Ҷӯши шаккар дар най охир мекунад манъи садо,
Аз камоли шаҳди мазмун баски хомӯшем мо.
Аз замин то осмон гар муштарӣ ҷӯед, валек
Ҷуз қумоши маънии борик нафрӯшем мо...

*Туғрал*

**Луғат:**

**анқо** – мурғи афсонавӣ, Симурғ
**муштарӣ** – харидор
**қумош** – рахт, асбоб, матои абрешимӣ

**141.** Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Кадом хусусияти матн диққати шуморо ҷалб намуд? Агар ба матн ном мондан лозим бошад, кадом номро мувофиқ медонистед. Пайвандакҳоро муайян карда, хел ва имлои онҳоро шарҳ диҳед.

Агар шумо пеш нигоҳ карда рафтан гиред, ба ногоҳ ин оби дурахшон монанди моҳи тобоне, ки дар паси абр медарояд, ба зери санге даромада аз назаратон пинҳон мешавад. Ба сабаби маҳрум монданатон аз ин тамошои муфти табиӣ, албатта, ғамгин мешавед, лекин дилтангӣ накунед! Ҳамин ки боз сад-дусад қадами дигар пештар рафта, аз як-ду хамгашти пойи кӯҳ гузаштед, ҳамон оби ба зери санг фурӯрафта аз таги санги дигаре ҷӯшида мебарояд, ҳамоно дар ин роҳи зеризаминии худ чанд чашмаи дигарро ба худ ҳамроҳ кардааст ки, аз аввала пурзӯртар ва хушҷавлонтар шуда мебарояд. Акнун шилдиррос зада садо мебарорад ва сангрезаҳоро ғелонда, ба чуқуриҳои гузаргоҳи худ хобонда, роҳи худро ҳамвор мекунад. Ба андозае ки шумо пеш меравед, ҷӯйча ҳам фарохтар ва обаш ҳам фаровонтар мешавад. Акнун роҳи шумо ҳам он қадар танг ва бадвоҳима нест, акнун ба боло нигоҳ кунед, осмони паҳновари кушодаро мебинед; акнун аз канда афтодани харсангҳои девори дара, ки тагашонро обҳои барфу борон кофтаанд, наметарсед...

***Садриддин Айнӣ***

**Ба савол ва супоришҳо посух диҳед:**

1. Феъли ҷумлаи аввалро ёбед ва шарҳ диҳед.
2. Вергул ба пайвандакҳо вобаста аст ё не?
3. Чаро шумораи **сад-дусад** бо дефис навишта мешавад?
4. Дар мавзӯи **«Чашмаи деҳи ман»** нақле нависед.

**142.** Порчаи манзумро ифоданок хонед ва ҳар як байташро маънидод карда, мазмунашро нависед. Онро аз ёд кунед.

...Нашояд ҳар замон ёре гирифтан,
Зи ёрон ҳар дам озоре гирифтан.
Гуле, к-ӯ ҳар замон бошад ба ҷое,
Намеояд аз ӯ бӯйи вафое.
Ба мутриб мӯҳтасибро з-он бувад ҷанг,
Ки ҳар дам дар мақоме дорад оҳанг.
Яке, к-ӯ рӯзу шаб як ҷо муқим аст,
Зи ёрони вафодори қадим аст.
Касе, к-аз дӯстӣ берун ниҳад пай,
Дар оини вафо саг беҳтар аз вай.

***Бадриддини Ҳилолӣ***

**Луғат:**

**мӯхтасиб** – боздоранда аз чизҳое, ки дар шаръ мамнӯъ аст

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. Байти дувумро чӣ тавр мефаҳмед?
2. Чаро пайвандаки **ки** бо **ӯ** ва **аз** дар шакли **к-аз, к-ӯ** омадааст?
3. **Рӯзу шаб**-ро магар бо як калима ифода кардан мумкин аст?
4. **Намеояд**-ро аз ҷиҳати сохт муайян кунед.

**143.** Матнро хонед ва нақл кунед. Гӯед, ки аз он чӣ хулоса баровардед. Агар ба ҳамин монанд воқеаро шунида ва ё дида бошед, ба ёд оварда нақле нависед. Масалан: Гурбае бо муш дӯстӣ дошт.

Тӯтӣ арз кард қисса, ки дар шаҳри Комру болои як дарахти калон тӯтие ошёна дошт ва дар он ошёна нуздаҳ байза ниҳод ва чанд рӯз болои байза нишаст. Аз андаруни байзаҳо бачаҳое баромаданд. Тӯтӣ ҳар рӯз бачаҳои худро обу дона ва хӯрок медод. Ва дар зери дарахти мазкур як рӯбоҳ низ бачаҳо дода (зоида) буда. **Вақте ки** бачаҳои тӯтӣ фуруд омаданд, бо бачагони рӯбоҳ бозӣ мекарданд. **Чун** тӯтӣ доно буд, бачаҳои худро насиҳат кард, ки, эй бачагон, моён аз ҷинси тоирем ва рӯбоҳ аз ҷинси чорпоён аст. Шумо бо бачагони рӯбоҳ бозӣ накунед, **чаро ки** бо ғайриҷинс ошноӣ доштан хуб нест, бисёр бад аст.

***аз «Тӯтинома»***

**Луғат:**

**Комру** – номи шаҳре дар Ҳиндустон, ки дар наздикии Бангола ҷойгир шудааст

**байза** – тухм

**тоир** – паранда

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. **Тӯтӣ**-ро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.
2. **Фуруд омаданди**-ро боз чӣ навъ гуфтан мумкин?
3. Пайвандакҳои ишорашударо бо кадом пайвандакҳо метавон иваз кард?
4. Ба мазмуни матн кадом зарбулмасал мувофиқ меояд? (Кунад ҳамҷинс...)

**144.** Матнро хонед ва ба ҷумлабандиҳои матн диққат диҳед. Матнро кадом ифодаҳо намакин гардонидаанд? Пайвандакҳоро ёбед ва аз ҷиҳати сохту вазифа муайян кунед.

Шабҳангом, пеш аз он ки сар ба хоб диҳам, ногоҳ овози тароқ ва садамати рехтани сангпораҳо масмӯи ман шуд. Ман донистам, ки ҳайвоне ба тарафи мо меояд. Шаб маҳтоб буд. Дидам, шере шарза мушобеҳи говмеши бузург мутаваҷҷеҳ бо самти мост. Ва чашмҳо ҳамчу машъал метобид ва назди ҳар қадамаш сангҳои бузург ғалтон мешуд. Туфанг ба даст гирифтам ва оташ дар пилта ва рост кардам, то шер бубинад ва битарсад ва шояд ки баргардад. Ӯ ҳамчунон ғуррон бе хавфу ҳарос тӯфон карда, ба сӯйи мо бармеомад. Дидам, ки шер ба як тиру ду тир сард намешавад, ва лобудд маро маа асп нобуд мегардонад. Он гоҳ туфанг бихобонидам. Бо худ гуфтам: «Агар кор бар ман танг шавад, тамаллуқу табодур пеш орам ва агар не, он гоҳ туфанг холӣ кунам».

... Ман худдорӣ карда, ба мулоямат саре меҷунбонидам ва хушомаде мегуфтам, ки «Ман қасди ту надорам...»

***Аҳмади Дониш***

## Луғат:

**тароқ** – овозе, ки аз шикастан ё афтодани чизе ба гӯш мерасад
**садамат** – якбора ба ҳам бар хӯрдани ду чиз
**масмӯ** – ба гӯш расидан
**табодур** – шитоб лобудд – ночор, аз рӯйи зарурат
**маа** – бо, ҳамроҳи...
**туфанг** – милтиқ
**шарза** – хашмгин ва зӯровар
**тамаллуқ** – чоплусӣ, хушомадгӯйӣ

**145.** Матнро хонед ва мазмунашро мухтасар нақд кунед. Бо пайвандак оғоз ёфтани ҷумла магар мувофиқи меъёри забон аст?

Ва амири Хуросон Нӯҳ ибни Наср ба Бухоро фармон ёфт ва Алптегин ба Нишопур буд ва аз Бухоро умарои хавос ба Алптегин навиштанд, ки ҳол чунин афтод ва амири Хуросон даргузашт ва ӯро бародари сисола мондаасту писаре шонздаҳсола, киро фармойӣ ба подшоҳӣ, ки мадори ин мамлакат бар туст.

Ӯ зудтар қосиди хеш гусел кард ва бинавишт, ки ҳар ду тахту мулкро шоистаанд ва худованд зодагони моанд, аммо бародари малик марде пухта аст ва сарду гарми рӯзгор чашида ва ҳама касро нек шиносад ва қадру манзалати ҳар як донад ва ҳурмати ҳар як ба ҷой орад. Ва писари малик кӯдак асту ҷаҳоннадида, тарсам, ки мардумонро надонад дошт ва дар маънӣ фармонҳо натавонад дод. Магар савобтар он бошад, ки бародарро бинишонанд. Ва номаи дигар дигар рӯз бифиристод. Ба сари панҷ рӯз қосид даррасид, ки писари маликро ба подшоҳӣ нишондаанд. Аз ин ҳар ду нома, ки фиристода буд, ташвирзада шуд...

*аз «Сиёсатнома»*

## Луғат:

**умаро** – ҷамъи амир
**хавос–** баландмартаба
**қосид** – номабар, хабаррасон
**манзалат** – мақому мартаба
**ташвирзада** – шармсор, шарманда

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Дар ин матн бештар кадом пайвандак истифода шудааст?
2. **Марде пухта**-ро шарҳ диҳед.
3. Бо истифода аз **зудтар** ҷумлае тартиб диҳед.
4. **Савобтар** ба кадом маънӣ омадааст?

**146.** Ба ҷои нуқтаҳо пайвандаки мувофиқ ёбед, ки ба ҳамаи ҷумлаҳо муштарак бошад. Баъд он ҷумлаҳоро навишта, ҳар кадоми онро маънидод кунед. Ҷумлаҳое тартиб диҳед, ки чунин бошанд.

1. .............меваҳо тез пазанд, зимистон барвақт меояд.
2. ...........дар фасли тирамоҳ баргҳои дарахтон якбора резанд, зимистон қаҳратун мешавад.
3. ..............бодом маротибаи дуюм гул кунад, зимистон сахт мешавад.
4. .............моҳӣ барои нафаскашӣ тез-тез ба рӯи об барояд, борон меборад.
5. ................дар фасли зимистон гунҷишкон баробар ба хониш дароянд, ҳаво гарм мешавад.

***аз «Машъал»***

**147.** Порчаи манзумро хонед ва ҳар як байти онро маънидод кунед. Пайвандакҳоро аниқ карда, вазифа ва имлои онҳоро шарҳ диҳед.

Якеро, ки дидӣ ту дар ҷанг пушт,
Бикуш, гар адӯ дар масофаш накушт.
Муханнас беҳ аз марди шамшерзан,
Ки рӯзи ваға сар битобад чу зан.
Чӣ хуш гуфт Гургин ба фарзанди хеш,
Чу фармони пайкор барбасту кеш:
«Агар чун занон чуст хоҳӣ гурез
Марав, оби мардони ҷангӣ марез!»
Саворе, ки дар ҷанг бинмуд пушт,
На худро, ки номоваронро бикушт.

***Саъдии Шерозӣ***

## Луғат:

**масоф** – ҷанг, ҷойи саф задан
**муханнас** – хез; касе, ки ӯро ба латкорӣ аз руҷулият сокит карда бошанд
**Гургин** – номи паҳлавони эронӣ
**пайкор**-ҷанг
**кеш**-таркаш
**ваға** – ҷанг, шӯру ғавға

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Бикуш** аз **бикӯш** чӣ фарқ дорад?
2. Муродифҳои **адӯ**-ро ёбед ва бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.
3. **Хеш** ба кадом маъно омадааст?
4. Дар мисраи охир **ки** кадом пайвандакро иваз кардааст?

## ИМЛОИ ҲИССАЧА ВА НИДО

**148.** Матнро хонда, мазмунашро мухтасар нақл кунед. Гӯед, ки ҳиссача ва нидоҳо ба калимаҳои ишорашудаи матн чӣ тобише бахшидаанд. Чаро Дунё бо ҳарфи калон навишта шудааст?

Оварданд, ки Юсуфро хоҳаре буд Дунё ном, ки бо Юсуф аз як модар буданд. Дар он вақт Дунё дар бистар хобида буд ва дар хоб дид, ки гург Юсуфро аз канори падар дарrабуд ва аз ваҳшат аз хоб бедор шуда гуфт:

– Ёрон, Юсуф дар куҷост? Гуфтанд: – Бо бародарон ба саҳро рафт. Гуфт: – Падар ӯро иҷозат фармуд? Гуфтанд: – **Оре,** Гуфт:

– **Оҳ, оҳ,** рӯзгори пурҷафо ва замонаи бевафо кори худро сохт! Пас Дунё ба таъҷили тамом рӯй дар роҳ ниҳод, омад то ба дарахти шаҷаратулвидоъ расид, дид, ки падари меҳрубон бо Юсуф дар сухан аст. Омаду ба пойи Юсуф афтод ва оҳ баркашид, гуфт:

– Эй бародари ба ҷон баробарам, хаёл кун, Дунё канизи туст, маро низ ҳамроҳи худ бибар, ба ҳар куҷо нузул кунӣ,

ман монанди канизон хоки заминро бо мижгони дида бирӯбам, эй ҷон бародар:

> Ман аз мижгон бирӯбам хоки поят,
> Бишӯям з-оби дида ҷойгоҳат.

Пас Дунё арз кард:

– Эй хуршеди хубӣ в-эй гавҳари садафи Яъқуб ва эй бародари ҷон, агар маро ҳамроҳ набарӣ, зинҳор фасхи азимат (аз фикри сафар гардидан) кун ва аз ин падари пирро аз фироқи худ мубтало манамо. Юсуф аз суханони хоҳар ба гиря даромад.

Алқисса, бори дигар Яъқуб фарзандонро видоъ карда ва суфориши Юсуфро бо ҳар як менамуд. Пас бародарон Юсуфро ба дӯш гирифтанд ва равонаи саҳро шуданд ва Яъқуб дар қафои эшон менигаристу назар аз Юсуф барнамедошт.

*аз «Саргузашти ҳазрати Юсуф»*

**Ба савол ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Мижгон**-ро бори дигар талаффуз кунед ва бо он мисоле тартиб диҳед.
2. **Суфориш** – боз чӣ тавр навишта ва талаффуз мешавад?
3. **Юсуфро хоҳаре буд Дунё ном**-ро дигар навъ баён кунед.

**149.** Ҳикояро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Хулосаи баровардаатонро мухтасар нависед ва аз ҳиссачаҳо истифода баред.

Ва ӯ рӯзе ба шикор бо хавосси хеш мерафт. Бар канори деҳе пиреро дид навадсола, ки гирдакон дар замин мекард. Нӯшервонро аҷиб омад, аз баҳри он ки бист сол бояд, ки то гавзи кишта бар диҳад. Гуфт: – Эй пир, гавз мекорӣ? Гуфт – Оре, худованд. Гуфт: – Чандон бизиӣ, ки бараш бихӯрӣ? Гуфт: – Киштанд, мо хӯрдем. Мо низ корем, то дигарон бихӯранд. Нӯшервонро хуш омад. Гуфт: – Зеҳ! Дарвақт хазинадорро фармуд, то ҳазор динор пирро диҳад. Пир гуфт: – Эй худойгон, ҳеҷ кас бари ин гавз зудтар аз

банда нахӯрдӣ. Гуфт: – Чӣ гуна? – Гуфт: – Агар банда гавз накиштӣ ва худойгон ин ҷо гузар накардӣ ва аз банда чунон пурсид, напурсидӣ ва банда он ҷавоб надодӣ, банда ин ҳазор дирам аз куҷо ёфтӣ? Нӯшервон гуфт: – Зеҳозеҳ! Хазинадор ду ҳазор динори дигар бидод, аз баҳри он ки ду бор зеҳ бар забони ӯ бирафт.

*аз «Сиёсатнома»*

**Луғат:**

**гирдакон** – чормағз
**гавз**-чормағз
**хавосс** – хидматгорон

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Кадом пораи матн ба шумо писанд омад?
2. Дар ҷумлаи аввал **хеш** кадом ҳиссаи нутқ аст? **Хеш**-ро истифода бурда, ҷумлае тартиб диҳед.
3. **Бараш бихӯрӣ** чӣ маъно дорад?
4. **Банда** ба чӣ маъно омадааст?
5. **Нӯшервонро хуш омад**-ро шарҳ диҳед.

**150.** Матнро хонед ва ҳиссачаҳои онро ёбед ва шарх диҳед. Гӯед, ки ҳиссачаҳо бештар кай истифода мешаванд. Аломатҳои китобати ба ҳиссачаҳо марбутро муайян кунед. Дар мавзӯи «Сӯҳбати ду дӯст» иншо нависед ва аз ҳиссачаҳо кор бигиред.

– Не, не, рафиқон! Ин хел шуданаш хуб нест! Аз саховатмандию меҳрубониатон гардам. Кам монд, ки сарашро силаю офарину боракалло мегуфтед. Рости гап, ин меҳрубониҳоятон беҷо. Аз гуноҳ чашм пӯшидану рӯйпӯш кардан, бовар кунед, оқибати хуб надорад. Ба ҳар ҳол гуноҳ гуноҳ аст!

– Э-е, аз барои Худо, ба ту чӣ шуд, Далер?

Гуноҳи як борро ҳама мебахшанд, – даст афшонда гуфт Юсуф.

– Хайр, ба ту чӣ, Далер, бе ин ҳам дар ин дӯзах базӯр нишастаем, – аз паҳлу касе овоз баровард.

– Гапро дигар кашол надеҳ. Ба гумонам, ману ту ҳам чандон моҳи беайб нестем, Далер? – Юсуф боз ба Далер гап мепарронд.

– Агар ба Акбар ҳамин хел некӣ мекардагӣ бошем, беҳтараш накунем. Дар ҳаққи ман ҳар чӣ фикр мекунед, ихтиёр доред. Лекин бояд андозаи гуноҳашро фаҳмад. Ҳар кор сари вақт доштааст. Бале, сари вақт доштааст.

Хиёбони серодами шаҳр. Дар байни анбӯҳи одамони роҳгузар назари мо ба Далер меафтад. Ӯ дар муқобили ҷараёни одами якто– яктою вазнин қадам монда, ба ҷониби мо меояд. Аз қафо ҷавони ба синну сол аз Далер хурдтаре ба одамон бархӯрда, шитобон аз паҳлӯи Далер меояд.

– Хайр, росташро гӯй, Далер, ин якравиат чӣ маънӣ дошт? Ту бо ин киро хурсанд карданӣ шудӣ, киро? – Тез-тез нафас гирифта, бо хашм ба Далер менигарад.

Киро, мегӯйӣ? – Далер ба рӯйи ҷавон маънидорона нигоҳ мекунад, – киро? Ҳ-м ...

Дар зимни чунин манзара ва анбӯҳи одамони роҳгузар Навишта пайдо мешавад.

***Меҳмон Бахтӣ***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Саховатмандӣ**-ро талаффуз кунед ва гӯед, ки чиро пай бурдед.
2. Бо истифодаи аз калимаи **анбӯҳ** ҷумла тартиб диҳед.
3. Муродифи **хайр** кадом калима аст? Ҷумлае гӯед бо истифода аз он.

**151.** Матнро хонед ва гӯед, ки дар он сухан дар бораи кӣ меравад? Ҳиссачаҳо ба матн чӣ тобише бахшидаанд?

Ҷавон Восеъро аз кӯча гардонда овард.

– Хайр майлаш, – ин дафъа нармтар шуда гуфт Мирзои қорӣ. – Ман туро ба галабонӣ мегирам. Аммо як-ду нафар одам даркор, ки туро шиносанду кафил шаванд, – боз шарт монд бой.

Амин дар ғояти нохушнудӣ ба меҳмони бадгумонаш назари сарзанишкорона афканд. Восеъ бошад ришханде карду гуфт:

– Кафил надорам, тақсир.

– Оё дар ин ҷоҳо ягон шинос-пинос ҳам надорӣ?

– Не, надорам.

– Хайр, дар Янгибозор надошта бошӣ, дар шаҳр ҳам надорӣ?

– Дар шаҳр дорам.

– Кӣ вай, шиносат?

– Як машкоби ховалингӣ.

Бой истеҳзои Восеъро нафаҳмида гуфт:

Як машкоби бесару сомон чӣ касест, ки ба каси дигар кафил шуда тавонад? Боз ба худи вай кафил ёфтан даркор!

Тақсир, модом ки шумо ба ман бовар накунед... дигар чӣ ҷойи гап!

Инро гуфта Восеъ боз ба тараддуди рафтан афтода буд, ки Амин ӯро боздошта, ба меҳмонаш «кафил ман худам» гӯён ин дафъа худаш аз ҷониби бой бо Восеъ ба гуфтугӯ даромад.

***Сотим Улуғзода***

**152.** Матнро хонда, мазмуни онро нақл кунед. Ҷумлаҳоеро, ки ҳиссача доранд, аниқ кунед ва нависед. Ба имлои ҳиссачаҳо диққат диҳед. Муколамае тартиб диҳед ва дар он ҳиссачаҳоро истифода баред.

Ясовул... аз вай пурсид:

– Магар ту хоҳари ин ҷавон мебошӣ, ки ба вай ин қадар дилсӯзӣ мекунӣ?

– Не, гуфт Гулнор.

– Хоҳарзодаи ин ё бародарзодааш ҳастӣ?

– Не!

– Пас маълум мешавад, ки занаш ҳастӣ! Гулнор бошад, хиҷолатмандона «ҳанӯз не!» гуфт.

Ясовул сари худро ҷунбонида зери лаб:

– Сабаби ин дилсӯзиҳо маълум шуд, – гуфт ва ба Гулнор нигоҳ карда, – хуб, бисёр ғам махӯр! Дар ин наздикиҳо котаи худро дар Сари Ҷӯй ё ки дар Ҳисор хоҳӣ дид, – гуфт ва хост, ки ба роҳ дарояд.

Гулнор, ки аз нармгуфториҳои аввалини ясовул ба халосии маҳбубаш умедвор шуда буд, бо суханҳои охириаш якбора ба навмедӣ афтод, дунё ба назараш торик ва сиёҳ

шуд, ҳеҷ чизро намедид ва аз чизе ҳам бок надошт: бо як далерии шерона монанди гурбае, ки ба саги ба бачааш қасдкарда ҳамла орад, девонавор худро ба тарафи ясовул ҳаво дод:

– Эй золими хунхори дилозор, чунӣ, ки аз болои аспат гирифта ба рӯйи сангат занам? – гӯён хост, ки аз камари ясовул гирад.

Ясовул бе он ки пойи худро аз рикоб (узангу) барорад, бо пошнаи мӯзааш ба сари синаи Гулнори дилафгор чунон зад, ки мурдавор парида, якчанд қадам поинтар ба чуқурие афтод ва як чир зада хомуш монд.

***Садриддин Айнӣ***

**Луғат:**

**ясовул** – савори рикоби амир, хидмадгори дарбор

**153.** Ҳикояро хонед ва хулосаи баровардаатонро нависед. Ҳиссачаҳои матн магар дар навиштаи шумо истифода шудаанд? Чаро? Дар эҷодиёти шоирони пешин бештар кадом ҳиссачаҳо вомехӯранд?

Маъмун ғуломе дошт, ки тартиби оби таҳорат ба ӯҳдаи вай буд. Дар ҳар чанд рӯз офтоба ё сатиле гум мешуд. Як рӯз Маъмун ба вай гуфт:

– Кош, он офтобаву сатил, ки аз мо мебарӣ, ҳам ба мо фурӯшӣ.

Гуфт:

– Ҳамчунон кунам. Ин сатили ҳозирро бихар. Фармуд, ки ба чанд мефурӯшӣ?

Гуфт:

– Ба ду динор.

Фармуд, то ба вай ду динор доданд. Пас гуфт:

Ин сатил аз ту дар амон шуд?

Гуфт:

– Оре

***Абдураҳмони Ҷомӣ***

**Луғат:**

**Маъмун** – халифаи аббосӣ, писари Ҳорунаррашид

**154.** Шеърро ифоданок хонед ва гӯед, ки моҳияти он аз чӣ иборат аст? Эҳсоси ғарибӣ асосан дар кадом байт равшан ифода ёфтааст? Шоир ҳиссиёти ғарибиро ба воситаи кадом нидоҳо ба қалам додааст? Дар мавзӯи **«Ғарибӣ кӯйи сахт аст»**накле нависед:

Дил муқими кӯйи ҷонон асту ман ин ҷо ғариб,
Чун кунад бечораи мискинтани танҳо ғариб?
Орзуманди диёри хешаму ёрони хеш,
Дар ҷаҳон то чанд гардам бесару бепо ғариб?
Чун ту дар ғурбат наяфтодӣ, чӣ донӣ ҳоли ман?
Меҳнати ғурбат надонад ҳеҷ кас, илло ғариб.
Ҳаргиз аз рӯйи карам рӯзе напурсидӣ, ки чист
Ҳоли зори мустаманди монда дур аз мо ғариб.
Чун дар ин даврон намеафтад касе бар ҳоли худ,
Дар чунин шаҳре, ки мебинӣ, кӣ афтад бо ғариб?
Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин Камол,
Во ғарибӣ,во ғарибӣ,во ғарибӣ,во ғариб!

***Камоли Хуҷандӣ***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Ифодаи **меҳнати ғурбат**-ро шарҳ диҳед.
2. Муродифҳон **илло** кадомҳоанд? Яке аз онҳоро истифода бурда ҷумлае тартиб диҳед.
3. Аз **рӯйи карам** ба кадом маъно омадааст?

**155.** Порчаи манзумро хонда, мазмуни онро шарҳ диҳед. Гӯед, ки ғаму андӯҳи шоир дар кадом мисраъҳо равшану возеҳ инъикос ёфтааст? Ба кадом шакли шеърӣ суруда шудааст?

Дӯстон! Фоҷиаи сахт биёмад ба сарам,
Рафт аз ин фоҷиа рӯҳ аз тану нур аз басарам.
Хабаре омаду рафт аз дилу ҷон тоқату ҳуш,
Баъд аз ин кай шавад аз ҳушу дилу ҷон хабарам?!
Хабар ин аст, ки бо теғи ситам кушта шудааст
Додарам – қуввати рӯҳу дилу қути ҷигарам.
Аз ҳуҷуми аламам қуввати фарёд намонд,

То чунон дашнаи бедод фалак зад ба сарам.
Ҷигарам об шуду рехт зи ду чашми тарам,
Ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам!

*Садриддин Айнӣ*

**Луғат:**

**фоҷиа** – ҳодисаи пурмусибат
**басар** – чашм, дида
**дашна** – ханҷар
**фалак**-киноя аз амир

**156.** Матнро хонед ва ҷумлаҳои нидодорро ҷудо карда нависед. Гӯед, ки онҳо дар ҷумла чӣ вазифаро адо кардаанд? Дар мавзӯе иншо нависед ва нидоҳои мувофиқро истифода баред.

– Ӯҳу, ӯҳу, ӯҳу, – сурфа карда, касе аз дарвозаи кӯча даромад.

Бо шунидани ин овоз ҷуфтрон, ки нав аз кор омада, ба рӯи суфачаи пеши саисхона хобида буд, сари худро як бардошта ба оянда нигоҳ кард ва боз ҷомаи кори худро ба сараш печонда ба хоб рафт.

– Собир! – Ӯй Собир! – гуён оянда фарёд кашид. Ҷуфтрон саросема сар аз хоб бардошта:

Лаббай, – гуфт.

– Магар ба хонаи ман хоб бардошта омадӣ? Сари шаб, ки ҷуфтро мебастӣ, магар таъйин накарда будам, ки аз ҷуфтронӣ омадан замон ба сари хирман рав?! Бодгарон ҳама дузданд, ҳамин ки чашмро хато карданд, гандумро ба хонаи худ мекашонанд. Гарданканда! Ҳамин қадар таъйину такшинони ман куҷо рафт?

Собир чашмонашро молида-молида аз ҷой хеста:

– Хӯҷаин! Магар нахобида кор карда мешавад?! – гуфт.

Хӯҷаин шӯрида:

– Магар нони хӯҷаинро муфт гумон кардӣ? Дар вақти хӯрок гов барин мехӯрӣ, кор фармоям, хари ланг... Хоб ки даркор будааст, чаро ятим истодӣ? Зимистон вақти бекорӣ дар хонаи худ чунон хобӣ, ки то баҳор барнахезӣ...

*Садриддин Айнӣ*

**157.** Матнро хонед ва гӯед, ки он дар бораи кӣ маълумот медиҳад? Нидоҳо ва ҳиссачаҳои матнро аниқ сохта, нақши онҳоро маънидод кунед.

Ассалому алайкум, махдум, – Дониш аз ин саломи ногаҳонӣ тааҷҷуби ҷавонро диду илова кард:

– Шумо маро дар хотир надоред. Вақте ки ман дар сафари аввал бо падаратон шинос шуда, ба хонаи шумоён рафтуой доштам, шумо понздаҳсола будед. Ҳамоно аз хотир баровардаед.

– Ростӣ, ки дар хотир надорам.

– Падаратон маро Аҳмад мирзо мегуфтанд. Ман бухорӣ мешавам...

– Эҳа, Мирзо оғо, чӣ тавр шуморо нашинохтаам, охир ман ҳамеша «Мирзо оғо ба ман якто расм кашида диҳед» гуфта шуморо безор мекардам...

– Ҳа, бале, дар хотир доштаед... Даҳ рӯз шуд, ки ба Оренбург расидем ва қариб ҳар рӯз ба ҳамин дӯкон меоям ва ҳамеша баста аст. Гумон кардам, ки падаратон ба Қазон ё Уфа кӯчида рафтаанд...

– Не, Мирзо-оғо, як моҳ шуд, ки падарам ба зиёрати Маккатуллоҳ баромаданд. Дирӯз аз Истамбул хат гирифтам, ки савори киштӣ ба сӯйи Макка роҳ гирифтаанд. Рӯзҳои охир шуморо бисёр ёд мекарданд.

– Афсӯс, афсӯс, чӣ иштиёқи дидори он кас доштам!

– Панҷ-шаш соли охир он кас аз корҳои тиҷорат канора гирифта, ба таҳқиқи улум машғул шуданд. Чандин осори олимони русу фарангиро ба забони тоторӣ тарҷума карданд, аммо ба нашри онҳо дасташон нарасид. Қиблагоҳӣ хеле орзу доштанд, ки ин дастанависҳоро аз назари шумо гузаронанд. Кошкӣ, ба кулбаи банда қадам ранҷа мекардед, ки ман ин таълифотро ба шумо манзур кунам!

– Бо камоли майл! Худам ҳам дар ин рӯзҳо аз бешуғлию бекитобӣ ба ҷон расида будам. Имшаб ҳатман ба хонаатон меоям...

***Расул Ҳодизода***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. Магар ду ва ё зиёда нидою ҳиссача паси ҳам омада метавонанд?

2. **Истамбул**-ро бори дигар талаффуз кунед ва шарҳ диҳед.
3. Шумораҳои тахминӣ чӣ тавр навишта мешаванд?

**158.** Хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Нидоҳо кай ва барои чӣ истифода шудаанд? Дар мавзӯи **«Ҳар лаҳза ғанимат аст»** иншо нависед.

Саълабӣ шоире аз шуарои пойтахти Мансури халифа буд.

Гуфт:

– Рӯзе қасидае ғарро (хуб) гуфтам ва ба умеди силаи (инъом) куллӣ пеши халифа бурдам ва бар ӯ хондам ва дараҷаи қабул ёфт. Баъд аз он гуфт:

– Эй Саълабӣ, кадом дӯсттар дорӣ? Он ки туро сесад динор зари сурх диҳам ё се калимаи ҳикмат ба ту омӯзам, ки ҳар яке ба сад динор зари сурх арзад.

Ман бинобар хушомад гуфтам:

– Ҳикмати боқӣ беҳ аз неъмати фонӣ.

Гуфт:

– Калимаи аввал он, ки чун ҷомаи ту кӯҳна бошад, мӯзаи нав мапӯш, ки бад намояд.

Гуфтам:

– Оҳ, вовайло, ки сад динорам бисӯхт!

Халифа лаб ширин карду гуфт:

– Калимаи дувум он, ки равған дар риш молӣ, ба зери риш марасон, ки гиребонро чарб кунад.

Гуфтам:

– Дареғ, сад дареғ, ки дувист динорам зоеъ шуд. Халифа табассум карду гуфт:

– Калимаи севум...

Пеш аз он ки баён кунад, гуфтам:

– Эй халифаи рӯзгор, бар иззати парвардигор, сад динори боқиро бар ман деҳ, ки он маро ҳазор бор нофеътар аст аз ҳикмат шунидан. Халифа бихандиду бифармуд, то понсад динор зари сурх оварданд ва ба ман таслим карданд.

***аз «Латоифуттавоиф»***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Калимаи **дуюм** боз чӣ шакл дорад? Имлои онро дар хотир нигоҳ доред.
2. Ҳикмати ин ҳикоят дар чист?
3. **Понсад** ё **панҷсад?**
4. Муродифҳои **таслим кардан**-ро ёбед ва бо истифода аз онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## ОДОБИ МУОШИРАТ

**159.** Порчаи манзумро хонед ва гӯед, ки сухан ба гуфтору кирдор чӣ муносибат дорад? Мазмуни порчаро ба ҳисоб гирифта, дар мавзӯи **«Аҳамияти сухан»** иншое нависед.

Сухан беҳтар аз неъмату хоста,
Сухан беҳтар аз ганҷи ороста,
Сухан мар-сухангӯйро моя бас,
Сухан бар тани мард пироя бас.
Зи доно сухан бишнаву гӯш кун,
Кин-омад дигар з-осмон ҷуз сахун.
Сахун мардро сар ба гардун кашад,
Сахун кӯҳро сӯйи ҳомун кашад.
Сахун бар ту некӯ кунад кори зишт,
Сахун раҳ намояд ба сӯйи биҳишт.
Бигуфтам ба ширин сухан ин самар,
Ки кас нест гуфта аз ин пештар.
Ман аз баҳри он афсари сарварӣ
Сахун ронд хоҳам ба лафзи дарӣ
Сахун бешак аз назм рангин шавад,
Арӯс аз машшота баоин шавад.
Сахунро биёрост хоҳам ҳаме,
Ҷамол аз хирад хост хоҳам ҳаме.

***Айюқӣ***

### Луғат:

**неъмат** – ризқу рӯзӣ, мол, боигарӣ, сарвати моддӣ ва маънавӣ
**хоста** – сарвату боигарӣ
**моя** – зебу зинат, ороиш

**пироя** – зебу зинат, ороиш
**ҳомун**-саҳро, водӣ
**самар** – ҳикоя, кисса
**афсар**-тоҷ, роҳбарӣ
**ҷамол** – ҳусн, зебоӣ

**160.** Матнро хонда, матлаби асосиро ёбед. Шумо ба ин навиштаҳои адиб розиед ё на? Чаро? Дар мавзӯи **«Ба пирӣ хидмати модар – падар** кун» иншое нависед.

... Пас, ҳаққи падару модар агар аз рӯйи дин нанигарӣ, аз рӯйи хираду мардумӣ бингар, ки падару модар манбати некиву асли парвариши нафси туанд. Чун ту дар ҳаққи эшон муқассир (гунаҳкор) бошӣ, чунон бувад, ки ту сазои ҳеҷ некӣ набошӣ ва он кас, ки вай ҳақшиноси некии асл набошад, некии фаръро ҳам қадр надонад. Бо носипосон некӣ кардан аз хирагӣ бошад ва ту низ хирагии худ маҷӯй ва бо падару модари худ чунон бош, ки аз фарзандони худ тамаъ дорӣ, ки бо ту бошанд. Зеро ки он, кӣ аз ту зояд, ҳамон тамаъ дорад, ки ту аз падар дорӣ, ки масал одамӣ ҳамчун мева аст ва модару падар ҳамчун дарахт. Ҳарчанд дарахтро тааҳҳуд (хидматгузорӣ) беш кунӣ, мева аз вай накӯтару беҳтар ёбӣ. Ва чун падару модарро озарм (иззат) беш дорӣ, дуову офарини эшон дар ту асари бештар кунад ва мустаобтар бувад... ва ба хушнудии эшон наздиктар бошӣ. Ва зинҳор, ки аз баҳри мерос марги падару модар нахоҳӣ, ки бе марги падару модар он чи рӯзии ту бошад, ба ту бирасад... Ба касе манигар, ки ҳоли ӯ беҳтар аз ҳоли ту бошад, ба касе нигар, ки ҳоли ӯ аз ҳоли ту бадтар бошад... Ва агар ба мол дарвеш гардӣ, ҷаҳд кун, то ба хирад тавонгар бошӣ, ки тавонгарии хирад аз тавонгарии мол беҳтар бошад ва ба хирад мол тавон ҳосил кард ва ба мол хирад ҳосил натавон кард. Ва ҷоҳил аз мол зуд дарвеш гардад ва хирадро дузд наметавонад бурдан ва обу оташ натавонад ҳалок кардан. Пас, агар хирад дорӣ, бо хирад ҳунар омӯз, ки хирад беҳунар чун тане бошад бе ҷома ва шахсе бувад бе сурат, ки гуфтаанд: «Ал-адабу сурат-ул-ақли» (адаб нишонаи хирад аст).

***Унсурулмаолии Кайковус***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. Шахсе, ки эҳтироми волидайнро нигоҳ намедорад, сазовори неки ҳаст ё не?
2. **Дар ҳаққи падару модар ҳар коре кунӣ, аз фарзандони хеш онро тамаъ дор**-ро чӣ тавр мефаҳмед?
3. Дар ҷуфти **дуову офарин** калимаи дувум ба кадом маъно омадааст?
4. Ҷумлаи охири сарсатри аввалро шарҳ диҳед.
5. **Батар** ё **бадтар?**

**161**. Порчаро хонед ва ҳар ҷузъи онро шарҳ диҳед.

Дар мавзӯи **«Муносибат бо падару модар»** иншо нависед.

Агар пурсанд, ки адаб бо падару модар чанд аст, бугӯй, дувоздаҳ: Аввал он, ки ҳурмати эшон ба воҷиб нигаҳ дорад. Дуюм, ба моли дунё бо эшон музояқа (сахтӣ) накунад. Сеюм, ба мурооте, ки ба эшон кунад, миннат бад-эшон оид нагардонад. Чаҳорум, низ дар рӯйи эшон нангарад. Панҷум, чун бихонандаш, зуд иҷобат (қабул) кунад. Шашум, дар вақти мулоқоти эшон рӯй дарҳам накашад. Ҳафтум, ҳар чӣ фармоянд, ки дар он маъсияте (гуноҳ) набошад, ба ҷой оварад. Ҳаштум, дар сухан гуфтан бо эшон ё бо дигаре дар пеши эшон овоз баланд накунад. Нӯҳум, бе дастури эшон ба сафар наравад. Даҳум, дар талаби ҳосил кардани хушнудии эшон бошад. Ёздаҳум, эҳсон бо эшон, сонӣ ибодат донад, яъне биҳишт дар зери қадамҳои модарон аст:

Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,
Андар таҳи пойи модарон аст.

***Ҳусайн Воизи Кошифӣ***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Ба ин гуфтаҳо чизеро илова карданӣ ҳастед?
2. Байтро маънидод кунед.
3. **Нангарад**-ро аз ҷиҳати сохт муайян созед.
4. **Хушбахт ва хушнуд** магар аз ҷиҳати сохт яканд?

**162.** Порчаи манзумро ифоданок хонед. Гӯед, ки ба чӣ мавзӯъ бахшида шудааст. Ба он чӣ ном гузоштан мумкин? Дар мавзӯи **«Адаб тоҷи сари мардон аст»** иншо нависед.

... Бо модари хеш меҳрубон бош,
Омодаи хидматаш ба ҷон бош.
Бо чашми адаб нигар падарро,
Аз гуфтаи ӯ мапеч сарро.
Чун ин ду шаванд аз ту хурсанд,
Хурсанд шавад зи ту Худованд.
Дар кӯча чу меравӣ ба мактаб,
Маъқул гузар куну муаддаб...
...Кам гӯю магӯй ҳар чи донӣ,
Лаб дӯхта дор, то тавонӣ...
...Андар васати каломи мардум
Лаб боз макун ту бар такаллум...
...Чун хӯй кунад забон ба дашном,
Он беҳ, ки бурида бод аз ком.
Аз айби касон забон фурӯ банд,
Айбаш ба забони хеш мапсанд...
...Дар сӯҳбати сифла чун дароӣ,
Биттабъ ба сифлагӣ гароӣ.
Бо мардуми бошараф даромиз,
То табъи ту бошараф шавад низ...

*Эраҷ Мирзо*

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. **Муаддаб, васат, такаллум**-ро шарҳ диҳед ва бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.
2. **Андар** дар кадом маврид бештар истеъмол мешавад?
3. Ифодаи **хӯй кунад забон** чӣ маъно дорад?

**163.** Порчаи манзумро бодиққат хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Дар ин порча ҳамаи одоби меҳмондорӣ баён шудааст ё не? Дар мавзӯи **«Одоби меҳмондорӣ»** иншое навишта, фикратонро баён кунед.

Эй бародар, меҳмонро нек дор,
Ҳаст меҳмон аз атои кирдигор.

Меҳмон рӯзӣ зи худ меоварад,
Пас гуноҳи мизбонро мебарад.
Ҳар киро ҷаббор дорад душманаш,
Боз дорад меҳмон аз масканаш.
Мӯъмине, к-ӯ дошт меҳмонро накӯ,
Ҳақ гушояд боби раҳматро бар ӯ.
Ҳар киро шуд табъ аз меҳмон малул,
Аз вай озурда Худову ҳам Расул.
Бандае, к-ӯ хидмати меҳмон кунад,
Хешро шоистаи раҳмон кунад.
Ҳар кӣ меҳмонро ба рӯйи тоза дид,
Аз Худо алтофи беандоза дид.
Аз такаллуф дур бош, эй мизбон,
То гаронӣ навбадат аз меҳмон.
Меҳмонро, эй писар, эъзоз кун,
Гар бувад кофар, дар ӯ дар боз кун.
Ҳаст меҳмон аз атоҳои карим,
Ҳар кӣ з-ӯ пинҳон шавад, бошад лаим,
Маърифат дорӣ, гиреҳ бар зар мабанд,
Чун расад меҳмон, ба рӯяш дар мабанд.
Ҳар кӣ меҳмонро гиромӣ мекунад,
Кӯшише дар некномӣ мекунад.
Ҳар кӣ меҳмонат шавад, ар хосу ом,
Пеши ӯ мебояд овардан таом...

***аз «Чаҳоркитоб»***

**Луғат:**

**ато** – бахшиш, лутфу эҳсон
**ҷаббор** – киноя аз Худо
**алтоф** – ҷамъи лутф
**кирдигор** – офаринанда, офаридгор
**тоза** – бо иззату ҳурмат

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Гушоянд** ё **кушояд?**
2. Кадом калимаҳо **хеш**-ро иваз мекунанд?
3. Ифодаи **ба рӯйи тоза дидан** чӣ маъно дорад?
4. **Некномӣ**-ро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.
5. **Ар** чӣ маъно дорад? Шаклҳои дигари онро номбар кунед.

**164.** Матнро хонед. Аввал мухтасар нақл кунед ва баъд мазмуни онро бо иловаҳо нависед. Гӯед, ки дар ин матн кадом ҷумлаҳо (аз назари сохт) бештар истеъмол шудаанд.

Эй писар, мардумони бегонаро ҳар рӯз меҳмон макун. Аз он ки ҳар рӯз ба ҳаққи меҳмон натавон расидан. Бинигар, то як моҳ чанд бор меҳмонӣ тавонӣ кардан. Он ки се бор тавонӣ кардан, як бор кун ва се бор андар ӯ харҷ кун, то хони ту аз ҳама айбе мубарро бувад ва забони айбҷӯён бар ту баста бошад. Ва чун меҳмонон дар хонаи ту оянд, ҳар касро пешвоз мефирист ва тақаррубе ҳамекун ва темори ҳар кас ба сазои ӯ медор. Чунон ки Абӯшакури Балхӣ гӯяд:

**ШЕЪР:**

Агар дӯст меҳмон бувад ё на дӯст,
Шабу рӯз темори меҳмон накӯст.

Агар вақти мева бувад, пеш аз таом меваҳои тару хушк пеш ор, то бихӯранд. Ва як замон тавaққуф кун ва он гаҳ хӯрданиҳо овар.

Ва ту манишин то он гоҳ, ки меҳмонон бигӯянд як бору ду бор, ки бинишин. Он гоҳ, бо эшон мусоадат кун ва нон бихӯру фурӯтар аз ҳама кас нишин, магар меҳмони бузург бошад, ки нишастан мумкин набувад.

Ва аз меҳмонон узр махоҳ, ки узр хостан табъи бозориён бувад. Ва ҳар соат магӯй: «Эй фалон, нон нек бихӯр ва ҳеҷ намехӯрӣ. Шарм мадор, ки аз ҷиҳати ту чизе натавонистам кардан. Иншоаллоҳ, ки баъд аз ин узри онҳо бихоҳем».

Ин на суханони мӯҳташамон бувад. Ин лафзи касе бувад, ки ба солҳо меҳмоне як бор кунад аз ҷумлаи бозориён, ки аз чунин гуфтор мардум шармсор шаванд ва нон натавонанд хӯрдан ва нимсер аз хон бархезанд.

Ва моро ба Гелон расме накӯст. Чун меҳмонро ба хона баранд, хон биниҳанд ва кӯзаҳои об ҳозир кунанд. Ва меҳмонхудой ва пайвастагони ӯ аз он ҷо бираванд, магар як тан аз ҷойи дур бозистад аз баҳри коса ниҳодан, то меҳмон чунон ки хоҳад, нон бихӯрад. Он гоҳ мизбон пеш ояд. Ва расми араб низ чунин аст...

Аммо бидон, ки ҳаққи меҳмон доштан воҷиб аст, валекин ҳаққи меҳмоне, ки ба ҳақшиносӣ арзад. На чунон ки ҳар қаллошеро ба хона барӣ ва он гоҳ чандин эъзозу икром кунӣ, ки ин меҳмони ман аст. Бидон, ки ин тақаррубу дилдорӣ бо кӣ бояд кардан.

***Унсурулмаолии Кайковус***

**Луғат:**

**мубарро** – пок, холӣ
**тақарруб** – ба ҳам наздик шудан
**темор** – ғамхорӣ, парасторӣ
**мусоадат** – ёрӣ додан
**иншоаллоҳ** – агар Худо хоҳад
**мӯҳташамон** – бузургворон, давлатмандон
**қаллош** – айёш, ҳилагар, беору номус

**Ба савол ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Калимаи **магӯй**-ро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед. Шакли дигари **маро** ном баред.
2. **Меҳмонхудой** аз чанд реша иборат аст ва чӣ маъно дорад?
3. Байтро аз назари маъно ва сохт маънидод кунед.

**165.** Матнро хонед ва ба он ном гузоред. Дар мавзӯи **«Фоидаи камхӯрӣ»** нақле нависед.

... Аммо аввал таҷрибати таом хӯрдан бидон, ки одати мардумони бозорӣ чунон аст, ки таом бештар ба шаб хӯранд ва он сахт зиён дорад, доим бо тухма бошанд.

Ва мардумони лашкарипешаро одат чунон аст, ки вақту новақт нанигаранд. Ҳар гоҳ ки ёбанд, бихӯранд. Ва ин одати сутурон аст, ки ҳар гоҳ ки алаф ёбанд, бихӯранд.

Ва мардумони мӯҳташам ва хос дар шабонарӯзӣ як бор беш таом нахӯранд. Ва ин тариқи хештандорӣ аст. Валекин тан заиф гардаду беқувват. Пас чунон бояд, ки мардуми мӯҳташам бомдод ба хилват андак моя тановуле кунад ва он гоҳ берун ояду ба кадхудоии хеш машғул шавад,

то намози пешин бикунад, он қадар низ, ки ротиб бошад, расида бошад.

Ва он касон, ки бо ту таом хӯранд, ҳозир фармой кардан, то бо ту таом хӯранд. Аммо таом ба шитоб махӯр. Оҳиста бош. Ба сари хон бо мардумон ҳадис ҳамекун, чунон ки дар шарти ислом аст. Валекин сар дар пеш афканда дор ва дар луқмаи мардумон манигар...

***Унсурулмаолии Кайковус***

**Луғат:**

**тухма** – сахтшавии меъда, фасодии ғизо дар меъда
**сутур** – чорпои саворӣ, маркаб
**ротиб** – ҳаққи муқаррарӣ; миқдори муайяни хӯрок
**тановул кардан** – хӯрдан, ошомидан
**ҳадис** – нақл, ривоят
**мӯҳташам** – боиқтидор, бузург

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳо иҷро кунед:**

1. **Новақт** чӣ тавр сохта шудааст?
2. Дар талаффузи калимаи **сахт** чӣ ҳодисаро эҳсос кардед?
3. Магар бо пайвандаки **ва** оғоз кардани ҷумла мумкин аст?
4. Решаи **ҳамекун**-ро аниқ созед.

**166.** Порчаи манзумро хонед ва маънидод кунед. Ба он чӣ ном гузоштан мумкин аст? Байтҳои дуюм ва чорумро ба наср баргардонед ва нависед.

... Адаб хоҳӣ, зи ҳад берун манеҳ пой,
Зи ҳар ҷониб, ки хоҳӣ, дар миён ой.
Адаб ороиши афъол бошад,
Адаб осоиши аҳвол бошад.
Фурӯғи зоҳир аз ороиши ӯст,
Фурӯғи ботин аз осоиши ӯст.
Адаб маҷмӯаи ҳусну ҷамол аст,
Баҳоре дар камоли эътидол аст.

Ҳама корат ба қадри хеш бояд,
Зи қадри худ на кам, не беш бояд.
Ба ин мизон агар худро бисанҷӣ,
Наранҷанд аз туву худ ҳам наранҷӣ.
Чу биниширӣ, чунон шояд, ки бояд,
Чу бархезӣ, чунон шояд ки бояд.
Чароғи дида шаб ҷое маяфрӯз,
Ки гардад тира, чун равшан шавад рӯз.
Сухан бо маҳрамон бояд чунон гуфт,
Ки бо ағёр дар маҷлис тавон гуфт.
Чаро сомеъ ниҳад бар нуктае гӯш,
Ки бояд кардаш аз хотир фаромӯш?
Манеҳ бар ҳарфи кас зинҳор ангушт,
Ки афтад чун қалам ангушт аз мушт.
Чаро ҷое қадам бояд ниҳодан,
Ки он ҷо бе маҳал бошад ситодан.
Адабро раҳбари кӯйи талаб кун,
Вагарна нафси саркашро адаб кун.
Адаб дар анҷуман шамъи мунир аст,
Далели покии мо-фи-з-замир аст.
Ҳарифе, к-аз адаб дилкаш намояд,
Аз ӯ тарки адаб ҳам хуш наёяд...

***Бадриддини Ҳилолӣ***

## Луғат:

**фурӯғ** – равшанӣ; фурӯғи зоҳир – зебу зинати шакли зоҳирӣ
**фароғ –** роҳат, осоиш
**эътидол –** дурустӣ, солимӣ
**сомеъ –** шунаванда
**ҳарф** – сухан, гап ба ҳарфи касе ангушт ниҳодан – нуктагирӣ
**мунир –** равшанидиҳанда
**мо-фи-з-замир –** он чӣ дар дил аст

**167.** Шеърро ифоданок хонед ва мазмуни онро тафсир кунед. Чӣ ном гузоштан мумкин? Гӯед, ки бештар феъли кадом замон истифода шудааст ва чаро.

Як насиҳат бишнав аз ман, к-андар он навбад ғараз,
Чун кунӣ ройи муҳимме, таҷрибат аз пеш кун.
Тоату фармони ҳақ бар шафқате бар халқ кун,
Об дар ҳалқи каримон аз карам чун нӯш рез.
Мӯй бар андоми хасм аз бим ҳамчун неш кун,
Гар такаббур мекунӣ, бо хоҷагони сифла кун.
В-ар тавозӯъ мекунӣ, бо мардуми дарвеш кун,
Маърифат аз лафзи дидорони комилақл ҷӯй.
Машварат бо ройи наздикони дурандеш кун,
Гар касе дарди диле гӯяд туро аз ҳоли хеш,
Гӯш бо дарди дили он оҷизи дилреш кун.

***Шамсиддин Муҳаммади Ҷувайнӣ***

## Луғат:

**таҷрибат –** озмоиш, озмун
**зоеъ-**табоҳ
**такаббур кардан –** худро бузург ҳисобидан
**хоҷагон –** давлатмандон
**ғараз –** кина, душманӣ
**дилреш –** озурдадил
**карам –** ҷавонмардӣ, бузургворӣ
**сифла –** паст, бадсиришт
**шиор – кардан –** пеша кардан
**шафқат –** меҳрубонӣ, дилсӯзӣ
**фосиқ –** табаҳкор
**маърифат-**шинохт
**нӯш** – ширинӣ, шаҳд
**неш** – заҳр

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Шавкат** аз **шафқат** чӣ фарқ дорад?
2. **Комилақл**-ро аз ҷиҳати сохт муайян кунед ва шарҳ диҳед.
3. Бо истифодаи **маърифат** ҷумла тартиб диҳед.
4. Байти охирро ба наср баргардонед ва гӯед, ки чӣ ҳодиса руй дод.

## ҲУҶҶАТҲОИ РАСМӢ

**168.** Матнро хонед ва маънидод кунед. Гӯед, ки кадом ҷиҳати он маъқул шуд. Тақлидан ба матн номаи пурмазмуне нависед.

### НОМАИ ПАДАР БА ФАРЗАНД

Фарзанди дилбандам! Номаҳои шумо ҳар вақт мухтасар ва бематлаб аст, рӯйи ҳам рафта мувофиқи майли ман нест. Мукотибаи байни ашхос, ки аз якдигар дуранд, бояд дар ҳукми гуфтушунидҳои шифоҳӣ бошад. Ба хусус он, ки олами ман бо шумо аз олами падару фарзандӣ гузашта, олами ишқу муҳаббат аст.Пас, ҳеҷ майл надорам, ки номаҳои шумо инчунин расмӣ бошад.

Ҳар вақт барои номанависӣ бо ман қалам бармедоред, чунин пиндоред, ки назди ман нишастаед ва бо якдигар сӯҳбат мекунем. Акнун ки номаи ман ба дасти шумо мерасад, қоғаз ва қалам бардошта ва аз вазъи таҳсилоти худ бинависед, аз гардишҳои худ огоҳам созед. Аз эҳсосоте, ки дар байни роҳ аз манзараҳои зебои табиат ҳосил кардед, шарҳ диҳед. Бинависед, китобҳое, ки дар ҳангоми таътил афкори худро ба он машғул медоред, аз чӣ ришта аст?

**Хоҳони муваффақияти ту, падар.**

**Ба саволҳо ҷавоб гуфта, супоришро иҷро кунед:**

1. Донистани тартиби номанависӣ чӣ аҳамият дорад?
2. Дар сарсатри аввал кадом камбудии нома зикр шудааст?
3. **Аз олами падару фарзандӣ гузаштан** чӣ маъно дорад?
4. Барои беҳтар шудани сифати мактуб чӣ тавсия пешниҳод шудааст?
5. **Якдигар**-ро талаффуз кунед ва шарҳ диҳед.

## НОМАИ МОДАР БА ФАРЗАНД

Фарзанди меҳрубон! Номаи меҳрангезат рӯзи панҷшанбе ба дасти мо расид ва хабари масарратбахши пирӯзии ту як бори дигар хонаи ғамзадаи моро ғарқи шодӣ ва сурур сохт. Эй кош, худат ҳузур доштӣ ва бо чашмҳоят медидӣ, ки хоҳари меҳрубонат чӣ гуна аз ғояти шодӣ ба рақс даромада ва пой мекӯбад ва даст меафшонад.

Фарзанди дилбандам, муваффақияти ту қалби маро оганда аз сурур сохт. Пас аз марги падари ҷавонмаргат ин нахустин рӯзе буд, ки тавонистам тамъи шодиро бичашам ва лабханде дар лабони афсурдаам зоҳир созам. Боре ман ва хоҳарат муваффақияти туро аз самими қалб табрик мегӯем.

**Пас нозанинам,** зинҳор аз ин муваффақият ба худ ғарра машав ва дил аз кӯшиш бармадор. Дуруст аст, ки пирӯзии ту бисёр дурахшон буда, лекин тоза аввали кор ва ҷиддияти туст. Агар бихоҳӣ ба хотири аввалин муваффақияти худ ин қадар сармаст ва аз худ бе худ шавӣ, аз ёрони дигар ақиб хоҳӣ монд. Бо тамоми инҳо бояд ба ту иттилоъ диҳам, ки ман ва хоҳарат ҳар як ба саҳми худ барои ту ҳадяи ҷолибе таҳия кардаем, ки, бидуни шак, мавриди қабулат хоҳад шуд. Ману хоҳарат ва ин ҳадоё ҳамагӣ дар хона мунтазири вуруди ту ҳастем.

**169.** Матнро хонед ва гӯед, ки мазмуни он кадом зарбулмасали халқиро ба ёд меорад? Шумо ҳам мактубе таълиф кунед, ки ба мазмуни он наздик бошад. Дар нома аз кадом навъи ҷумлаҳо бештар кор гирифта шудааст ва чаро?

## НОМА БА БАРОДАР

Бародари азизам, Салимҷон! Умедворам, ки солим ва тандуруст бошӣ ва тавре таҳсил кунӣ ва дарс бихонӣ, ки роҳбарони мӯҳтарами мактаб аз ту розӣ бошанд ва ахлоқу рафторат ҳам мавриди писанди ишон воқеъ гардад. Зеро ҳар қадар ки шахс таҳсил кунад, агар бадахлоқ ва бадкирдор бошад, мавриди эҳтиром воқеъ намешавад. Баръакс,

агар шахс ҳам таҳсил кунаду ҳам хушахлоқ бошад, дар миёни мардум мӯҳтарам ва ба некномӣ зиндагӣ хоҳад кард.

Барои дур мондан аз ахлоки зишт ва нописанд бояд аз ҳамнишинӣ аз ашхоси паст ва бадахлоқ парҳез кард, зеро ахлоқи зишти онҳо дар вуҷуди ишон падидор мешавад. Ҳамчунин дурӯғгӯ одамиро ба дурӯғгӯӣ водор мекунад ва ҳамсӯҳбати танбал инсонро ҳамранги худ месозад. Чунон ки гуфтаанд:

Писари Нӯҳ бо бадон биншаст,
Хонадони нубувваташ гум шуд.

### Луғат:

**нубувват –** пайғамбарӣ
**Нӯҳ** – пайғамбар алайҳиссалом

**170.** Хонед ва гӯед, ки аз номаи пешин чӣ фарқ дорад?

Чаро таъкид мешавад, ки саломатӣ беҳтарин неъмат аст? **Ҳар кӣ бояд табиби хеш бошад**-ро чӣ тавр мефаҳмед? Номае таълиф карда, хусусиятҳои онро риоя кунед.

## НОМА БА ДӮСТ

Дӯсти меҳрубон! Аз шунидани хабари бемориат беандоза нороҳат шудам ва аз Худой мехоҳам, ки то расидани ин нома касолат бартараф шуда бошад. Такроран бароят навиштам, ки андаке ба худат бирас. Рост аст, ки дар арсаи зиндагӣ кору кӯшиш шарти муваффақият аст. Аммо саломатӣ ва тандурустӣ беҳтарин неъмате аст, ки Худои меҳрубон ба бандагонаш ато фармудааст ва бар мо аст, ки қадри ин неъматро бидонем ва дар нигаҳдориаш бикӯшем. Кор ва кӯшиши зиёд боиси вуҷуди истироҳати кофӣ ва оромиши хотир аст ва ту он қадар ғарқи талош ва фаолиятӣ, ки истироҳатро бар худат ҳаром кардаӣ. Саъй кун, ки аз ин пас нигаҳбонию эҳтиёти худат бошӣ.

Ҷавонӣ ҳама дардҳоро ба занҷир мекашад. Аммо ҳамин ки по ба синни пирӣ қадам гузоштӣ, ин дардҳои бандкашида занҷирро пора мекунанд ва ба ҷони инсон меафтанд. Бинобар ин, як одами оқил комилан худро эҳтиёт мекунад

ва дар айёми ҷавонӣ ҳисоби рӯзҳои пириро аз хотир намебарорад. Умедворам, ки ин касолати кучак дарси ибрате барои ояндаат бошад. Ояндае, ки на ман ва на ту ҳеҷ кадом аз он хабар надорем.

Аз тарафи ман ба падару модар ва бародаронат салом бирасон. Интизори посухи номаамро дорам.

**Дӯсти ту**

**171.** Хонда маънидод кунед. Дар ин нома чӣ матлабҳо баён шудаанд? Барои муассир таълиф шудани нома кадом ифодаҳо нақши муҳимро бозидаанд? Шумо ҳам намунаи номаи ҷавобиро барои яке аз дӯстонатон нависед.

## ҶАВОБИ НОМАИ ДӮСТ

Дӯсти мушфиқ ва меҳрубонам! Номаат ҳангоме расид, ки пас аз як ҳафта беморӣ ва истироҳат аз хона барои ҳавохӯрӣ берун мерафтам. Ҳамаи он чизҳое, ки навишта будӣ, мавриди қабул ва таъйиди ман аст.

Табиби муолиҷам ҳаминро мегуфт. Ӯ изҳор дошт, ки ман аслан мариз надорам ва ин касолат дар асари кори зиёд ва фишори беш аз андоза аст, ки ба худам ворид овардаам. Дар ҳар ҳол инак беҳбудии мухтасаре ёфтаам. Дарди по ва дастам бакуллӣ рафъ шуда ва асабониятам кам шудааст. Бародарам ақида дорад, ки барои як моҳ ё лоақал понздаҳ рӯз ба Астана биёям ва аз дӯстону ошноён таҷдиди дидор кунам. Аммо дар ҳоли ҳозир ҳавсалаи ин корро надорам, то чӣ пеш ояд. Ин беҳолӣ ва сустӣ дар тамоми давраи зиндагии ман собиқа надошта, ҳамон чизе аст, ки маро ба ваҳшат андохтааст. Барои одаме мисли ман, ки шабу рӯз дар талошу фаолият будаам, бекорӣ воқеан балое аст. Инак, ҳама авқотам ба мутолиа мегузарад ва иқрор мекунам, ки чизҳои тозае фаро гирифтаам, махсусан матолибе, ки то кунун бароям номаълум монда буд.

Ростӣ, мутолиа чӣ қадар хуб аст ва ҳоло мефаҳмам, ки чӣ қадар хуб гуфтаанд, ки як китоб, бо вуҷуди он ки кучак ва ночиз бошад, ба қадри як китоб бар маълумоти инсон меафзояд.

Саломи гарми маро ба ҳамаи дӯстони азиз бирасон! Дар сурате ки тасмим ба омадан ба Астана гирифтам, ба ту иттилоъ медиҳам. Саодат ва хурсандии туро аз даргоҳи Худованд хоҳонам.

**Дӯсти ту**

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Ҳавохӯрӣ**-ро чӣ тавр мефаҳмед?
2. **Таҷдиди дидор** ва **таҷдиди назар** магар як чизанд? Бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.
3. **Ҳама авқотам**-ро маънидод кунед.
4. Чӣ бояд кард, ки номаҳо шавқовар гарданд?

**172.** Мактубро хонед ва мазмунашро мухтасар нависед. Ин номаҳо чӣ аҳамият доранд? Номаҳои нависандагон бо кадом хусусиятҳояшон аз номаҳои дигар фарқ мекунанд?

## РАФИҚИ ШАФИҚ, МӮҲТАРАМ ЛОҲУТӢ

Телеграмматон (барқия) дар вақташ расида буд ва пул ҳам расид, аммо бар хилофи насиҳате, ки ба Холида дода будам, дар ҷавоб дер мондам, мебахшед.

Рубоиҳое, ки ба Холида фиристодед, дар хонаи мо сабаби ҷашн гардид, бачагон даст ба даст гирифта хонда қариб буд, ки қоғазро дарронанд. Медонем, ки ин хел корҳо нисбат ба бачагон сабаби тарбияи хеле калон мешавад ва бачагонро ба тарафи адабиёти советӣ монанди як фашанг ҳаво медиҳад. Худам имрӯзҳо ба кори луғат машғулам. Ман ба Тоҷикгаз соли 35-ум як муоҳида баста будам, ки як луғати нимтафсилӣ тартиб диҳам. Медонед, ки дар дасти тоҷикони Осиёи Миёна ду-се луғат ҳаст, машҳуртарини онҳо «Ғиёс» ва «Бурҳони қотеъ» аст. Аммо ҷавонон, ҳатто арабидонҳои онҳо ҳам аз ин луғатҳо фоида бурда наметавонанд, зеро тартиб бисёр кӯҳна ва луғатҳо бо чизҳое, ки ҳаргиз даркор намешаванд, пуранд. Бинобар ин, барои кофта ёфтани як луғати матлуб варақҳоро гардонидан ва саҳифаҳоро хондан лозим меояд. Аммо ҷавононе, ки дар замони охир саводнок шудаанд ва арабиро намедонанд,

аз он луғатҳо ҳеҷ фоида бурда наметавонанд. Бинобар ин, хостам, ки ба асоси ҳамон луғатҳои кӯҳна як луғати тоҷикӣ ба тоҷикӣ бо усули замонӣ тартиб диҳам. Корро бо ин тартиб пеш гирифтам: аз луғатҳои кӯҳна ҳар чизеро, ки мурда буд ва ба забони мо даркор намешавад, партофтам, чизҳои даркориро гирифтам. Чизҳои даркорӣ ҳам ду қисманд: як қисми онҳо барои таҳрир ва мутоилаи адабиёти имрӯза ба кор меравand ва қисми дигарашон барои мутолиа ва фоида бурдан аз адабиёти классикӣ даркор мешаванд.

Медонед, ки ба ин сабаб хеле луғатҳои арабӣ ва форсии қадим, ки дар адабиёти классикӣ ҳастанд, гирифта мешаванд ва манбаи дигари ман халқ аст. Ҳар кадом бобро бо забони халқ, ки то ҳол дар ягон луғат дида нашудааст, аммо дар миёни мардум зинда ва дар гуфтушунид аст, пур мекунам.

Дар тафсили луғатҳои кӯҳна ҳам маънии кӯҳнаашро, ки дар адабиёти классикӣ ва дар забони имрӯза нест, партофтам ва он маъниҳояшро, ки имрӯз зинда аст, гирифта истодаам.

Агар ба тамом кардани ин кор комёб шавам, гумон мекунам, ки барои ҷавонон ва забони адабии имрӯзаи тоҷик хазинаи калон ба вуҷуд меояд. Табиист, ки таҷриба ва кори аввалӣ бо хеле нуқсонҳо омехта мешавад. Бо вуҷуди ин, як асосе, ки дар оянда такмил ва ислоҳ кардани он осон аст, гузошта мешавад.

Ман хаёл кардам, ки то тамом шудани ин кор ба кори дигаре даст назанам, то ки чизҳои пеш-пеш навиштаам аз ёд набаромада, нисбатан зудтар ва осонтар тамом шавад. Ин коре, ки ман ба танҳоӣ сар кардам, он корест, ки Бектош бо роҳбарии Нисор Муҳаммад бо як дастаи калони «забоншиносон» сар карда, ду сол «кор карданд» ва садҳо ҳазор сӯми давлат харҷ шуду дар натиҷа чизе ҳам нашуд.

Бачагонро аз тарафи ман бӯсед, ки онҳо ба бӯсидани ман роҳ надода буданд ва ба мӯҳтарам Бону саломи самимона.

Воқеан, аз ёд баровардаам, ки пурсам тарҷумаи достони ман чӣ шуда бошад?

Ба хабари саломатӣ чашм дар роҳам.

**Бо саломи самимона Айнӣ**

**Луғат:**

**Бектош –** Нарзулло Ҳайдарзода Бектош (1900-1937) яке аз адабиётшиносони тоҷик.
**муоҳида –** қарордод, аҳднома
**Нисор Муҳаммад** (1898-1837) – яке аз ходимони барҷастаи маданияту маорифи ҷумҳурӣ, ду бор вазири маориф таъйин шудааст.

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. Матнро ба қисмҳо ҷудо кунед.
2. Аз ин мактуб кадом ҷиҳатҳои калимаҳоро муайян сохтед?
3. **Чизҳои мурдаи луғатҳои пешин**-ро шарҳ диҳед?
4. Кадом ифодаҳо ва сарсатрҳо бароятон писанд омаданд?
5. Ин нома ба Шумо писанд омад? Андешаи Шумо.

**173.** Мактубро хонед ва ба мазмуни он таваҷҷӯҳ кунед. Дар он баъзе калимаҳо таҳлили этимологӣ шудаанд. Имлои калимаҳои ишорашударо дар хотир нигоҳ доред. Оё нақле дар ин мавзӯъ навишта метавонед? Худро санҷед.

## ФОЗИЛИ МӮҲТАРАМ, РАФИҚ ЛОҲУТӢ

Аввало, рухсат диҳед, ки ба муносибати бо хуш қабул карданатон бародарзодаатонро ва ёрмандӣ карданатон ба ӯ шахсан аз тарафи худ ва аз тарафи хоҳаратон арзи ташаккур намоем, дувум, ба мӯҳтарам Бону саломи худ ва саломи шогирдонро мерасонам. Севум, Агия, Далер ва бародаронашро мебӯсам ва аз ҷониби ман бӯсиданатонро аз Шумо илтимос менамоям.

Аз рӯйи гуфтаи Камол, дар байни Шумо ва баъзе эрониён дар болои калимаи **«ҷангара»** мубоҳиса рӯй додааст. Онҳо гӯё ба Шумо эътироз мекардаанд, ки калимаи мазкур сирф калимаи тоҷикист, ба забони форсӣ – Эрон ҳеҷ алоқа надорад.

Фақир ин гуна эътирози он касонро шунида тааҷҷуб кардам. Ҳарчанд дар «Шоҳнома» ва дар дигар ашъори

шоирон ва устодони форсизабон диданам ин калимаро дар ёдам нест, аммо бо далелҳои раднопазир исбот карда метавонад, ки ин калима моли холиси умумии форсизабонон аст.

Далели ман ба тарзи зерин аст: ҷойи инкор нест, ки калимаи **ҷанг,** ки решаи калимаи мазкур аст, аз рӯзи бaромадани форсии ҷадид то имрӯз ҳам дар Эрон ва ҳам дар Тӯрон кор фармуда шуда омадааст. Инчунин **ҷанговар,** ки исми сифатии мусбати ин калима аст, инчунин **ҷанггоҳ,** ки исми макон аст ва инчунин **ҷангҷӯӣ,** ки исми сифатии манфии ин калима аст, умумианд.

Акнун мо калимаи **ҷангара**-ро таҳлил карда мебинем: ҷангара монанди **коргар** исми сифатии умумии ин калима аст, ки тамоман ба қоидаи забони форсӣ мувофиқ аст ва ҳар касеро (ки) ҷанг мекунад, **ҷангара** гуфтан мумкин аст.

Қоидаи дигаре дар забони форсӣ ҳаст, ки мувофиқи он ҳар гоҳ исм ё сифати умумиро ба як чиз ё ба ягон гурӯҳ махсус кардан хоҳанд, дар охири он калима часпаки **«а»** ё **«ак»**-ро мечаспонанд. Чунончи, девор, ки маънии маълум дорад, вақте ки вайро бо иҳотаи даруни чоҳ ё ба давродаври кӯҳ махсус кардан хостанд, **девора** гуфтанд, ки мо ҳеҷ гаҳ аз ин калима маънии девори маълумро намефаҳмем, ё ин ки калимаи **оташгир** ба ҳар чизе, ҳар касе, ки қобилияти оташро гирифтан дошта, содиқ меояд. Вақте ки хостанд ин калимаро ба олати оҳанини маълуми оташбардор махсус кунанд, ба иловаи **ак оташгирак** гуфтанд. Инчунин калимаи **тар** ба ҳар чизе, ки тарӣ, обият дошта бошад, рост меояд. Вақте ки мардум хостанд ин калимаро ба сабзавоти махсус хос кунанд, **тара** гуфтанд.

Монанди ин калимаи **ҷангара, ҷангар,** ки маънии умумии **ҷангкунанда** дошта, хостанд ба касе, ки бебоис ё бо сабабҳои сохта бо одамон ҷанг мекунад ва ҳамеша барои ҷанг сабабҳо омода менамояд, хос гардонанд, ба охири ин калима часпаки– **а** илова намуда **ҷангара – ҷанг – гара** гуфтанд.

Мувофиқи қоидаи дигари забони форсӣ, ки ҳар гоҳ дар калимаҳои мураккаб ду ҳарф аз як ҷинс ё ду ҳарфи қарибалмахраҷ дар як ҷо ояд, яке аз онҳоро ҳазф мекунанд,

чунончи **сафедор** ба маънои дарахти маълум, ки дар асл **сафеддор** буд, ё ин ки **ягона,** ки дар асл **як-гона** буд (яке аз ҳарфҳои «г»-ро ҳазф карда, «ҷангара» гуфтанд ва аз ин калима маънии ҷангкунандаи манфӣ – бадро ифода намуданд), тоҷикон ин калимаро, чунон ки ба одами ҷангҷӯй ба маънои манфиаш кор мефармуданд, инчунин ба хурӯс, ба тагал (кӯч) ва монанди ин гуна парандагон ва ҳайвонот ҳам, ки зиёда ҷангдӯст бошанд, кор мефармоянд. Дар ҳар ҳол, ин гуна калимаро, ки ҳеҷ набошад, ҳамаи муштақоташ дар адабиёт ва гуфтугузори ҳамаи форсизабонон кор фармуда мешавад ва сохташ тамоман мувофиқи қоидаи забони форсист, аз оилаи забони форсӣ бароварда партофтан – дониста ё надониста забони худро танг кардан аст.

Ман дар тааҷҷуб мондам, ки Шумо то ҳол китобчаи «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ навиштаи маро надидаед. Ман дар охири ин китобча як қисми луғатҳоеро, ки баъзе эрониён махсуси тоҷикӣ медонанд, аз «Шоҳнома» ёфта дарҷ кардам, ки аз назар гузаронидanатон бефоида нест. Ба ин муносибат аз ҳамин китобча як нусха ва инчунин аз «Муқаннаъ» ва «Темурмалик» ном китобчаҳое, ки дар айёми Ҷанги Бузурги Ватанӣ чоп шуда буданд, якнусхагӣ бо бандерол ба хидмат фиристодам. Умед аст, ки қабул фармоед....»

... Дар охири мактуб боз як бори дигар ба Шумо ва ба Бону изҳори ташаккур намуда, хушбахтии бачагонро хоҳиш мекунам.

***Бо салом ва эҳтиром Айнӣ***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Матнро ба қисмҳо ҷудо кунед.
2. Калимаҳой **муштарак** гуфта кадом калимаҳоро меноманд?
3. **Ҷанговар** ва **ҷангӯй**-ро аз ҷиҳати сохт муайян кунед ва бо истифода аз онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.
4. Дар баробари калимаи **тар** боз кадом **тар**-ро медонед?

## НАҚЛ

**174.** Ҳикояро хонед. Мазмуни онро муфассал нақл кунед. Гӯед, ки барои нақли муфассал чӣ бояд кард. Калимаҳои ишорашударо шарҳ диҳед.

Шабе дуди халқ оташе барфурӯхт,
Шунидам, ки Бағдод ниме бисӯхт.
Яке шукр гуфт андар он хоку дуд,
Ки **дуккони** моро газанде набуд.
Ҷаҳондидае гуфт: «Эй булҳавас,
Туро худ ғами хештан буду бас,
Писандӣ, ки шаҳре бисӯзад ба нор,
Агарчи сароят бувад бар канор?»
Ба ҷуз сангдил кӣ кунад меъда танг,
Чу бинад касон бар шикам баста санг?
Тавонгар худ он луқма чун мехӯрад,
Чу бинад, ки дарвеш хун мехӯрад.
Магӯ, **тандуруст** аст ранҷурдор,
Ки мепечад аз ғусса **ранҷувор.**
**Сабукпаӣ** чу ёрон ба манзил расанд,
**Нахусбанд,** ки вомондагон аз пасанд.
Дили подшоҳон шавад боркаш,
Чу бинанд дар гил хари хоркаш.
Агар дар сарои саодат кас аст,
Зи гуфтори Саъдиш ҳарфе бас аст.
Ҳаминат басанд аст, агар бишнавӣ,
Ки гар хор корӣ, суман надравӣ.

***Саъдии Шерозӣ***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. Ҳикоя асосан ба кадом мавзӯъ бахшида шудааст?
2. Чӣ гуна одамро **сангдил** мегуянд. Ин калимаро аз ҷиҳати сохт таҳлил кунед.
3. Мисраи охир кадом мақолро ба хотир меорад?
4. Дар нақл бештар кадом калимаҳоро истифода бурдед?
5. **Дарписандӣ «ӣ»** чӣ вазифаро адо кардааст?

**175.** Ҳикояро хонед. Нақшаи онро тартиб дода, мазмунашро муфассал нависед. Барои муфассал навиштани нақл чӣ бояд кард?

Овардаанд, ки вақте Маликшоҳ Алп-Арслон ба шикор рафта буд, ба деҳе аз деҳаҳои Нишопур расид ва аз лашкар ҷудо монд ва гуруснагӣ бар вай ғолиб шуд. Мардеро дид, ки кишт об медод, ӯро гуфт: «Эй рустоӣ, ҳеҷ нон дорӣ, ки ба ман диҳӣ». Гуфт: «Эй амир, дорам, на аз барои ту, аз барои худ». Султон гуфт: «Тофа магӯй ва аз он ду-се ба ман деҳ!»

Рустоӣ гуфт: «Тофа (беҳуда) мегӯйӣ, ки бе ҳеҷ ҳаққе нон бидеҳ».

Султон донист, ки боде ба танӯр дарнахоҳад гирифт. Корд аз миён боз кард ва гуфт: «Инро бигир ва чанд нон бидеҳ».

Рустоӣ гуфт: «Ба дӯкони хаббозӣ (нонпазӣ) бар, ки нон ба ту диҳад ва ту ӯро боз тавонӣ ёфт, аммо чун ман аз сари ин кишт биравам, ту маро аз куҷо ёбӣ?»

Султон гуфт: «Ин кордро ба ту мебахшам».

Гуфт: «Беҳ аз он набошад, ки маро набахшӣ ва даст аз ман бидорӣ».

Султон хост, ки биравад. Рустоӣ бидавид ва инони султон бигирифт ва рикоби ӯ бибӯсид ва гуфт: «маъзур медор, ки ман бо ту тибат (шӯхию мазоҳ) мекардам».

Ӯро фуруд овард ва бидавид ва сӯроҳии шароб ва моҳазаре (таоми мавҷуда), ки буд, биёвард ва барраи ширмастро бисмил кард ва оташ афрӯхт ва аз он кабоб мекард ва ҳикоятҳои мазоҳак мегуфт ва султон механдид. Ногоҳ лашкари султон бирасид, рустоӣ донист, ки султон аст, сар фуруд овард ва ба кори худ машғул шуд.

Чун султон таом бихӯрд, рустоиро гуфт: «Бояд, ки ба даргоҳ ойӣ, то ҳакки туро бигузорам».

Рустоӣ гуфт: «Мо дар аҳди султон осудаем ва ин қадар хидматро нашояд, ки мукофот талабем ва моро одат нарафтааст, ки аз меҳмон музди зиёфат ситонем».

Султонро сухани ӯ бағоят хуш омад ва баъд аз он султон интизор кард, рустоӣ ба хидмати ӯ наёмад. Ҷамоатеро бар

вай гумошт, то аз ӯ пурсиданд, ки дар ҳеҷ вақт султонро меҳмонӣ кардаӣ? Ӯ бо ҳеҷ кас нагуфт.

Султонро аз ҳиммати он мард аҷаб омад. Бифармуд, то он деҳро бихариданд ва бар авлоди ӯ вақф (мутлақи ато) карданд ва ба воситаи хушмизбонӣ аз фақр ба комронӣ бирасид.

*Муҳаммад Авфӣ*

**Ба савол ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Боде ба танӯр нахоҳад гирифт**-ро шарҳ диҳед.
2. **Бисмил кардан** чӣ маъно дорад?
3. Муродифҳои **султон**-ро ёбед ва гӯед, ки кадоме тоҷикию кадоме арабист.

**176.** Ҳикояро аввал хонед ва баъд мазмуни онро мухтасар нависед. Барои навиштани нақли мухтасар чӣ бояд кард? Ба аломатҳои китобат диққат диҳед.

Овардаанд, ки дар Табрез хоҷаи бозаргонеро писаре буд дар камоли ҳусну малоҳат ва дар ниҳояти латофат ва сабоҳат, вай бемор шуд. Ҳарчанд ки ӯро муолиҷа намуданд, беҳ намегардид, то ба ҳадде ки умедворӣ мунқатеъ шуда. Ҷамъе падари вайро гуфтанд, ки дар вилояти Бухоро табибест Абӯалӣ ном, илоҷи писараш вай метавонад намуд. Он бозаргон писари худро гирифта, пеши Абӯалӣ овард.

Абӯалӣ чун набзи ӯро гирифт, донист, ки ӯ ошиқ аст, аммо агар изҳори он намояд, он писар маҳҷуб мешавад ва мумкин нест, ки изҳори он кунад ва мақсуд фавт мешавад.

Абӯалӣ гуфт: – Эй хоҷа, марди ҷаҳонгаштае меорӣ, ки вай сухангӯй ва ширинтакаллум бошад, то ман аз ӯ ҳикоят пурсам ва гуфтугӯӣ кунам, то писари ту шифо ёбад.

Ин хоҷаро мусоҳибе буд, ки тамоми рубъи маскун сайр карда буд, бо худ ҳамроҳ дошт, ҳозир сохт.

Абӯалӣ даст бар набзи писар ниҳод ва аз он пири ҷаҳонгашта таърифи шаҳрҳоро мепурсид, то ба таърифи шаҳри Табриз расид, набзи он писар мутаҳаррик

шуд. Абӯалӣ донист, ки матлуби вай дар Табриз аст. Аз маҳаллот ва мавозеи он шаҳр пурсидан гирифт. Чун маҳаллаи Шаккарфурӯшонро бар забон бурд, набзи вай бисёр музтариб гардид, маълум шуд, ки мақсуди вай дар он маҳалла аст.

Аз кадхудоён ва мутаваттинони он маҳалла пурсид, чун номи фалон хоҷаро бар забон гузаронид, набзи вай суръат бунёд кард, аз аҳли хонааш пурсид, яке духтареро ном бурд, набзи вай ба мартабае изтироб намуд, ки наздик буд, ки қолаб тиҳӣ кунад.

Абӯалӣ ҷазм шуд, ки манзури вай ҳамон духтар аст. Ба хоҷаи бозаргон гуфт: ки «Бархезу Табриз рав ва фалон духтар, ки мазкур шуд, аз барои ин писар хостгорӣ кунӣ, ки илоҷи ӯ ҳамин аст.» Он низ аз мухтареоти Абӯалӣ аст.

***Зайниддин Восифӣ***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Истифодаи чӣ матнро хонданбоб гардонидааст?
2. **Набз** аз **назм** чӣ фарқ дорад?
3. **Сухангӯй** ва **ширинтакаллум**-ро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.
4. **Мутаҳаррик шудан** ба чӣ маъно омадааст?
5. **Кадхудоён** ва **хостгорӣ**-ро талаффуз кунед ва имлои онҳоро дар ёд нигоҳ доред.

**177.** Ҳикояро бихонед ва гӯед, ки мақсад ва матлаб дар кадом ҷумлаҳо ифода ёфтаанд. Оё метавон сарсатри охирро мақсади асосӣ ҳисобид? Чаро дар ҳикоя кушоду равшан дар ин бора сухан намеравад? Чунин баёни ҳодиса ва ё воқеаро чӣ меномиданд?

Шанзаба гуфт:

Вақте Бози шикорие бо Мурғи хонагӣ мубоҳиса карда мегуфт:

– Ту мурғи бағоят бевафо ва бадаҳд ҳастӣ, ҳол он ки унвони саҳифаи ахлоқи писандида вафо аст.

Мурғи хонагӣ ҷавоб дод:

– Аз ман чӣ бевафоӣ дидаӣ ва кадом бадаҳдӣ мушоҳида кардаӣ?

Боз гуфт:

– Аломати бевафоии ту он аст, ки ҳама одамон дар бораи ту чандин меҳрубонӣ мекунанд ва бе заҳмату такаллуф обу донаат медиҳанд, шабу рӯз аз ҳоли ту хабардор шуда посбонӣ мекунанд, аммо ҳар гоҳ ки туро доштанӣ шаванд, аз пешу паси онҳо гурехта бом ба бом мепарӣ ва гӯша ба гӯша медавӣ.

Ҳаққи намаке намешиносӣ
В-аз мунъими хеш меҳаросӣ.

Ман ба он ки ҷонвари вахшӣ ҳастам, агарчи ду-се рӯзе бо одамон улфат гирам ва аз дасти онҳо тӯъмае хӯрам, ҳаққи онро нигоҳ дошта, сайд мекунам ва сайдро ба онҳо оварда медиҳам. Ҳарчанд дуртар рафта бошам, баробари овозе, ки шунавам парвозкунон боз меоям.

Мурғи дастомӯзро чандон ки кас дур афканад,
Бо нишоти бол ояд боз чун гӯяд: биё.

Мокиён ҷавоб дод:

– Рост мегӯйӣ, боз омадани ту ва гурехтани ман он аст, ки ту ҳаргиз бозеро бар сари сихи кабоб надидаӣ ва ман бисёр мурғи хонагиро бар тоба бирён дидаам. Агар ту низ онро медидӣ, ҳаргиз гирди онҳо намегаштӣ, агар ман боз бом ба бом гурезам, ту кӯҳ ба кӯҳ мегурехтӣ.

* * *

Ва ин масал барои он овардам, ки то бидонӣ, ки он ҷамоат, ки сӯҳбати подшоҳонро талабгоранд, аз сиёсати онҳо хабар надоранд. Он касе, ки осори сиёсати онҳоро дидааст, на аз қарор сабре дорад ва на аз ором асаре.

***Ҳусайн Воизи Кошифӣ***

**178.** Матнро хонед ва нақл кунед. Гӯед, ки моҳияти асосии он чист ва дар кадом ҷумлаҳо ифода ёфтаанд? Хулосаатонро мухтасар нависед.

Аз устод Рӯдакӣ иҷмолан мухтасар ёдовар шудан нашояд. Ӯ одамушшуарост. Ва ин гуна унвон дар саросари олам ва дар ҳама айём танҳо якеро – устод Рӯдакиро насиб гашта. Ман аз устод Рӯдакӣ ифтихормандам. Хиради Хоҷа Насриддин, ки ман дар маърифатмандӣ нигини Шарқаш медонам, маншаъ аз ҳикмати устод Рӯдакӣ дорад.

Воқеан, нахустин чизе, ки ман ба русӣ баргардон кардаам, қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и одамушшуарост. Ва менозам, ки чунин рафтор кардаам.

Аз ин қасида ман бардоштҳое фаровон дорам. Нахустин бор маҳз аз он дарёфтам, ки адабиёт бо молиёт пайванде қавӣ дорад. Таъминоти моддӣ мусоидат ба рушди эҷоди шоир кард. Шоир дар пирӣ бо ҳасрат ёд аз айёме мекунад, ки аз молиёт бениёз буду аз ҳама ташвишҳои зиндагӣ озод.

Ман дар бисёр навиштаҳои хеш нидо дардодаам, ки бигзор сарватмандон ҳеҷ гоҳ эҳтиёҷмандонро фаромӯш накунанд. Бисёр сулолаҳои бузург аз он завол ёфтанд, ки дороён парвои нодорон накарданд, қасрҳо ба кулбаҳо назар наафканданд, бонги нишот сармастона наҳвои ҳузнангезро пахш кард...

Аз таҷзияи ҳаводиси таърих ҳар фарди хушзеҳн метавонад бардоште чунин дошта бошад: сарвандманди воқеӣ, ки имрӯзу фардо номвару соҳибэҳтиром хоҳад монд, на онест, ки ба масал, клуби овозадори «Челси»-ро харида бошад, балки онест, ки баҳри ятимон сарпаноҳе сохтаву эҳтиёҷмандонро сарпараст гашта бошад.

***Темур Зулфиқоров***

**179.** Порчаи манзумро хонед ва аз рӯйи он нақле нависед. Дар нақлатон калимаҳои мураккаби матнро истифода баред ва дар поёни нақл онҳоро ба ҷузъҳо чудо карда нишон диҳед.

...Сипаҳро макун пешрав ҷуз касе,
Ки дар ҷангҳо буда бошад басе.

Ба хурдон мафармой кори дурушт,
Ки сандон нашояд шикастан ба мушт.
Раиятнавозию сарлашкарӣ
На корест бозичаву сарсарӣ.
Нахоҳӣ, ки зоеъ шавад рӯзгор,
Ба нокордида мафармой кор!
Натобад саги сайд рӯй аз паланг,
Зи рӯбаҳ рамад шери нодида ҷанг.
Чу парварда бошад писар дар шикор,
Натарсад, чу пеш оядаш корзор.
Ба гӯштию нахчиру омочу гӯй,
Диловар шавад марди пархошҷӯй.
Ба гармоба парвардаву айшу ноз,
Биранҷад, чу бинад дари ҷанг боз.
Ду мардаш нишонанд бар пушти зин,
Бувад, к-аш занад кӯдаке бар замин.

***Саъдии Шерозӣ***

**Луғат:**

**сипаҳ** – лашкар
**сандон –** яке аз олоти оҳангарон ва заргарон, ки бар он оҳан мекӯбанд.
**нахчир –** ҳайвони шикорӣ мисли оҳу
**омоч –** киноя аз гӯйбозӣ
**гӯй –** киноя аз гӯйбозӣ
**пархошҷӯй –** ҷанговар, ҷангҷӯй
**корзор-**ҷанг

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Кори дурушт**-ро чӣ тавр мефаҳмед?
2. **Нокордида** чӣ навъ сохта шудааст? Шакли дигараш кадом аст?
3. Феъли мисраи дувуми байти аввалро муайян карда, замонашро гӯед.
4. **Зи рӯбаҳ рамад шери нодида ҷанг**-ро шаҳр диҳед.

**180.** Ҳикояро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Ҳикмати матн дар кадом сарсатр баён шудааст? Муайян кунед ва нависед.

Дар аҳди Маликшоҳ ва баъзе аз аҳди Санҷар файласуфе буд ба Ҳирот ва ӯро Адиб Исмоил гуфтандӣ. Марде сахт бузург ва фозилу комил, аммо асбоби ӯ ва маоши ӯ аз дахли (даромади) табибӣ будӣ. Ва ӯро аз ин ҷинс муолиҷоти нодира бисёр аст. Магар вақте ба бозори кушторон бармегузашт, қассобе гӯсфандеро салх (пӯст) мекард ва гоҳ-гоҳ даст дар шиками гӯсфанд кардӣ ва пиҳи (чарбӯи) гарм берун кардию ҳамехӯрдӣ.

Хоҷа Исмоил чун он ҳолат бидид, дар баробари ӯ баққолеро гуфт, ки «агар вақте ки қассоб бимирад, пеш аз он ки ӯро ба гӯр кунанд, маро хабар кун». Баққол гуфт: «Сипосдорам».

Чун ин ҳадисро моҳе панҷ-шаш баромад, яке рӯз бомдоде хабар афтод, ки дӯш фалон қассоб бимурд, ба муфоҷо (ногаҳон) бе ҳеҷ иллату беморӣ, ки кашид.

Ва ин баққол ба таъзият шуд. Халке дид ҷома дарида ва ҷамоате дар ҳасрати ӯ ҳамесӯхтанд, ки ҷавон буду фарзандони хурд дошт. Пас он баққолро сухани Хоҷа Исмоил ёд омад. Бидавиду вайро хабар кард.

Хоҷа Исмоил гуфт: «Дер мурд». Пас асо баргирифту бад-он сарой шуд ва чодар аз рӯйи мурда бардошту набзи ӯ дар даст бигирифту якеро фармуд, то асо бар пушти пойи ӯ ҳамезад. Пас аз соате вайро гуфт: «Басанда аст». Пас илоҷи сакта оғоз карду рӯзи севум бархост. Ва агар чи мафлуҷ (фалаҷ) шуд, солҳо бизист.

Пас аз он мардумон аҷаб доштанд ва он бузург аз пеш дида буд, ки ӯро сакта хоҳад буд.

*аз «Чаҳор мақола»*

**Ба саволҳо посух диҳед:**

1. **Гуфтандӣ**-ро таҳлил карда гӯед, ки **«ӣ»** ба ҷойи кадом пешванд омадааст?
2. Дӯш дар матн чӣ маъноро ифода кардааст?

3. **Чун ин ҳадисро моҳе панҷ-шаш баромад**-ро шаҳр диҳед, боз чӣ тавр онро ифода кардан мумкин?
4. **Аҷаб доштанд,** яъне чӣ?

**181.** Шеърро хонед, мазмуни онро нақл кунед. Ба шеър чӣ номро лоиқ медонед ва чаро? Ба андешаи шоир розиед ё не? Назари худро баён созед.

Як замоне буд, ёрон, марди пир,
Пири барҷомондаи хору ҳақир.
Пирамарди муфлиси баргаштабахт,
Аз қазо рӯзе бишуд бемори сахт.
Ҷеғ зад фарзанди худ Аброрро,
Назди ӯ бикшод ин асрорро:
– Гуфтаамро бишнав, эй ҷони падар,
Монда буд аз бобият як кӯза зар.
Кӯзаи тиллои худро як замон,
Зери токи боғ бинмудам ниҳон.
Нест акнун дар хаёлам ҷойи он,
То диҳам он кӯзаро бар ту нишон.
Чун расад фасли баҳорон тезтар,
Гирди боғат гир девор, эй писар!
Бехи ҳар як токи боғат зинҳор,
Ков, шояд кӯза гардад ошкор.
Гуфтаам орӣ ба ҷо беқилу қол,
Мешавӣ дар зиндагӣ осудаҳол.
Субҳу шом Аброр андар боғ буд,
Ҷустуҷӯй кӯзаи зар менамуд.
Соли аввал сохт девори баланд,
Боғро бинмуд побелу каланд.
Кофта як-як буни ҳар токро,
Кард ӯ нарму мулоим хокро.
Гарчи ӯ дид токҳоро як ба як,
Лек аз он кӯза набуд ҳаргиз дарак.
Гуфт ӯ: «Соли дигар ояд агар,
Боз ҷӯям кӯзаро бори дигар.»
Сол рафту омад айёми баҳор,
Гашт Аброр аз пайи иҷрои кор.
Боз соле чанд кард ӯ ҳамчунон,

Ҳеҷ аз он кӯза набуд ному нишон...
Лек шуд он боғ хеле пурсамар,
Меҳнат ӯро дод шодии дигар.
Он кӯҳанбоғе, ки нообод буд,
Нав шуду ҳосил ба ҳосил барфузуд.
Ҳар сари ангурат акнун дар назар
Менамуд афзалтар аз дурру гуҳар.
Чун зи меҳнат ёфт Аброр ин самар,
Гашт он гаҳ воқиф аз панди падар.

***Собир Зикирзода***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Мулк дар натиҷаи чӣ обод мегардад?
2. Боиси хушрӯзию сарбаландии шахс дар чист?
3. Субҳу **шом**-ро бо як калима ифода кунед.
4. **Беқилу қол ба ҷо овардани гуфта**-ро шарҳ диҳед.
5. Дар мавзӯи **«Меҳнат боиси сарбаландии инсон аст»** иншо нависед.

**182.** Ҳикояро хонед ва нақл кунед. Ҳангоми нақл аз таҷрибаи худ иловаҳо дохил намоед. Хулосаи онро бо як ҷумла нависед ва шарҳ диҳед.

Марди ибарӣ гуфт:

– Овардаанд, ки козуре бар каноран рӯде ба кори худ машғул шуд. Ҳар рӯз Куланге медид, ки бар канори рӯд нишаста, ҳайвоне, ки дар миёнаи лой бошад, мегирифт ва ба он қаноат намуда, ба ошёнаи худ бозмерафт. Рӯзе ногоҳ Бошаи тезпар пайдо шуд ва кабки фарбеҳ сайд карда, порае хӯрд ва боқиро бизгузошту бирафт. Куланг бо худ андеша кард, ки: «Ин ҷонвар бо чунин ҷуссаи хурд ҷонварони бузургро сайд мекунад ва ман бо чунин ҳайкали бузург ба чизи ҳақире қаноат менамоям. Баъд аз ин ба чунин чизҳои ҳақир сар фуруд наёварам ва каманди қасд танҳо ба кунгураи сипеҳри баланд биафганам». Пас тарки шикори кирмон кард ва мунтазири сайди Кабӯтару Кабк истод. Козур аз дур тамошои ҳоли Боша ва Кабк карда

буд. Чун ғайрати Куланг ва тарки шуғли худ гирифтани ӯро дид, дар ҳайрат монд ва мунтазири оқибати кор шуд. Иттифоқо, кабӯтаре дар он фазо падид омад. Куланг парид, қасди Кабӯтар кард. Кабӯтар майл ба канори об намуда, аз пеши вай даргузашт. Куланг аз ақиби ӯ фуруд омада, бар лаби рӯд бияфтод ва пояш дар лой бимонд. Ҳарчанд ҷаҳд мекард, бар пару болаш лой бештар ғӯта мехӯрд ва пару болаш ба гил олудатар мешул. Козур биёмад ва ӯро бигирифту рӯй ба хона ниҳод. Дар роҳ дӯсте пеш омад ва пурсид, ки ин чист Козур гуфт:

– Ин Кулангест, ки мехост кори Боша кунад, аммо худро низ ба бод дод.

*Ҳусайн Вонзи Кошифӣ*

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Бозмерафт** чаро якҷоя навишта шудааст? Шарҳ диҳед.
2. Чаро номи паррандаҳо бо ҳарфи калон навишта шудаанд?
3. **Падид омад**-ро маънидод карда, муродифи онро ёбед ва ҷумлае тартиб диҳед.
4. **Мехост кори Боша кунад** чӣ маъно дорад?

## САНЪАТҲОИ БАДЕӢ

**183.** Матнро хонед ва мазмуни онро накл кунед?
Боз кадом сифатҳои одоби сухан гуфтанро медонед?

Бидон, ки шарафи одамӣ ба нутқ аст ва, ҳар кӣ дар нутқ адаб риоят накунад, аз ин шараф бебаҳра бошад. Барои он ки нутқ ба савоб (сухан рост) бояд ва илло, хомӯшӣ беҳ аз он бувад. Чунон ки шайх Саъдӣ фармуда:

Баҳоим хамӯшанду гӯё башар,
Забон баста беҳтар, ки гӯё ба шар.

Ва дар сухан гуфтан чандин адаб аст, ки шайху ғолибро риоят бояд кард ва чандин адаби дигар аст, ки нозилон (шахси то мартабаи шайх расида)-ро нигоҳ бояд дошт.

Агар пурсанд, ки адаби ғолибон дар сухан гуфтан чанд аст, бигӯй шаш. Аввал, он ки сухан фарохӯри (муносиби) ҳоли ҳар кас гӯяд:

Бо ёри нав аз ғами кухан бояд гуфт,
Бо ӯ ба забони ӯ сухан бояд гуфт.

Дуюм, он ки ба лутф сухан гӯяд, на ба унф (дуруштӣ). Сеюм, он ки дар вақти сухан гуфтан хандон ва шукуфта бошад, на турушрӯю гирифта. Чаҳорум, чандон сухан ба мустамеи (шунавандаи) он гӯяд, ки ба малоли хотири эшон наанҷомад. Панҷум, сухане гӯяд, ки манфиати дунё дар он бошад. Шашум, то сухане тамом ба иёр (қадр) набошад, бар забон наронад, ки сухани бузургон ба масобаи (монанди) тухм аст ва агар тухм фосиду бемағз бошад, дар ҳар замин ки афтад, нарӯяд ва аз ӯ манфиате ба ҳосил нарасад.

Агар пурсанд, ки одоби нозилон дар сухан чанд аст, бигӯй ҳашт. Аввал, он ки то аз вай сухан напурсанд, нагӯяд. Дуюм, дар вақти сухан гуфтан овоз баланд накунад. Сеюм, ба чапу рост нанигарад. Чаҳорум, ғаразомез ва киноят нагӯяд. Панҷум, дар рӯйи шунаванда наҷаҳад ва сухани сахт нагӯяд. Шашум, ки фикр накунад, сухан нагӯяд, то пушаймон нашавад. Ҳафтум, дар миёни сухани мардум сухан дарнаёрад ва сухани гӯяндаро мунқатеъ (бурида) нагардонад. Ҳаштум, бисёр нагӯяд, ки бисёр гуфтан нишонаи андакақлӣ аст, чунончи шайхи Ганҷанишин дар «Лайливу Маҷнун» фармояд:

Кам гӯю гузида гӯй чун дур,
То з-андаки ту ҷаҳон шавад пур.
Лоф аз сухани чу дур тавон зад,
Он хишт, бувад, ки пур тавон зад.
Об арчи басе зулол хезад,
Аз хӯрдани пур малол хезад...

***Ҳусайн Воизи Кошифӣ***

**184.** Ғазалро ифоданок хонед ва ҳар як байти онро маънидод кунед. Таносуби каломро ёфта шарҳ диҳед.

Хуш он маҷлис, ки чун рухсорат аз май лолагун бинам,
Туро пеши назар биншонаму пеши ту биншинам.
Сухан чун бар забон ронӣ, забони ман зи кор афтад,
Забон чун бар лаб орӣ, бар лаб ояд ҷони ширинам.
Кашидӣ ханҷару гуфтӣ, ки: «Хоҳам куштанат рӯзе»,
Маро ин ваъда ҳоҷат нест, ман худ куштаи инам.
Қадам чун ранҷа фармудӣ, биё, осуда шав бо ман,
Ба чашми худ зи пойи нозукат озор барчинам.
Маро, эй тифли бадхӯ, аз дари мактаб марон дигар,
Ки ҷон бар лаб расида, гӯш бар овози оминам.
Хароб афтодаам бар бистари марг аз шаби ҳиҷрон,
Агар хоҳӣ, ки бархезам, биё, биншин ба болинам.
Маро гуфтӣ: «Ҳилолӣ кист, саргардон ба кӯйи мо?»
Гадои мустамандам в-аз дуогӯёни мискин кам.

***Бадриддини Ҳилолӣ***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Забон зи кор афтодан** чӣ маъно дорад?
2. Муродифҳои **қадам ранҷа кардан**-ро гӯед.
3. **Бархезам**-ро таҳлили морфологӣ кунед.
4. Дар ифодаи **маро гуфт** пасоянди**-ро** чӣ вазифаро анҷом додааст?

**185.** Шеърро хонед ва маънидод кунед. Таносуб ва мувофиқати байни калимаҳои байтҳоро шарҳ диҳед.

Ҳасрат аз минқори хунолуди булбул мечакад,
Покдомонӣ чу шабнам аз рухи гул мечакад.
Обу ранги гулистони ҳусн афзун мешавад,
Ҳар қадар хун беш аз теғи тағофул мечакад.
Гар насиби хор мегардад, гуноҳи қисмат аст,
Ашку шабнам дар ҳавои домани гул мечакад.
Нисбати он турфаи шодоб бар сунбул хатост,
Об кай дар печу тоб аз зулфи сунбул мечакад?

Ҳасрати саршор собит мекунад сайёраро,
Чун арақ аз рӯйи соқӣ бо тааммул мечакад.

***Ҳасрат***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. **Шабнам**-ро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.
2. **Покдомонӣ** чӣ тавр сохта шудааст ва кадом ҳиссаи нутқ мебошад?
3. **Саршор** чӣ маънӣ дорад?

**186.** Матнро хонед ва гӯед, ки сухан дар бораи кӣ меравад ва аз забони кӣ нақл карда мешавад? Ба ифодаҳои равшан чопшуда таваҷҷӯҳ кунед ва онҳоро шарҳ диҳед. Бо истифода аз баъзеи онҳо ҷумлаҳо гӯед.

**Димоғи ҳамаи рафиқон** аз ин меҳмони нохондаи дилбеҷокунанда **сӯхта буд** ва аз ҳама зиёдтар **димоғи ман сӯхта буд.** Чунки ман бо меҳнати тамом як оши бисёр нағз пухта, дар натиҷа аз хӯрдани он тамоман маҳрум монда ва сахт гурусна ҳам будам, дигарон бошанд, дар пухтанаш ширкат надоштанд ва бо болои ин, кам-кам ҳам бошад, аз он хӯрда нафси худро қадре оромонида буданд.

Бойбача, ки ҳамаи ин фалокат ба сабаби ошноии ӯ бо Қорӣ-Ишкамба рӯй дода буд, зимнан аз худаш ранҷидани маро пай бурда, оҳиста аз давра бархоста пеши ошхонадор рафт. Ошхонадор ҳанӯз он ошеро, ки ман барои ӯ «ҳаққи чашм» гӯён гузошта будам, кашида нагирифта будааст. Бойбача ба ивази он ба ошхонадор пул дода, вайро ба табақчае кашида гирифта, оварда пеши ман ниҳод.

Аммо ба сабаби он ҳама корҳои дилбеҷокунанда, **иштиҳои ман кӯр шуда буд** ва дилам чизе наметалабид. Бо вуҷуди ин, барои хотири дӯстон ду-се луқма хӯрдам ва бо ҳамин ба сабаби ранҷиши хотирамро тақдир карда, қадршиноси намудани он дӯстам асабҳоям ором гирифтанд ва бо чеҳраи кушода аз он дӯстам пурсидам:

– Ин ғалламусро аз куҷо ёфта алоқа бастӣ?

– Сабаби алоқаи ин одам ба ман дуру дароз аст. Дар ягон вақти дигар нақл мекунам.

– Ман маънии «набераааш» ва «абераааш»-ро нафаҳмидам. Ин калимаҳоро як бори дигар ҳам аз ин одам шунида будам. Ҳеҷ набошад, маънии ҳамин суханони сарбастаро ба ман кушода деҳ! Дар он вақт ҳам туро мебахшам, ҳам ӯро.

– Ин одам, судхӯр аст, – гуфт бойбача, – **фоидаи пул (рибо)-ро «бачаи пул»** меномад, **фоидаи фоидаи пулро «набераааш»** ва фоидаи фоидаи фоидаи пулро «абераааш» мегӯяд.

Бойбача ин суханони худро ба тарзи зерин эзоҳ кард:

– Масалан, ӯ ба касе бо фоида пул ба қарз медиҳад ва аз вай фоидаи пулро мувофиқи шарташон бо пули нақд меситонад ва онро бачаи пул меномад; дар муддати қарздории он қарздор, ба хонааш рафта ошу нонашро мехӯрад ва инро набераш мегӯяд, ки, ба ақидаи ӯ ин, фоидаи фоидаи пул мебошад; баъзан аз қарздор ба болои таоми муқаррарии ҳаррӯза боз ягон чизи дигар – масалан, харбуза, ангур ё ин ки ҳалво меситонад ва инро абераааш, яъне фоидаи фоидаи фоидаи пул мешуморад.

***Садриддин Айнӣ***

**Ба саволҳо ҷавоб, дода супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Ошхонадор** аз ҷиҳати сохт чӣ гуна калима аст?
2. **Ғалламус** чӣ маъно дорад? Шарҳ диҳед.
3. Чаро дар матн якчанд калима дар нохунак гирифта шудаанд?
4. Нутқи айнан нақлшуда дар гуфтугӯ чӣ тавр аст? Онро маънидод кунед.

**187.** Байтҳоро хонед ва маънидод кунед. Гӯед, ки дар ин байтҳо ифодаҳои ишорашуда магар ба як маъно омадаанд. Ба ҳамин монанд ҷумлаҳо нависед ва таҳлил кунед.

а) **Эй нури чашми ман,** сухане ҳаст, гӯш кун,
То соғарат пур аст, бинӯшону нӯш кун!
б) Деҳқони солхӯрда чӣ хуш гуфт бо писар,
К-эй, **нури чашми ман,** ба ҷуз аз кишта надравӣ.

***Ҳофизи Шерозӣ***

**188.** Порчаҳоро нависед ва шарҳ диҳед.

I. Вақте ки гап дар бораи маънои ишқии шеърҳо мерафт, пешониашро турш карда, ба абрувонаш чин оварда: «Ҳоло ба ту барои фаҳмидани ин гуна чизҳо вақт нарасидааст, калонтар шавӣ, фаҳмида меравӣ», – мегуфт.

С. ***Айнӣ***

II. Модарам **нӯги калобаи чигилшудаи** аҳволи падарамро ёфта буд. Аммо тафсилот мехост. Бинобар ин, гапковӣ карда пурсида буд.

***С. Айнӣ***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. **Пешониашро турш карда** магар ба қисмҳо ҷудо мешавад?
2. **Нӯги калобаро гум кардан** чӣ маъно дорад?
3. Дар ин ҷумлаҳо кадом ифодаҳо ба маънои маҷозӣ омадаанд? Онҳоро муайян карда, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**189.** Хонда, ташбеҳҳои дар он истифодашударо ёбед ва шарҳ диҳед.

Хезу пайи поси ҳоли худ гир,
Ранги шафақат бар оли худ гир.
З-он пеш, ки оварам сипоҳе –
Чун даври замона кинахоҳе.
Не баҳру чу баҳр ҳайбатангез,
Мавҷаш ҳама тиру ханҷари тез.
З-он мавҷ шаванд пой то фарқ,
Аъёни қабилаат ба хун ғарқ...

***Абдурраҳмони Ҷомӣ***

**190.** Хонда шарҳ диҳед. Ташбеҳ ва ташхисҳои онро муайян созед.

Рӯят – дарёи ҳусну лаълат – марҷон,
Зулфат– анбар, садаф – даҳон, дурр – дандон.
Абрӯ – киштию чини пешонӣ – мавҷ,
Гирдоби бало – ғабғабу чашмат – тӯфон.

***Рӯдакӣ***

Гул гуфт, ки: Ман Юсуфи Мисри чаманам,
Ёқути гаронмояи пурзар даҳанам.
Гуфтам: Чу ту Юсуфӣ, нишоне бинмой!
Гуфто, ки: Ба хун ғарқнигар пираҳанам.

***Хайём***

**191.** Порчаро хонда, дар аввал маънидод кунед ва сипас муболиғаи онро ёфта шарҳ диҳед.

Чун ду рухи ӯ гар қамар астӣ ба фалак бар,
Хуршед як зарра зи нури қамар астӣ.
Чун ду лаби ӯ гар шакар астӣ ба ҷаҳон дар,
Сад бадраи зар қиммати як ман шакар астӣ.

***Унсурӣ***

**Ба савол ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Ман** дар мисраи охир бар кадом вазифа омадааст?
2. **Хуршед**-ро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.
3. Бо истифодаи калимаи **бадра** ҷумлае созед.

**192.** Байтҳоро хонда, муайян созед, ки онҳоро чӣ ҷозиб гардонидааст? Кадоме аз ин байтҳо мазмуни зарбулмасалҳоро доранд?

Бар ҳар дили инсон суханат балки писанд аст,
Чун кӯҳи Бадахшон сарам аз шавқ баланд аст.

***Турсунзода***

Зи анбӯҳи мардум дар он анҷуман
Набуд лек як ҷойи сӯзан задан.

***Айнӣ***

Равад гар зи кашки ҷуворӣ анҷуман
Шавад об дандон ба деги даҳан.

***Сайидо***

Зи суми сутурон дар он паҳндашт
Замин шаш шуду осмон гашт ҳашт.

***Фирдавсӣ***

**193.** Матнро хонед. Тавсифҳои онро ёбед ва шарҳ диҳед. Дар мавзӯи дилхоҳатон иншо нависед ва аз тавсифҳо истифода баред.

Ширин монанди гул нозуку дилрабо будааст, чеҳраи ҳамчу хуршеди ҷаҳонтоб дурахшон, чашмони шаҳлои сеҳрангез, зулфони ҷингилаи сиёҳи мушкин, каду қомати зебо доштааст. Ширин бо падару модари солхӯрдаи худ дар қалъаи бошукӯҳи мустаҳкаме истиқомат мекардааст, ки дар нишебии кӯҳ воқеъ шуда, деворҳояш баланди сангин ва дарвозааш аз пӯлод будааст.

Ширин ҳар пагоҳ аз қалъа баромада, манзараи зебои канори дарё, деҳаи сабзу хуррам, боғҳои сермеваи атрофҳои онро ба камоли шавқ тамошо мекардааст. Ӯро, махсусан, дарёи шӯхобе, ки аз байни кӯҳҳои дурдаст сар зада, обҳои бисёр чашмаҳои зулолро ба худ гирифта, ба киштзорҳои водии зархези Ҳисор мешитобад, шоду мафтун менамудааст.

***аз «Афсонаҳо»***

**Ба саволҳо посух диҳед:**

1. Дар матн бештар кадом шакли сиғаи феълӣ истифода шудааст? Чаро?
2. Чаро дар **доштааст** бандаки хабарии **аст** алоҳида наёмадааст?

3. Дар ҷумлаи аввал кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?

**194.** Шеърро ифоданок хонед ва баъд навишта, сифатҳои онро маънидод намоед. Пасванди**-ак** ба шеър чӣ тобише эҳдо кардааст?

Дар ҷаҳон аз нозукон албатта бояд ёраке,
Нозукак, хубак, латифак, дилбарак, дилдораке.
Шоҳидак, шаккак, малеҳак, чобукак, симинтанак,
Турфакак, шӯхак, ҳузурак, саркашак, айёраке.
Орифак, риндак, надимак, дилрабояк, мушфиқак,
Оқилак, соҳибвафояк, зиракак, ғамхораке.
Соқияк, шаккарлабак, пистадаҳонак, дилкашак,
Анбаринҳолак, хушак, мушкинхатак, таррораке.

***Ҳозиқ***

**195.** Матнро хонед, сифатҳои онро навишта, чӣ тавр сохта шудани онҳоро шарҳ диҳед. Иншое нависед ва дар он сифатҳои шахси бароятон ошноро баён созед.

Мулло Вафо аз шеърҳои шоирони гузашта бештарин шеърҳои ошиқонро хонда, аз мавзӯъ ва мазмуни он шеърҳо барои худ ва дар хаёли худ як дилбари зебоҷамоли вафодори дилоромро ёри оянда ва маъшуқаи хаёлии худ қарор дода монда буд.

Назар ба тасаввур ва тасвири Мулло Вафо, маъшуқаиояндаи ӯ расоқомат, сафедбадан, борномиён, ғунчадаҳон, ранги рӯяш гандумгуни ба сафед моил, чашмонаш сиёҳи обдори пуришваву ноз, мижгонҳояш дарози нӯгхамида, абрӯвонаш сиёҳи тӯсии нӯгтез, гӯшҳояш лолаи нав шукуфта барин тару тоза, баёзи горданаш дарози сафеди дилрабо, мӯҳои сиёҳмушкинаш то хамгашти зонуҳояш дароз буд ва ҳоказо.

Мулло Вафо ҳар вақт ӯро дар хаёли худ хушомад мегуфт ва навозиш мекард ва ӯ бо чашмони дурахшони нимпӯшшуда, бо рӯйи аз ҳаё сурхчагардида, бо табассуми ширини дилнавоз ба ӯ ҷавоб медод. Ҳар гоҳ вай дасти маъшуқаро гирифта, аз нӯги панҷа то соидҳояш мебӯсид,

маъшуқаи дилором дасти дигарашро ба гардани вай партофта пеш мекашид ва ҳоказо.

***Садриддин Айнӣ***

**196.** Рубоиҳоро хонда, маънояшонро нақл кунед ва пас аз он нависед. Ифодаҳои ишорашуда, аз ҳам чӣ фарқ доранд?

Он қаср, ки бар чарх ҳамезад паҳлӯ,
Бар даргаҳи ӯ шаҳон ниҳодандӣ рӯ.
Мурғе дидам нишаста бар бораи ӯ,
Фарёд баровард, ки **ку-ку, ку-ку.**

***Умари Хайём***

Як бор нагуфтамат, ки **себ ор** ба ман,
Аз боғи латофат ду себ ор ба ман,
**Се бор** бигуфтамат, наёвардӣ себ,
Эй ваъда хилофкарда се бор ба ман.

**197.** Ғазалро хонед ва гӯед, ки аз мутолиаи он чӣ натиҷа бардоштед? Ҳар байтро алоҳида-алоҳида маънидод кунед. Таҷнисҳоро ёбед ва аниқ созед, ки онҳо дар баёни матлаб чӣ нақшеро адо кардаанд.

Ёр гуфт: «Аз ғайри мо пӯшон назар»! Гуфтам: «Ба чашм».
«В-он гаҳе дуздида бар мо менигар»! Гуфтам: «Ба чашм».
Гуфт: «Агар ёбӣ нишони пои мо бар хоки роҳ,
Барфишон он ҷо ба доманҳо гуҳар»! Гуфтам: «Ба чашм».
Гуфт: «Агар сар дар биёбони ғамам хоҳӣ ниҳод,
Ташнагонро муждае аз мо бибар»! Гуфтам: «Ба чашм»
Гуфт: «Агар гардад лабат хушк аз дами сӯзони оҳ,
Боз месозаш чу шамъ аз гиря тар»! Гуфтам: «Ба чашм»,
Гуфт: «Агар бар остонам об хоҳӣ зад ба ашк,
Ҳам ба мижгонат бирӯб он хоки дар»! Гуфтам: «Ба чашм»,
Гуфт: «Агар гардӣ шабе аз рӯи чун моҳам ҷудо,
То саҳаргоҳон ситора мешумар»! Гуфтам: «Ба чашм».
Гуфт: «Агар дорӣ хаёли дурри васли мо, Камол,
Қаъри ин дарё бипаймо сар ба сар»! Гуфтам: «Ба чашм».

***Камоли Хуҷандӣ***

**198.** Порчаи шеърйро хонед ва гӯед, ки кадом санъат онро ифоданокӣ бахшидааст? Дар он аломатҳои китобат чӣ нақш доранд?

Нахустин бор гуфташ, к – «Аз куҷой»?
Бигуфт: «Аз дори мулки ошной»,
Бигуфто: «Он ҷо ба санъат дар чӣ кӯшанд»?
Бигуфт: «Андӯҳхаранду ҷон фурӯшанд».
Бигуфто: «Ҷонфурӯшӣ дар адаб нест»,
Бигуфт: «Аз ишқбозон ин аҷаб нест».
Бигуфт: «Аз дил шудӣ ошиқ бад-он сон»?
Бигуфт: «Аз дил ту мегӯӣ, ман аз ҷон».
Бигуфто: «Ишқи Ширин бар ту чун аст»?
Бигуфт: «Аз ҷони ширинам фузун аст».
Бигуфто: «Ҳар шабаш бинӣ чу маҳтоб»?
Бигуфт: «Оре, чу хоб ояд, куҷо хоб»?
Бигуфто: «Дил зи меҳраш кай кунӣ пок»?
Бигуфт: «Он гаҳ, ки бошам хуфта дар хок...».

***Низомии Ганҷавӣ***

**199.** Порчаи манзумро ифоданок хонед ва аниқ созед, ки дар он кадом санъат истифода шудааст? Аз ҷиҳати баён аз машқи боло чӣ фарқ дорад?

Ёр темори дили хастаи мо кард? – Накард,
Гузаре ҷониби арбоби вафо кард? – Накард.
Чашмаш аз лутф сӯйи ғамзадагон дид? – Надид,
Дилаш аз меҳр ба мо майли сафо кард? – Накард.
Соате мӯниси ғамхонаи мо буд? – Набуд,
Тарки ҳамсӯҳбатии аҳли дуо кард? – Накард.
Бар муроди дили аҳбоб даме рафт? – Нарафт,
Дарди ушшоқи ҷигархор даво кард? – Накард.

***Возеҳ***

**200.** Ҳикояро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Кӯшиш кунед, ки ифодаҳои матлуби матнро дар нутқ истифода баред. Ифодаҳои зерашон хаткашида чӣ хусусиятро дороанд?

Молдореро шунидам, ки ба бухл чунон маъруф буд, ки Ҳотами Той дар карам. Зоҳири ҳолаш **ба неъмати дунё ороста** ва ҳиссати нафси ҷибиллӣ дар вай ҳамчунон мутамаккин то ба ҷое, ки **ноне ба ҷоне аз даст надодӣ** ва гурбаи Абӯҳурайрараро **ба луқмае нанавохтӣ ва саги асҳобулқаҳфро устухоне наяндохтӣ.** Филҷумла, хонаи ӯро кас надидӣ **даркушода** ва суфраи ӯро **саркушода.**

Дарвеш ба ҷуз бӯйи таомаш нашунидӣ,
Мурғ аз паси нон хӯрдани ӯ дона начидӣ.

Шунидам, ки ба дарёи Мағриб андар роҳи Миср баргирифта буд ва хаёли фиръавнӣ дар сар. Боде мухолифи киштӣ баромад.

Бо табъи малӯлат чӣ кунад дил, ки насозад,
Шурта ҳама вақте набувад лоиқи киштӣ.

Дасти дуо баровард ва фарёди бефоида хондан гирифт.

Дасти тазаррӯъ чӣ суд бандаи мӯҳтоҷро,
Вақти дуо бар худой, вақти карам дар бағал.

***Саъдии Шерозӣ***

**Луғат:**

**бухл –** бахилӣ, хасисӣ
**шурта –** боди мувофиқ, боди ба рафтани киштӣ мувофиқ
**ҷибиллӣ –** табиат, сиришт, асл
**мутамаккин –** ҷой гирифта, макон гирифта
**тазаррӯъ –** зорӣ, илтиҷо

**201.** Матнро нависед ва ифодаҳои зерашон хат кашидашударо шарҳ диҳед. Хусусиятҳои ин санъатро маънидод намоед.

Искандари Румӣ дар овони ҷаҳонгирӣ бо ҳиллае тамом ҳисорере бикушод ва ба вайрон кардани он фармон дод. Гуфтанд: **«Дар он ҷо ҳакимест доно ва бар ҳалли мушкилоти ҳикмат тавоно».**

Вайро талаб дошт. Чун биёмад, шакле дид аз қабули табъ дур ва табъи аҳли қабул аз вай нуфур. Гуфт: **«Ин чӣ сурати ғариб ва шакли муҳиб аст?»** Ҳаким аз он сухан барошуфт ва хандон-хандон дар он ошуфтагӣ гуфт:

**ҚИТЪА:**

Таъна бар ман мазан ба сурати зишт,
Эй, тиҳӣ аз фазилату инсоф!
Тан бувад чун ғилофу ҷон шамшер,
Кор шамшер мекунад, на ғилоф!

***Абдурраҳмони Ҷомӣ***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед:**

1. **Ҳисореро бикушод** чӣ маъно дорад?
2. **Ҳаким** аз **ҳикмат** чӣ фарқ дорад?
3. **Сурату сират** магар як чиз аст? Ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**202.** Матнро хонед. Мазмуни онро нақл карда аниқ созед, ки ба кадом услуб марбут аст? Илова бар саҷъ боз чиҳо матнро бисёр дилчаспу шево гардонидаанд? Бо нияти қудрати хешро санҷидан доир ба фасли соле матн тартиб диҳед ва аз санъати саҷъ истифода баред. Барои дуруст истифода бурдан чӣ бояд кард?

Айёми тобистон, офтоби ҷаҳонтоб бар болои сар рост баромада, кӯҳу биёбонро баробар равшан ва гарм намуда буд, лекин ҳарчанд нимрӯзии тобистон бошад ҳам, ҳавои кӯҳсор монанди айёми баҳор миёна ва форам буд, кабкҳои дарӣ гоҳо бар теға ва гоҳо дар камар сайругашт менамуданд; мурғони хушилҳон бар шохаҳои дарахтони кӯҳӣ нишаста нағмасароӣ ва ғазалхонӣ мекарданд; ҷӯйчаҳои оби соф, ки аз фарози кӯҳ ба нишеб, аз санге ба санге ҷастухез карда мефуромаданд, аз шилдир-шилдири оҳангдори худ бо мурғони нағматироз ҳамовозӣ мекарданд; гӯсфандон дар хоби ноз; бузғолагон дар таку тоз; чӯпонбаччагон дар

давидан; оҳубаррагон дар рамидан; хулоса, ҳар кас, ҳар чиз ва ҳамаи табиат дар олами худ хурсанд ва шодмон буд.

***Садриддин Айнӣ***

**203.** Матнро нависед ва ифодаҳоеро, ки бо ҳам ҳамқофия шудаанд, ёфта шарҳ диҳед. Магар танҳо исму сифат дар санъати саҷъ истифода мешаванд?

Он ду шахс маро ба хонае даровcovered, ки қазноқе дошт. Ва маро дар он ҷо андохтанд ва маҳбус сохтанд ва дарро ба рӯйи мо қулф карданд. Ман гиряву нола мекардам ва Ғиёсиддин Муҳаммадро ба Худо ҳавола менамудам ва мегуфтам, ки «Эй золими сангдил ва эй бераҳми меҳргусил! Ин чӣ кор буд, ки кардӣ? Ва ин чӣ амал буд, ки пеш овардӣ? Маро аз ватан ҷудо сохтӣ ва дар муҳликаю вартаи бало андохтӣ!». Ин навъ ҳикоя мегуфтам ва зор–зор мегиристам.

***Зайниддин Восифӣ***

**204.** Матнро аввал ифоданок хонед ва баъд нависед. Дар таъсирбахш шудани матн ифодаҳои ишорашуда чӣ нақше доранд?

Дар ҳақиқат ҳам ҳусну ҷамоли Гулнор **таъсирбахшо** буд: чашми сиёҳи **оташбор,** мижгони дарози **ҷоншикор** ва абрӯи каҷи **дунболадори** ӯ дили ҳар бинандаро аз ҷо мебурд; мӯйи дарози **тобдораш,** ки то ҳамгашти **зонуҳояш** мерасид, барои ҳаваскорон каманди печоне буд; зулфи парешонашро дар гирди рухсори тобонаш бо он зебоӣ тасвир кардан аз дасти ҳеҷ наққоши нодиракор намеомад; қади **навраста,** рӯйи **ҳуҷиста,** зулфи **шикаста,** абрӯи **пайваста** – ҳама ба якдигар муносиб, ҳама ба якдигар шинам, ҳама ба якдигар зебанда афтида буданд. Донаҳои ашки алмосгун, ки аз чашмони **дурахшонаш** ба рӯйи **рахшонаш** мечакиданд, намуди шабнами саҳариро ба рӯйи гулбарги сурхи таре ҷилва медоданд.

***Садриддин Айнӣ***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Навраста, шикаста, пайваста** кадом ҳиссаи нутқанд ва чӣ тавр сохта шудаанд?
2. Ҷуфти муродифии ҷумлаи аввалро ёбед ва шарҳ диҳед.
3. Ҳини талаффузи калимаҳои **дунболадор** ва **тобдор** чӣ ҳодисаи фонетикиро пай бурдед?
4. **Гиря** аз **нола** чӣ фарқ дорад? Чаро дар матн ҳар ду истифода шудаанд?
5. **Сангдил**-ро аз ҷиҳати сохт муайян кунед.
6. Кадоме аз ифодаҳо чун феъл ба ҳисоб гирифта мешавад: **сохтанд** ё **маҳбус сохтанд?**

## ТАЪБИР ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

**205.** Ҳикояро хонед ва моҳияти онро ба шакли хулоса нависед. Гӯед, ки ифодаҳои зерашон хат кашидашуда чӣ маъно доранд ва онҳоро муфассал шарҳ диҳед.

Дарвешро шунидам, ки дар **оташи фоқа** месӯхту ҳирқа бар ҳирқа ҳамедӯхт ва таскини хотири мискинро ҳамегуфт:

Ба нони хушк қаноат кунему ҷомаи далқ,
Ки бори меҳнати худ беҳ, ки бори миннати халқ.

Касе гуфташ: «Чӣ нишинӣ, ки фалон дар ин шаҳр табъе қарим дораду караме амим. **Миён ба хидмати озодагон баста ва ба дари дилҳо нишаста.** Агар бар сурати ҳоли ту, чунон ки ҳаст, мутталеъ гардад, поси хотири азизон миннат дорад». Гуфт: «Хомӯш, ки дар пастӣ мурдан беҳ, ки ҳоҷат пеши касе бурдан».

Ҳам руқъа дӯхтан беҳу илзоми ганҷи сабр,
К-аз баҳри ҷома руқъа бари хоҷагон набишт.
Ҳаққо, ки бо уқубати дӯзах баробар аст,
Рафтан ба поймардии ҳамсоя дар биҳишт!

***Саъдии Шерозӣ***

**Луғат:**

**фоқа–** фақирӣ, камбағалӣ
**мутталеъ –** хабардор
**хирқа –** дарбеҳ, порагӣ,
**илзом –** лозим донистан, қабул кардан
**карим –** сахӣ, босаховат
**руқъа –** мактубча, ариза
**амим –** умумӣ, ба ҳама шомилшаванда; фаровон
**поймардӣ –** ёрмандӣ

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Ифодаҳои саҷъшуда кадомҳоанд? Шарҳ диҳед.
2. Чиҳо сабаб шудаанд, ки ҷумлаи аввал хеле гӯшнавоз бароянд?
3. Калимаи **руқъа**-ро истифода бурда, ҷумлаҳо тартиб диҳед, ки ба маъниҳои гуногун омада бошад.
4. **Ба хидмат миён бастан** ва **дар оташ сӯхтан**-ро дар нутқ истифода баред.
5. Ҳикояро аз ёд кунед.

**206.** Матнро хонед ва шарҳ диҳед. Таъбирҳои онро ёфта аниқ созед, ки ба мазмуни умумии матн чӣ робита доранд. Дар хусуси ҳодисаҳои бароятон ошно нақл нависед ва аз таъбирҳо истифода баред.

...Бозор хост, ки рафта ҷӯй ва ҷарҳои роҳи омадаашро кофтуков кунад, шояд нишони гумшудаи худро дарёбад, рафиқонаш боздоштанд:

– Ҳеҷ гоҳ гӯсфанд ба ихтиёри худ аз рама ҷудо шуда намемонад. Дар ин миён гург ҳам набуд, маълум аст, ки инҳоро гургони дупо рабудаанд, – гуфтанд.

Бозор бетоқатӣ мекард: гоҳ аз рафиқони худ дуртар ба канорае рафта бар сари худ хок мебехт, гоҳо ба канори Дарғам нишаста, дар ғами ин воқеа аз чашмони худ хун мерехт.

– Чора нест, ба қазо ризо додан даркор аст. Худро тасалли медод:

– Бародарам мурд, ҷуфти гов ва заминаш аз даст рафт, аз ватанам ҷудо шудам, ниҳоят аз ҳамдами умриам Меҳрмоҳ, ки ба ҳамаи мусибатҳои ман ҳамроҳӣ мекард, ҷудо шудам. Ҳар кадоми ин кулфатҳоро, ки аз тасаввураш дили одам меларзад, пас аз ба сарам афтодан бардоштам. Ба гум шудани ду гӯсфанд ва талаф шудани музди хизмати яксолаам, ки дар пеши он фалокатҳои аз сарам гузашта ҳеҷ аст, чаро бардошт накунам, агар зинда бошам, соли дигар қусури онҳоро мебарорам.

Бозор бо ин гуна муҳокимаҳои хирадмандона ором гирифт ва дасту рӯйи худро бо оби сарди Дарғам шуста, ба пеши рафиқони худ бозомад.

***Садриддин Айнӣ***

**207.** Ғазалро ифоданок хонед ва онро байт ба байт маънидод кунед. Кадом таъбирҳо дар ғазал истифода шудаанд? Онҳо ба ғазал чӣ муассирияте ато кардаанд?

Омад он сангдилу сад рахна дар ҷон карду рафт,
Мулки ҷонро аз силоҳи ғамза вайрон карду рафт.
Он, ки дар зулфи парешонаш дили мо ҷамъ буд,
Ҷамъи моро ҳамчу зулфи худ парешон карду рафт.
Қолиби фарсудаи мо хок будӣ, кошкӣ,
Бар замин, к-он шаҳсавори шӯх ҷавлон карду рафт.
Гар дил аз дастам ба ғорат бурд, чандон бок нест,
Ғорати дил саҳл бошад, ғорати ҷон карду рафт.
Рафтию дил бурдию ҷони ман аз ғам сӯхтӣ,
Бозгард охир, ки чандин зулм натвон карду рафт.
Дил ба сӯям рафту дар ҳиҷрон маро танҳо гузошт,
Кор бар ман мушкилу бар хеш осон карду рафт.
Дар дами рафтан Ҳилолӣ ҷон ба дасти дӯст дод,
Ним ҷоне дошт, он ҳам сарфи ҷонон карду рафт.

***Бадриддини Ҳилолӣ***

**Ба савол ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Муродифи таъбирҳои дар ғазал бударо ёбед ва бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

2. **Сангдил**-ро аз ҷиҳати сохт маънидод кунед.
3. Дар ғазал аз санъатҳои бадеӣ кадом бештар истифода шудааст?

**208.** Матнро хонед ва гӯед, ки моҳияти он аз чӣ иборат аст? Ҷумлаҳои таъбирдорро нависед. Таъбирҳоро шарҳ диҳед ва бо истифода аз онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Чингизиён баъди аз об гузаштан тайёрии ҳарбӣ дида, ба тарафи шаҳри Хуҷанд ҳаракат карданд. Дар роҳ деҳаҳо ва ҷоҳои аҳолинишин ҳама холӣ буданд. Як қисми аҳолии он ҷоҳо ба шаҳр кӯчида ва қисми дигарашон ба кӯҳистон гурехта буданд. Аммо боғу бӯстонҳо бо токҳои ангур ва дарахтони меводор ва киштзорҳо бо ҳосилоти бисёрашон барқарор монда буданд. Муғулони ваҳшӣ ҳамаи ободӣ ва осори маданиятро, ки дар пеши роҳашон мебаромаданд, сӯхта ва вайрон карда пеш мерафтанд.

Вақте ки муғулон ба Қистакӯз расиданд, хабари аз об гузаштани онҳо ҳам ба шаҳри Хуҷанд расид. Аҳолии шаҳр, ки чанд вақт боз ҳуҷуми чингизиёнро дар назар доштанд, ба сабаби ба шаҳр омадани онҳо ҳеҷ саросема нашуда, «меҳмонони нохонда»-ро аз болои девори қалъа бо тирҳои паррони камон ва сангҳои манҷаниқ ва чархҳои сангпаррон пешвоз гирифтанд.

***Садриддин Айнӣ***

**209.** Порчаи шеърро хонед ва нависед. Ба кадом мавзӯъ бахшида шуданашро шарҳ диҳед. Таъбирҳоро ёфта, ҳар яки онро маънидод кунед.

... Ишқи гулу нолаи булбул асар
Ҳеҷ надоранд ба ин раҳгузар.
Омаду бар гардани ҳинду нишаст,
Ҳар чи ки мехост, гирифт ӯ ба даст.
Пӯсти рӯбоҳу палангон гирифт,
Ҳосили бечораи деҳқон гирифт.
Пахтаю абрешиму гандум гирифт,
Нони даҳони ҳама мардум гирифт.

Ширaи ин бойзаминро кашид,
Хуни дили халқи гадоро макид.
Ҳукми вай имрӯз агарчи равост,
Пояи ин ҳукм вале бебақост!

***Мирзо Турсунзода***

**210.** Таъбирҳои зеринро истифода бурда ҷумлаҳо тартиб диҳед ва ё порчаҳоеро, ки дар онҳо таъбирҳои мазкур истифода шудаанд, ба хотир оварда нависед ва аҳамияташонро маънидод кунед.

Дил об кардан, ба сар тохтан, даҳон кушода мондан, мисли гӯшту нохун будан, ҷигаркабоб шудан, хуни дил хӯрдан, курта-курта гӯшт гирифтан.

**211.** Матнро хонед ва таъбирҳои онро ёфта, ба матн чӣ муносибат доштанашро маънидод кунед. Матне тартиб диҳед, ки ин таъбир дар он истифода шавад.

Саркардагони Султон Муҳаммад ҳам ба итоати ӯ якдилу якзабон набуданд, дар маъракаҳои ҳалкунандаи ҷанг ба ӯ хиёнат карда, ба душманашон ёрӣ доданашон мумкин буд. Чунончи, вақте ки ӯ бо қарахитоиён ҷанг сар кард, ду нафар аз саркардагонаш ба хони қарахитоиён забон доданд, ки дар вақти гармии ҷанг ба тарафи ӯ гузаранд. Он саркардагон дар ҳақиқат ҳам ҳамин тавр карданд ва бо сабаби аз саф баромада, бо дастаи худ ба тарафи душман гузаштани он ду хоин лашкари султон шикаст хӯрд ва худаш дар миёни душманон монд. Аммо ба сабаби нашинохтани онҳо вай аз он таҳлука халосӣ ёфт.

Хулоса, на дар байни ҳокимони вилоятҳои Султон Муҳаммад ва на дар байни сараскаронаш ягонагии пурра набуд ва инчунин онҳо ба султон ҳам эътимод ва итоати комил надоштанд, ки дар рӯзҳои сахт ҳамаашон дар зери роҳбарияти ӯ аз як гиребон сар бароранд.

***Садриддин Айнӣ***

**212.** Матнро аввал хонед ва баъд нависед. Таъбирҳои онро ёфта шарҳ диҳед.

Он подшоҳ борҳо мегуфт, ки Камолиддин Ҳусейн, ки писари калони Низомулмулк аст, чашми рости ман аст ва писари хурди вай, ки Амидулмулк аст, чашми чапи ман аст. Ва Камолиддин Ҳусейн шеърро бағоят хуб мегуфт ва хуб мешинохт ва гуфтугӯи шеърияи ӯ ба масобае буд, ки дар маҷлисе, ки афозил сухани шеър дар миён меандохтанд, вай, ки ба сухан дармеомад (ҳама), мӯҳри сукут ба даҳон меандохтанд.

***Зайниддин Восифӣ***

**213.** Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Таъбирҳоро аниқ сохта, ҳини нақл аз онҳо истифода баред.

Дар ин фикру андеша буд, ки ҷамъе аз ҷавонон, ки парвонасифат бар ҳаволии шамъи шабистони ҷоҳу ҷалоли он подшоҳ мебуданд ва ба бобо Савдоӣ муҳаббате доштанд, вайро дар ғояти ошуфтагӣ диданд. Пурсиданд. Гуфт: «Эй дӯстони ман ва (эй) раёҳини бӯстони ҷони ман, то ғоят бо номус зистаам ва дар умри худ мағлубу залили ҳеҷ кас нагардидаам ва ҳеҷ кас бар ман зафар наёфта ва сарпанҷаи номуси маро касе натофта. Ҳоло ғаними ғолибе шуда ва ӯро подшоҳ бо ман дар мақоми муориза ва муқобила (дар) оварда». Ҷавонон гуфтанд, ки бобо шумо ғамгин набошед, ки Мавлоно Котибиро имшаб чунон машғул созем, ки вай асло ба шеър натавонад пардохт ва киштии андешаро дар баҳри шеър натавонад андохт ва шумо имшаб он қасидаро ба дилхоҳ тамом созед ва сабоҳ Котибиро дар маҷлиси подшоҳ дар доираи хиҷолат ва шармандагӣ андозед. Ин гуфтанд ва ба хонаи Котибӣ даромаданд, дар вақте ки чаҳор байт аз он қасида дар сулуки назм кашида буд...

***Зайниддин Восифӣ***

**214.** Аз матн таъбирҳоро пайдо карда шарҳ диҳед ва гӯед, ки онҳо дар услуби гуфтугӯӣ ҳам истифода мешаванд? Аҳамияти таъбирҳо дар ин матн аз чӣ иборат аст?

– Ҳа, – гуфт ангиштқаш ва овозашро пасттар карда илова намуд:

– Дузд то гулӯи миршабро рӯған карда наистад, дуздӣ карда наметавонад. Дуяш шарик. Дузд ҳам аз берун не, аз худи ҳамин корвонсарой, ман медонам. Ин ҷо дуздӣ якум бор шуда истодагиш не. Лекин ту ин гапро аз даҳонат набарор! Ту як бечораи ғариб менамоӣ, ман инро ба ту дилам сӯхта гуфта истодаам.

Ангиштқаш ба роҳаш рафтанӣ шуда хез зада ба хар савор шуду истода гуфт: – Каси молу чиз дузондагӣ агар баобрӯ бошаду ба Миршаб арз карда, – «дуздро доред, чизамро ёфта диҳед» – гуфта сахт истад, миршаб чизашро ёфта дода, аз вай пора мегирад. Аммо агар одами ландаҳӯр бошаду аз пайи моли дуздондагиаш наафтад, он моли дуздро саройбон қати миршаб обулой мекунанд.

***Сотим Улуғзода***

**215.** Таъбирҳоро хонед ва ҳар кадоми онҳоро аниқ сохта, аз ҷиҳати услуб ва хелҳо ҷудо кунед ва нависед.

Чашми корро донистан, ранги касе кандан, аз роҳ задан, барги сабз, ҳалвои бедуд, ба мурод расидан, ба дунё омадан, бо як чашм дидан, курта-курта гӯшт гирифтан, устухони касеро хоидан, шикамтанбӯр навохтан.

**216.** Матнро хонда, мазмунашро нақл кунед. Таъбирҳоро ёбед ва бо ҷумлаҳояш навишта, маъно ва вазифаю аҳамияти онҳоро шарҳ диҳед.

Аз қазо он рӯз Гавҳарбону, ки духтари подшоҳи Яман буд, ба сайри боғ мерафт, бинобар он мардум аз дӯконҳо рафта буданд.

Шоҳзода меомад, то ба чаҳорсӯйи шаҳр расид. Чӯбдастдорон дар ин вақт аз пеш расиданд. Ҳар кадом чӯбе дар даст пеши шоҳзода расиданд. Шоҳзода ҳаракатҳои девонагӣ карда истод. Ясавулҳоро хуш омад, ӯро ҳеҷ нагуфтанд. Баъдаҳу хоҷасароёну канизону духтарон расиданд... Шоҳзода дид, ки қариб сад нафар зану духтарони соҳибҷамол ҳама музайян расиданд. Дар миёни онҳо дид, ки саворе меояд, ки аз шаъшаи ҷамолаш хонаи торик мунаввар мешуд. Шоҳзода мисли девонагон ҳаракат мекард.

Гавҳарбонуро назар ба шоҳзода афтод, дид, ки аҷаб девонаи ширинҳаракат, бисёр ӯро хуш омад, тез-тез ба шоҳзода нигарист ва бунёди ханда кард. Шоҳзодаро назар ба он раъно афтод, дид, ки як нозаниндухтаре, болобланде, абрӯкамande, лабҳо чу қанде, пистадаҳоне, мӯрчамиёне, сарви нозе, таннозе, ақиқлабе, тӯтизабоне, ороми ҷоне, симғабғабе...

Чунон нозаниндухтаре, ки чашми модари рӯзгор чунин раъное надида, назода ва гӯши даврон бад-ин зебоӣ нашунида.

**БАЙТ**

Ширинлабу шакаршикан, сарвқомате,
Кӯтоҳ кунам ҳадис, ба хубӣ қиёмате.

Он нозанин ҷилвакунон табассум кард, ба шоҳзода менигарист. Шоҳзода дил аз даст дода, дар доми ишқи нозаниндухтар гирифтор шуда мегуфт:

Ба як омадан бибурдӣ дилу ҷони Қосим,
Ку зияд, агар бад-ин сон ду-се бор хоҳӣ омад.

Он нозанин нек мулоҳаза кард ва гуфт: – Ин Маҷнуни кадом Лайлист? Аммо шоҳзода ончунон аз ишқи он духтар маст шуда буд, ки асло аз худ хабар надошт...

*аз «Ҷомеулҳикоят»*

**Ба савол ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Бо калимаи **музайян** (ороста) ҷумлае тартиб диҳед.
2. Сифатҳои матнро ёбед ва гӯед, ки дар матн бештар кадом навъи сифатҳо истифода шудаанд?
3. 3. Хабари ҷумлаи охирро муайян кунед.

**217.** Таъбирҳоро хонда, маънои онҳоро шарҳ диҳед. Гӯед, ки кадоме аз онҳо ба ҳамдигар муродиф мешаванд?

Пили дамон, шери жаён, бори накав, аз ақл бегона шудан, салмаи сақат, нияти холис, ба майнаи касе халал расидан, дили соф, аз самими қалб, аз таҳти дил, балои ногаҳонӣ, қазои осмонӣ.

**218.** Муродифҳои таъбирҳои зеринро ёбед ва нависед. Таъбирҳои асосии онҳоро таъкид карда шарҳ диҳед.

Ҷигар хун кардан, дарди дил кардан, нури дида, дарди дил гуфтан, ҷон додан.

Масалан: ҷон додан – чашм пӯшидан, бандагиро ба ҷо овардан, ба макони абадӣ рафтан, аз дунё рафтан, аз олам гузаштан.

**219.** Порчаи шеърӣро ифоданок хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Таъбирҳояшро ёфта шарҳ диҳед ва гӯед, ки онҳо ба шеър чӣ муассирияте бахшидаанд.

Ба пирони забун кун дастгирӣ,
Ки дар пирӣ бидонӣ қадри пирӣ.
Макун худро миёни анҷуман ҷой,
Макаш беш аз гилеми хештан пой.
Машав бартаринишин аз пояи хеш,
Талаб кун ҷинси худ, ҳамсояи хеш.
Ба ҷойи худ нишин з-он беҳ, ки хонанд,
Зи боло боз дар зерат нишонанд.
Нигаҳ дор аз пароканда забонро,

Маяфкан дар ҳалокат ҷисму ҷонро.
Зи ҳазлу лоғи ту озор хезад,
Мазоқи сард оби рӯ бирезад.

***Носири Хусрав***

**Луғат**

**забун –** нотавон, заиф
**лоғ–** ҳазлу, шӯхӣ
**озор –** ранҷ, ғам
**мазоқ –** ҳазл, зарофат

**220.** Матнро хонда, мазмуни онро нақл кунед ва номи муносиб гузоред. Ба мазмуни матн тақлид карда, калимаеро шарҳ диҳед ва мазмуни мухтасари онро нависед.

Аксарияти халкҳои ҷаҳон идҳои бузург ва идҳои хурд доранд. Иди бузург одатан бо оғоз ё хотимаи ин ё он мавсим, корҳои саҳрои̣, ҳодисаи муҳиме дар ҳаёти халқ вобаста аст. Масалан, қариб ҳамаи халқҳо аввали солро ҳатман қайд менамоянд. Барои халқҳои эронинажод соли нав аз лаҳзаҳои баробар шудани рӯзу шаби баҳорон оғоз меёфт.

Табиати инсон чунин аст, ки ба идҳои камшумори сари чанд моҳ оянда қаноат карда наметавонад. Ба ӯ ақаллан ҳафтае як рӯзи истироҳат лозим аст. Асосгузорони динҳо инро ба этъибор гирифта, охири ҳафтаро рӯзи як навъ иди хурд муқаррар карда буданд. Чунончи яҳудиён рӯзи шанберо аз давраҳои қадимтарин ин ҷониб ҳар як ҳафта ид мекунанд. Насрониҳо бошанд, рӯзи якшанберо ид мешуморанд. Дар рӯзи ҷумъа мусулмонон одатан ба намози якҷоя ҷамъ шуда либоси тоза мепӯшанд ва таъоми дӯстдоштаашонро мепазанд. Ҳамин рӯзи ҷумъа аз қадимулайём ба арабӣ явмуззинат, яъне рӯзи ороиш ҳам номида мешуд. Эрониён бошанд, онро рӯзи **один** ё худ **одина** меномиданд.

Расми дар рӯзи ид зебу зинат додани макони худ ҳанӯз дар Эрони бостон вуҷуд дошт. Бинобар ин, ба назар чу-

нон мерасад, ки **явмуззинат** бояд тарҷумаи ибораи **рӯзи одина** бошад.

Одати дар номи фарзанд сабт намудани рӯзи фархунда маҳз дар байни халқҳои эроннажод маъмул буд. Ҳамчунин кӯдаки дар рӯзи иди мусулмонии ҷумъа таваллудёфтаро дар ноҳияҳои шарқии Эрон ва Осиёи Миёна номи **Одина** медодагӣ шуданд. Шоёни қайд аст, ки дар марказҳои Мовароуннаҳр ин ном чандон маълум набуд. Аз эҳтимол дур нест, ки калимаи **один, одина** ба расму оини тоисломӣ хеле вобастагӣ дошта, дар кишварҳое, ки аҳолиашон саросар мусулмон буданд, чандон истеъмол намешуд.

Ифодаи **оинабандӣ** аслан **оҷинабандӣ** ё худ **одинабандӣ** буда, маънои зинат доданро дорад.

***Олим Ғафуров***

**221.** Матнро хонед ва мазмуни онро бо иловаи худ нақл кунед. Сифат ва аҳамияти онро пурра баён созед. Калимаи **Хизолат-ро** муфассал маънидод намоед.

**222.** Порчаи манзумро бихонед ва маънидод кунед. Сохти калимаи **судхӯрон**-ро муайян намоед.

Дӯсти бад бошад зиёнкор, эй писар!
Ту тамаъ з-он дӯст бардор, эй писар!
Ҳар кӣ мегӯяд бадиҳои ту фош,
Дӯст машмораш, бад-ӯ ҳамдам мабош!
Дӯстӣ ҳаргиз макун бо бодахор!
Аз чунин кас хештанро дур дор!
Мунъиме гар мекунад тарки закот,
Дур аз вай бош, то дорӣ ҳаёт.
Дур шав з-он кас, ки хоҳад аз ту суд!
Гар сари худ ба қадамҳои ту суд.
Эй писар, аз судхӯрон кун ҳазар!
Хасми эшон шуд Худои додгар.
Он ки аз мардум ҳамегирад рибо,
Зинҳор ӯро нагӯйӣ марҳабо!

***Фаридаддини Аттор***

**Луғат:**

**мунъим** – давлатманд
**закот** – чиҳилум ҳисса аз мол, ки баъд аз соле дар роҳи Худо диҳанд
**рибо** – фоида

**223.** Матнро хонед ва гӯед, ки чӣ натиҷа бардоштед. Дар яке аз мавзӯъҳое, ки бароятон наздик аст, иншо навишта ба кӣ пайравӣ карданатонро муфассал баён созед. Мазмуни матн дуруст аст ё не?

Хотираҳои айёми кӯдакӣ ва ё навҷавонӣ ҳамеша тозаю равшан монда, як умр дар олами хаёлот нақши поянда мегузоштааст. Махсусан, агар хотира ё худ дидаю шунидаҳоятон бо ҳодисаҳои романтикӣ ва далерию корнамоиҳо сахт пайванд бошад. Ҳар он кас, ки дар айёми наврасӣ қиссаю афсонаҳои аҷибу ғароиб шунида бошад, бешубҳа, ба корнамоию паҳлавонӣ, вафодорию омодагӣ барин хислатҳои қаҳрамонона пайравӣ кардан мехоҳад. Бале, ҳаёти одамон пур аз ҳодисаю воқеаҳои ҷолибу рангин аст, табиист, ки ҳар яки мо пас аз гузашти солҳо, ёди рӯзҳои бароямон азизу ширинро ихтиёр мекунем. Хотираҳои нек рӯҳи одамонро сабзу дилашонро ба зиндагӣ гарм мегиранд.

***Меҳмон Бахтӣ***

**224.** Матнро хонед ва ба ҷумлабандию ифодаҳо диққат диҳед. Аниқ созед, ки дар матн бештар кадом навъи ҷумлаҳо истифода шудаанд? Чаро?

Шервон бирафт ва Марзбоншоҳ ба шаҳр омад ва шабу рӯз ба доду адл машғул шуд. Дар ҳафта ду навбат боргоҳ сохтӣ ва умарои давлат ҳозир кардӣ, ба тартиби мулк будӣ, то ду моҳ ба ин кор баромад. Нишони фарзанд ба Гулнор падид омад. Мӯътамадон (эътимоднок)-и сарои хос хабар бо шоҳ бурданд, ки нишони фарзанд ба Гулнор падид омад. Шоҳ аз он хуррамӣ дари ганҷ бикшод ва мол

ба дарвешон дод. То бад-ин кор нӯҳ моҳ баромад. Ногоҳ вақте аз авқот, ки офтоб баромад, асари зодан ба Гулнор падид омад. Ин хабар ба Марзбоншоҳ бурданд. Бифармуд, то мунаҷҷимон ва ҳукамо ҳозир оварданд. Ва дар ҳуҷраи занон бифармуд, то ташти заррин бинҳоданд аз баҳрашон ва хизрони симин дар дасти нозирон, то чун фарзанд падидор шавад, қазиб (шохи дарахт) бар ташт зананд, то овоз ба гӯши ҳокимон расад ва толеи фарзанди шоҳ ба даст оваранд. Ва бад-ин тартибу зинат Гулнор бор ниниҳод. Писаре аз вай дар вуҷуд омад, чун сад ҳазор нигористон. Мунаҷҷимон толеъ бигирифтанд. Пас дарҳол доя биёмад ва ӯро дар қамат (парпеч) печид ва ба хидмати шоҳ овард ва он соат, ки фарзанд моҳрӯй дар канори шоҳ хобонид, офтоб ба рухсори Марзбоншоҳ тобид. Барнигарид, офтоб дид. Фарзанди худро Хуршедшоҳ ном ниҳод, бӯсаи меҳр бар ҷамоли вай дод ва ӯро боз ба доя дод.

***аз «Самаки айёр»***

**Ба савол ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Ҷумлаи аввалро аз назари наҳв таҳлил намоед.
2. Муродифҳои **падин омадан**-ро ёбед ва бо яке аз онҳо ҷумла тартиб диҳед.
3. **Хуршедшоҳ**-ро таҳлили сарфӣ кунед.
4. **Ташт** гуфта чиро дар назар доранд?

**225.** Матнро ифоданок хонед ва ба истифодаи калимаҳо таваҷҷӯҳ кунед. Гӯед, ки дар он дар хусуси кадом фасли сол сухан меравад.

... Ба фасле чунин фарруху созманд
Ба бӯстон шудам зери сарви баланд.
Зи бӯйи гулу сояи сарву бун
Ба булбул даромад нишоти сухун.
Ба гул чидан омад арӯсе ба боғ,
Фурӯзандарӯе чу равшанчароғ.
Сари зулф дар атф доманкашон,

Зи чеҳра гул, аз ханда шаккарфишон.
Рухе чун гулу бар гул овард х (в) ай,
Ба ман дод ҷоме пур аз ширу май.
Ки бар подшоҳи ҷаҳон нӯш кун,
Ҷуз ин ҳар чӣ дорӣ, фаромӯш кун.
Нишастам ҳаме бо ҷаҳондидагон,
Задам дастони писандидагон.
Ба чандин суханҳои зебову нағз,
Ки полудам аз чашмаи хуну мағз.
Ҳанӯзам забон аз сухан сер нест,
Чу бозу бувад боки шамшер нест.
Басе ганҷҳои куҳан сохтам,
Дар ӯ нуктаҳои нав андохтам.

***Низомии Ганҷавӣ***

**226.** Ҳикояро хонед ва ба ҷумлабандию тарзи баёни фикр диққат диҳед. Аз рӯйи мушоҳидаи худ бо матнҳои имрӯза бигӯед, ки кадом аз онҳо хушоянду дилпазиранд. Чаро?

Бозаргонеро дидам, ки саду панҷоҳ шутур бор дошт ва чиҳил бандаву хидматгор. Шабе дар ҷазираи Кеш маро ба ҳуҷраи хеш даровард Ҳама шаб наёрамид аз суханҳои парешон гуфтан, ки фалон анборам ба Туркистон аст ва фалон бизот ба Ҳиндустон ва ин қиболаи фалон замин аст ва фалон чизро фалон замин . Гоҳ гуфтӣ: хотири Искандария дорам, ки ҳавое хуш аст. Боз гуфтӣ: на, ки дарёи Мағриб мушавваш аст. Саъдиё, сафаре дигар дар пеш аст. Агар он карда шавад, бақияти умри хеш ба гӯшае бинишинам. Гуфтам: – Он кадом сафар аст?

Гуфт:

– Гӯгирди порсӣ хоҳам бурдан ба Чин, ки шунидам, қимате азим дорад ва аз он ҷо косаи чинӣ ба Рум оварам ва дебои румӣ ба Ҳинд ва фӯлоди ҳиндӣ ба Ҳалаб ва обгинаи ҳалабӣ ба Яман ва бурди яманӣ ба Порс ва з-он пас тарки тиҷорат кунам ва ба дӯконе бинишинам. Инсоф, аз ин молихулиё чандон гуфт, ки беш тоқати гуфтанаш намонд.

Гуфт:

– Эй Саъдӣ, ту ҳам сухане бигӯй аз онҳо, ки дидаӣ ва шунидаӣ.

Гуфтам:

Он шунидастӣ, ки дар ақсои Ғӯр
Борсолоре бияфтод аз сутур.
Гуфт: «Чашми танги дунёдӯстро
Ё қаноат пур кунад, ё хоки гӯр».

***Саъдии Шерозӣ***

**Луғат:**

**бизоат** – мол ва асбоб
**қабола** – заминнома, хати шаръӣ
**обгина** – шиша, бӯлур
**бурди яманӣ** – навъе аз ҷомаи мухаттат, ки аз Яман оранд
**сутур** – шутуру асп
**молихулие** – номи маразест, яъне савдоӣ
**аксо** – гӯшаю канор – ҷойҳои дурдасти дунё
**борсолор** – саркорон

**Ба савол ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Дар ҷумлаи аввал ихтисори чиро мушоҳида кардед? Чаро нависанда ин корро раво донистааст?
2. Ҷумлаи ҳафтумро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.
3. Қитъаи дар охири ҳикоя бударо аз нигохи сарф (морфология) таҳлил кунед

**227.** Матнро бодиққат хонед ва дар асоси фикри аз он бардоштаатон иншое нависед, ки чунин гуфтаро собит намояд.

Дуруст мегӯяд Носир Аббос. Мансаб, ҳокимият ба сари одамон, ҳатто амали начандон бузург ҳам маҳаки одамшиносист.

Мисли маҳакест, ки ба зари холис бирасад, ҷилои онро биафзояд ва ба тиллои носара бирасад, мисашро

бароварад. Мансаби баланд одами асил, назарбаландро ғайрату ҳиммати нав, наҷобат ва вусъати тоза, назари боз ҳам волотар ато кунад. Ноаслу ноаҳлро худ масту беёд ва хонахароб созад, ки нашъамандро расвои олам гардонад.

***Фазлиддин Муҳаммадиев***

## ТАКРОРУ ҶАМЪБАСТИ МАВОДИ ОМӮХТА

**228.** Ҳикояро бихонед ва маънидод кунед. Гӯед, ки аз он чӣ хулоса баровардед. Хулосаатонро мухтасар нависед.

Баландахтаре, номи ӯ Бахтиёр,
Қавидастгаҳ буду сармоядор.
Ба кӯйи гадоён – дараш хона буд,
Зараш ҳамчу гандум ба паймона буд.
Ҳам ӯро дар он буқъа зар буду мол,
Дигар тангдастони баргаштаҳол.
Чу дарвеш бинад тавонгар ба ноз,
Дилаш беш сӯзад ба доғи ниёз.
Зане ҷанг пайваст бо шӯи хеш,
Шабонгаҳ чу рафташ тиҳидаст пеш.
Ки кас чун ту бадбахту дарвеш нест,
Чу занбӯри сурхат ба ҷуз неш нест.
Биёмӯз мардӣ зи ҳамсоягон,
Ки охир наям қаҳбаи ройгон.
Касонро зару симу мулк асту рахт,
Чаро ҳамчу эшон най некбахт?
Баровард софидили сӯфпӯш
Чу табл аз тиҳигоҳи холӣ хурӯш,
Ки ман дасти қудрат надорам ба ҳеҷ,
Ба сарпанҷа дасти қазо бармапеч.
Накарданд дар дасти ман ихтиёр,
Ки мар хештанро кунам бахтиёр...
Наёяд накӯкорӣ аз бадрагон,
Муҳол аст дӯзандагӣ аз сагон.
Ҳама файласуфони Юнону Рум
Надонанд кард ангабин аз зақум.

Зи ваҳшӣ наёяд, ки мардум шавад,
Ба саъй андар ӯ тарбият гум шавад.
Тавон пок кардан зи занг оина,
Валекин наёяд зи санг оина.
Ба кӯшиш нарӯяд гул аз шохи бед,
На зангӣ ба гармоба гардад сапед.
Чу рад менагардад хаданги қазо,
Сипар нест мар бандаро ҷуз ризо.

***Саъдии Шерозӣ***

**Луғат:**

**буқъа** – замин, ҷой, олам, хона
**қаҳба** – пиразан, аҷуза; зани сабукпо, фоҳиша
**ройгон** – муфт, маҷҷонӣ
**рахт** – коло, асбобу анҷом
**хаданги қазо** – тири аҷал
**дасти қазо** – ҳукми азалӣ
**бадра** – ҳамён, халтаи тилло ва танга
**зақум** – дарахти заҳршира, чизи талху заҳрдору кушанда

**229.** Матнро хонда, моҳияти онро мухтасар нависед. Гӯед, ки ба ин матн чӣ ном муносиб аст? Дар матн бештар кадом навъи ҷумлаҳо истифода шудаанд?

Яке аз қуззот бидуни гирифтани ришва коре сурат намедод ва мураттабан ҳақро бо ришва ноҳақ мекард. Рӯзе марде мӯҳтоҷ ба ин шуд, ки санадашро қозӣ тасдиқ намояд. Вай чандин рӯз омадурафт кард ва оқибат натиҷа гирифт, то ин ки рӯзе кӯзае аз асал бардошта ба хидмати қозӣ рафт ва бо додани он санадро ба имзо расонида баргашт.

Фардои он рӯз, ки дигаре кӯзаи қаймоқе барои қозӣ ба унвони таоруф оварда буд, қозӣ дастур дод, ки асалро биёваранд, ки миқдоре аз он бо қаймоқ махлут карда тановул кунад. Вақте сари кӯзаро боз карданд, диданд, ки мӯҳтавии он як банди ангушт асал ва боқӣ гил аст.

Қозӣ, ки аз гӯл хӯрдани худ комилан хашмгин шуда буд, навкарашро фиристод, то ба ҳар навъ аст, санадро

аз он мард гирифта биёварад. Навкар пас аз таҷассуси зиёд соҳиби асалро ёфта гуфт: – Қозӣ арз карданд, ки дар санади шумо иштибоҳе рух дода, онро барои ислоҳ назди ман биёваред.

Он мард гуфт, ки хидмати қозӣ саломи маро расонида, бигӯед: «Иштибоҳ дар санад нест, ҳар иштибоҳе ҳаст, дар кӯзаи асал аст».

*аз «Зарбулмасал ва мақолҳо»*

**Ба савол ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. **Санад**-ро маънидод кунед.
2. Муродифҳои **тановул кардан**-ро ёбед ва ҷумлаҳо гӯед.
3. **Гӯл хӯрдан** чӣ маъно дорад?
4. **Навкар**-ро аз ҷиҳати сохт муайян созед.

**230.** Матнро хонед ва моҳияти онро нақл кунед. Гӯед, ки матлаби ин матн чист? Дар бораи аҳамияти илм иншое нависед.

Овардаанд, ки чун Аристотолисро вафот наздик омад, писарро пеши худ хонд ва гуфт: «Эй писар, дар асрори улум ва дақоиқи ҳикмат умри худро базл кардам ва бисёр гиреҳҳо ба нури ҳикмат кушода гардонидам, валекин маргро ҳеҷ ҳилат надонистам.

Агар сад кӯҳ бояд канд фулод,
Забун бошад ба **дасти одамизод.**
Чӣ чора, к-он бани одам надонад
Ба ҷуз мурдан, к-аз бечора монад.

Пас, бидон, ки изз ва давлате, ки аз мол бувад, зуд фонӣ шавад ва нест гардад. Иззат ва шараф дар илм аст, ки аз таҳвил ва интиқол ва фано ва завол берун аст ва ба тағайюри рӯзгор ва табаддули давлатҳо интиқол напазирад.

Эй писар, подшоҳон падари туро бузург доштанд ва падари ту яке аз раияти эшон буд ва раияти подшоҳон мулкро ибодат кунанд ва парастанд. Ва миёни обид ва маъбуд тафовути бисёр аст. Агар падари туро илму адаб набудӣ, ӯ мар мулукро мисоли харе будӣ боркаш ё парастанда бандае будӣ коркун.

Пас, илм ба ҳосил кун, то шарафу иззат биёбӣ ва аз мазаммати хумулӣ халос ёбӣ».

*Муҳаммад Авфӣ*

**Луғат:**

**Аристотолис** (384-322 пеш аз мелод) – яке аз барҷастатарин файлусуфони Юнони қадим
**базл** – сарф, харҷ
**изз** – изат ва арҷмандӣ
**раият** – табаа, мардуми фармонбардор, тобеъ
**обид** – ибодаткунанда, парастанда, худопараст
**маъбуд–** парастиш кардашуда, чизе, ки онро парастиш мекунанд
**хумулӣ** – гумномӣ, пастӣ, торикӣ

**Ба савол ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Замони феълҳои сарсатри аввалро шарҳ диҳед.
2. **Пасту хор будани фӯлод дар назди одам**-ро чӣ тавр мефаҳмед?
3. **Ба нури ҳикмат кушодани гиреҳ**-ро маънидод карда, бо он ҷумла тартиб диҳед.

**231.** Матнро хонед ва гӯед, ки аз он чӣ натиҷа гирифтед. Ба матн ном гузоред! Дар хусуси меҳнат кардан ва асоси зиндагӣ будани он иншое нависед.

Овардаанд, ки дар боғе булбуле бар шохи дарахте ошёнае дошт. Иттифоқан, мӯре заиф дар зери он дарахт хона сохт ва аз баҳри чандрӯза мақом маскан пардохт. Булбул шабу рӯз гирди гулистон дар парвоз омад ва барбати нағамоти дилфиреб дар соз овард ва мӯр ба ҷамъи нафақоти лайлу наҳор машғул гашта ва ҳазордастон дар

чаману боғ бо овози хеш ғарра шуда. Булбул бо гул рамзе мегуфт ва боди сабо дар миёна ғамза мекард. Чун он мӯри заиф нози гулу ниёзи булбул мушоҳида мекард, ба забони ҳол мегуфт:

– Аз ин қилу қол чӣ кушояд, кор дар вақти дигар падид ояд. Чун фасли баҳор рафт ва мавсими хазон даромад ва хор ҷойи гул бигирифт ва зоғ дар мақоми булбул нишаст. Боди хазон дар вазидан омад ва барг аз дарахт резидан гирифт, рухсораи барг зард шуд ва нафаси ҳаво сард гашт, аз каллаи абр дур мерехт ва аз ғирболи ҳаво кофур мебехт.

Ногоҳ булбул дар боғ омад, на ранги гул дид ва на бӯйи сунбул шунид. Забонаш бо ҳазордастон лол бимонд. На гул, ки ҷамоли ӯ бинад ва на сабза, ки камоли ӯ нигарад. Аз бегулӣ тоқаташ тоқ шуд ва аз бенавой аз наво фурӯ монд. Ёдаш омад, ки охир рӯзе мӯре дар зери ин дарахт хонае дошт ва дона ҷамъ мекард. Имрӯз ҳоҷат бар дари ӯ барам ва ба сабаби курбу ҳаққи ҷавор чизе талабам. Булбули гурусна пеши мӯр рафту гуфт:

– Эй азиз, саховат нишонаи бахтиёрист ва сармояи комгорӣ. Ман умри азизи худ ба ғафлат мегузоштам ва шабу рӯз ба ҳарза бонг медоштам, ту зиракӣ мекардӣ ва захира меандӯхтӣ. Чӣ шавад, агар имрӯз аз он насиба каромат кунӣ!

Мӯр гуфт:

– Ту шабу рӯз дар қол будӣ ва ман дар ҳол. Ту лаҳзае ба таровати гул машғул будӣ ва даме наззора мағрур. Намедонистӣ, ки «ҳар баҳореро хазоне ва ҳар роҳеро поёне бошад».

Он вақт, ки чиқ-чиқи мастонат буд, ёди зимистон набуда.

***аз «Зарбулмасал ва мақолҳо»***

**232.** Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед ва дар хотир нигоҳ доред. Дар хусуси одоби салом бо калонсолон иншое нависед. Гӯед, ки бо кадом навъи ҷумлаҳо фикр ифода шудааст ва чаро маҳз чунин навъ ҷумлаҳои пайрав мувофиқанд.

Агар пурсанд, ки дар чанд мавзеъ салом бояд кард, бигӯй дар ҳафт мавзеъ. Аввал, чун бародари тариқро бинӣ, салом бояд кард. Дуюм, чун дар роҳ равӣ, ба одамон салом бояд кард. Сеюм, чун ба дари хонаи бародар равӣ, салом бояд кард ва инро саломи истизон (иҷозат хостан) гӯянд. Чаҳорум, чун ба ҷамъе дарой, салом бояд кард. Панҷум, чун аз мавзее, ки нишастӣ, бархезӣ ва ҷамъе он ҷо бошанд, салом бояд кард ва инро саломи видоъ гӯянд. Шашум, чун ба мақбарае расад, салом бояд кард. Ҳафтум, чун ба хонаи худ дарояд, бар аҳли байти худ салом кунад.

Агар пурсанд, дар чанд мавзеъ салом набояд кард, бигӯй дар панҷ мавзеъ. Аввал, дар ҳаммом. Дуюм, бар касе, ки ба қазои ҳоҷат машғул бошад. Сеюм, ба қуръонхон. Чаҳорум, ба намозгузор. Панҷум, бар занони номаҳрам. Ва агар дар ин мавзеъҳо касе салом кунад, ҷавоб надиҳанд, осим (гунаҳкор) набошанд.

***Ҳусайн Воизи Кошифӣ***

**233.** Матнро хонед ва маънидод кунед. Гӯед, ки феълҳои чида ба матн чӣ муассирияте бахшидаанд. Барои оромии кишвар чӣ бояд кард?

Исфандиёр чандин рӯзу шаб хобро фаромӯш карда, лашкари парешонро аз ҳар ҷониб дар даруни бораи шаҳр гирд овард, сафҳои гусастаро ба ҳам пайваст, сипоҳдорон ва паҳлавонони зиндаро бар сари гурӯҳҳои сипоҳ гузошт, боли рости лашкарро ба бародараш Фаршевард ва боли чапро ба амузодааш Настур писари Зарир супурд, сипас зиреҳу хафтони пӯлодин дар бар кард, кулоҳи ромӣ бар сар ниҳод ва бар аспи оҳансуми майдонтоз барнишасту сӯйи лашкар хитоб кард:

«Эй далерон! Аз марг натарсед! Одамӣ бе замон намемирад ва агар замонаш расад, чӣ беҳтар аст аз мурдан дар майдони ҷанг!

Сари найзаҳоро ба разм афканед!<br>Замоне бикӯшеду мардӣ кунед!».

Сипоҳи ӯ донист, ки бо чунин солор яқинан зафар хоҳад кард. Бо фармони Исфандиёр якбора дарвозаҳои шаҳрро боз карданд, лашкар ба тундӣ берун ҷаста, бо хашму ситез бар ӯрдуи истилогарон тохт. Худи Исфандиёр пешопеши лашкар рустамона шамшер мезад, найза меандохт, гурз мекӯфт, сарони сипоҳи душманро ба каманд мегирифт. Нахуст Фаршеварди шуҷоъ боли чапи душманро шикаст дода парешон кард, сипас Исфандиёр қалби онро шикофт.

Ӯрдуи хоқон тоб наёвард, сафҳояш гусаст, воҳима ва парешонӣ бар вай даст дод. Сипоҳсолори вай Бедурафш дар набарди тан ба тан бо Исфандиёр кушта гардид, хоқон Арҷосп рӯ ба гурез овард, он гоҳ бақияи лашкари ӯ силоҳ афканд ва таслим шуд.

Халқ ва кишвар аз таҳлука растанд.

***Сотим Улуғзода***

**Луғат:**

**бора** – девори гирдогирди шаҳр
**корзор** – майдони ҷанг
**хафтон** – ҷомаи сипоҳиён, ки аз таги зиреҳ мепӯшанд
**таҳлука** – азобу шиканҷа; нобудӣ

**234.** Матнро хонда, мазмуни онро нақл кунед. Моҳияти асосии порча дар кадом байт баён ва ҷамъбаст шудааст?

Баччагӣ бигзашт бо дарду алам,
Монда гулро хӯшачинӣ кардаам.
Баски будам танбараҳна, пойлуч,
Барф дида хонашинӣ кардаам.
Чун падарро бурд марги бемаҳал,
Зиндагӣ омад ба дӯши ман гарон.
Ҳар чи фармуданд, овардам ба ҷо,
То ки ёбам баҳри худ як пора нон.
Гаҳ бари гаҳворае бигрифта ҷо,
Алла гуфтам баччаи ҳамсояро.
Дар лабонам бӯи шири модарам
Кардам иҷро корҳои дояро.
Дар лабонам бӯи шири модарам

Рӯи хирман кардаам шабҳо саҳар.
Дар туфулӣ ҳамчу хирмакӯби пир
Гуфтаам ман «майда» бо сӯзи ҷигар,
Гашт модар ҳам ба ҳар кӯю даре,
Ҷомашӯӣ, пинадӯзӣ менамуд.
Гӯиё бо нӯги сӯзан рӯзу шаб
Баҳри тифлон ҷамъ рӯзӣ менамуд.
Солҳо рафтанду шуд даврон дигар,
Нони гандум шуд фаровон дар диёр.
Ҳар кас, к-аз таҳти дил меҳнат кунад,
Мешавад аз меҳнати худ комгор.
Баски мебинам кунун бо чашми худ,
Хони пурнеъмат ба ҳар як хонадон.
Гашт маълумам, ки дар он солҳо
Ҷанг хӯрда Ошу нони баччагон.

***Ҳикмат Раҳмат***

**Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришҳоро иҷро кунед:**

1. Ба матн чӣ ном мувофиқ аст? Онро дар матн ҷӯед.
2. **Бо нӯги сӯзан рӯзӣ ҷамъ намудан**-ро шарҳ диҳед.
3. Сабаби камбуди нону фақириро шоир дар чӣ дида-аст? Ба гуфтаи шоир розиед ё не?
4. Барои хубу ором зистан чӣ бояд кард?

## МУНДАРИҶА

Имлои ҳарфи ӣ ........................................................................4
Ҳарфи ӯ ва имлои он ...............................................................16
Ҳодисаҳои фонетикӣ ...............................................................24
Аломати сакта ва имлои он .....................................................35
Имлои исм ва сифат ................................................................40
Феъл ва имлои он ....................................................................51
Шумораву ҷонишин ва имлои онҳо ........................................66
Зарф ва имлои он .....................................................................81
Пешоянду пасоянд ва имлои онҳо .........................................90
Пайвандак ва имлои он ...........................................................99
Имлои ҳиссача ва нидо ..........................................................107
Одоби муошират ....................................................................117
Ҳуҷҷатҳои расмӣ ....................................................................127
Нақл ........................................................................................136
Санъатҳои бадеӣ ....................................................................146
Таъбир ва хусусиятҳои он .....................................................160
Такрору ҷамъбасти маводи омӯхта .......................................175

**Саидамир Аминов**

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Жалпы білім беретін мектептің
10-сыныбына арналған оқулық

*(тәжік тілінде)*

Құрастырушы *Ф.А. Алимжанова*

Редакторы *С. Икромӣ*
Көркемдеуші редакторы *Н. Тазабеков*
Техникалық редакторы *З. Бошанова*
Компьютерде беттеген *Д. Мансурова*

Корректорлары
№35 Б.Ғафуров атындағы мектептің директоры
*Т.С. Михридинова,*
филолог-маман (тәжік тілі), директордың оқу ісі жөніндегі орынбасары *Г. Акрамова*

Теруге 10.12.2011 жіберілді. Басуға 27.08.2013 қол қойылды. Қалыбы 84х108 $^{1}/_{32}$. Офсеттік қағаз. Қаріп түрі «Times New Roman Tj». Офсетті басылым. Есепті баспа табағы 11,5. Шартты баспа табағы 9,7. Таралымы 211 дана. Тапсырыс №

Қазақстан Республикасы. «Жазушы» баспасы.
050009, Алматы қаласы, Абай даңғылы, 143-үй.